**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



**УДК: 349.2**

**ББК:67.405(2)7(тоҷик)**

**341.3 (575.3)**

**М – 19**

**МУЗАФАРЗОДА МАРҶОНАИ ШАРИФБЕГ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

Диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Маҳмадуллозода Н.Р.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ........3**
**МУҚАДДИМА...........................................................................................4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН...........................................................................................20**
1.1. Мафҳум, моҳият ва мақомоти шарикии иҷтимоӣ............................20
1.2. Пайдоиш ва таҳаввули назариявию ҳуқуқии институти шарикии иҷтимоӣ...........................................................................................................35
1.3. Принсипҳо ва шаклҳои шарикии иҷтимоӣ.......................................53
**БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ.........................................................................................................78**
2.1. Санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ҳамчун асоси ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ...........................................................................................................78
2.2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ...87
2.3. Шартномаҳои коллективӣ ва моҳияти онҳо дар низоми шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи локалӣ.........................................................................99
**БОБИ 3. СУБЪЕКТҲОИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.................................................................118**
3.1. Мафҳум, аломатҳо ва таснифи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ......118
3.2. Ҷойгоҳи давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ .............................127
3.3. Намояндагони кормандон ва корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ .134
3.4. Таҳаввули нақши субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонӣ ва платформаҳои меҳнат.........................................................160
**ХУЛОСА**..........................................................................................170
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.....................177
Руйхати адабиёти истифодашуда.........................................................179
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия..............................................199

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** - Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**СММ -** Созмони Милали Мутаҳид

**ИДМ -** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ТБМ -** Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат

**АМИТ –** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии хеш баҳри ташаккул ва рушди низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ сиёсати пайгирона ва маҷмӯи тадбирҳои сохторӣ, меъёрэҷодкунӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқиро амалӣ намудааст. Дар натиҷа, муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши иҷтимоию меҳнатӣ ба сифати яке аз бахшҳои муҳими низоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоии давлат рушду такомул ёфта, нақши дар таъмин намудани суботи иҷтимоӣ, ҳимояи манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ сол ба сол меафзояд.

Рушди устувор ва ҳамаҷонибаи ҷомеа, инчунин дурнамои пешрафти давлатдории миллӣ, ба сатҳи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ вобастагии мустақим дорад. Ташаккули муносибатҳои меҳнатӣ дар давраи муосири рушди Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар заминаи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва ислоҳоти пайдарпайи ҳуқуқӣ марҳилаи нави танзими ин муносибатҳо шакл гирифтааст. Дар ин раванд нақши роҳбарикунандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муайян намудани самтҳои стратегии сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ назаррас буда, натиҷаҳои он дар таҳкими заминаҳои конститутсионӣ ва рушди низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи меҳнат таҷассум ёфтаанд.

Дар ин раванд ҳуқуқи меҳнат ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, қонунгузорӣ оид ба меҳнати мамлакат дар заминаи арзишҳои бунёдии соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ташаккул ёфта истодааст. Ин арзишҳои бунёдии ҳуқуқи меҳнат баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат мустаҳкам гардиданд.

Дар аксарияти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, доир ба рушду инкишофи институти шарикии иҷтимоӣ, олимон таҳқиқиқоту таҳлилҳо гузаронида, назарияҳои маъмулу мухталиф пешниҳод

намудаанд. Равандҳои таҳқиқотӣ-илмии рушду инкишофи институти шарикии иҷтимоӣ дар замони муосир натанҳо аҳамияти хешро ба ҳайси объекти таҳлили илмӣ аз даст надодаанд, баръакс, таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони ватанию хориҷиро бештар ба худ ҷалб намудаанд. Омили асосии таваҷҷуҳи бештар ба рушду инкишоф ва танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар ҳама марҳилаҳо дар он аст, ки иҷтимоиёт ҷузъи таркибии ҳаёти инсон буда, ҷомеаи муосирро бе он тасаввур намудан номумкин аст.

Новобаста аз он, ки институти шарикии иҷтимоӣ барои Тоҷикистони пасошӯравӣ падидаи нисбатан нав маҳсуб мешавад, он дар замони соҳибистиқлолии кишвар вобаста ба шароиту омилҳои ин марҳила то дараҷае рушд намудааст. Бо назардошти аҳамияти он, айни замон масъалаҳои рушду тавсеаи низоми шарикии иҷтимоӣ ба сифати яке аз бахшҳо ва ҳадафҳои муҳими стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [47] ва дар «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [50] муайян шудаанд. Дар баробари ин, дар танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар мамлакат мушкилоти зиёди хусусияти назариявӣ ва амалидошта ҷой доранд, ки барои рушди бонизом ва самараноки он монеа мегарданд. Аз ҷумла, такмилталаб будани танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, бахусус номукаммалии дастгоҳи мафҳумии он, то охир коркард нашудани механизмҳои ҳуқуқии равандҳои шарикии иҷтимоӣ омили асосии қафомонии рушди муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити муосири гузариш ба бозори нави меҳнат дар кишвари мо мебошад. Ҳанӯз ҳам принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мавқеи пурра нагирифтаанд ва ба таври зарурӣ татбиқ намешаванд. Заминаҳои муносиби ҳуқуқии механизмҳои шарикии иҷтимоӣ – комиссияҳои сетарафа, дутарафа, мақомоти арбитражӣ, мақомоти созишу оштикунонӣ ва ё ризоиятӣ пурра таҳия нашудаанд, ҳамзамон дурнамои самтҳои рушди онҳо муайян нестанд, ки дар амалия ин механизмҳо самараи дилхоҳ надоранд. Вазъи ҷойдошта

тақозо мекунад, ки консепсияи муосири илмии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад, ки он мувофиқ ба равандҳои тағйирпазирии хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ бошад.

Бинобар ин, таҳқиқи маҷмуӣ ва ҳаматарафаи танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ вазифаи муҳими ҳуқуқи меҳнат арзёбӣ мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуъ.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар илми ҳуқуқи меҳнати ватанӣ то имрӯз мавриди таҳқиқоти алоҳидаи илмии ҳамаҷониба ва маҷмӯӣ қарор нагирифтаанд. Танҳо дар баъзе маъхазҳои илмӣ, таълимӣ ва таълимию методӣ паҳлуҳои алоҳидаи институти шарикии иҷтимоӣ аз ҷониби олимони ватанӣ Ғ.М. Бобокалон, Э.Б. Буризода, Н. Шонасридинов [149, с. 12-18], Р.Б. Бозоров [112], Н.Р. Маҳмадуллозода ва С. Х. Наботов [83], Мирзозода Ш.М. [154], Д.Қ. Назарзода [155] ва З.З. Нозакзода [159] мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, муҳаққиқон М.А. Маҳмудзода, Б.Т. Худоёрзода, С. Муқимӣ, Д. Ҳошимзода [86, с. 504-507], инчунин Н. Шонасридинов, Ғ.М. Бобокалон ва Н.Р. Маҳмадуллозода [110, с. 827] тафсири Фасли IV Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудаанд, ки дар маҷмӯъ меъёрҳои марбут ба шарикии иҷтимоиро дар бар мегирад.

Институти шарикии иҷтимоӣ дар маҷмӯъ ва ҷанбаҳои алоҳидаи он ба таври амиқ ва ҳамаҷониба аз ҷониби олимони хориҷӣ Е.М. Акопова ва С.Н. Еремина [59], Е.Н. Бондаренко [118], С.Ю. Головина [90], Г.П. Зинченко [71], М.В. Лушникова [79], Н.Л. Лютов [81], М.А. Малышев [153], В.А. Михеев [89], Ф.П. Витко [67], И.О. Снигирева [97], А.И. Сайдахмедов [157], С.Ю. Чуча [108, 144] мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти М.А. Малышев аз Федератсияи Россия (диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи “Партнерство в системе социально-трудовых отношений, соли 2008) ва таҳқиқоти Сайдахмедов А.И. аз Ҷумҳурии Узбекистон

(диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи “Партнерство в Республике Узбекистан, Российской Федерации, Республике Казахстан: сравнительно–правовой анализ, сол 2011)-ро бояд махсус қайд намуд, ки дар ин асарҳо маъалаҳои шарикии иҷтимоӣ мукаммалтар таҳлил шуда, аҳаммияти муҳими таҳқиқотӣ доранд.

Таҳқиқоти зикршуда барои омӯзиши мукаммал ва фарогири институти шарикии иҷтимоӣ заминаи мусоиди илмӣ фароҳам оварда, ба ташаккули фаҳмиши амиқ ва ҳамаҷонибаи моҳият, сохтор ва механизмҳои амалишавии он мусоидат менамоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади таҳия намудани асосҳои назариявӣ ва коркарди пешниҳоду тавсияҳои илмию амалӣ ҷиҳати такмили механизми танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом дода мешавад, ки ба баланд бардоштани самаранокии он дар муносибатҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои вазифаҳои зерин муайян шудаанд, ки барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқотӣ нигаронида шудаанд:

- омузиши асосҳои назариявӣ-илмии мафҳум, мазмун, моҳият ва табиати институти шарикии иҷтимоӣ, муайянсозии фаҳмиши классикӣ ва муоисири он;

- таҳлил ва арзёбии пояҳои ҳуқуқии танзимкунандаи шарикии иҷтимоӣ бо дарназардошти стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ;

- омӯзиш, таҳлил ва тасифи принсипҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, ошкорсозии мазмун ва моҳияти онҳо;

- таҳқиқ ва таҳлили стандартҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки муносибатҳоро дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ танзим мекунанд;

- таҳлил ва муайян намудани ҷойгоҳи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ва мақоми ҳуқуқии онҳо;

- омузиши таҳаввули нақши субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонии соҳаи меҳнат;

- таҳияи хулосаву пешниҳодҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати коркарди консепсияи муосири илмии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссератсиониро маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба амалӣ намудани шарикии иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, ки асосҳои ҳуқуқии танзими масъалаҳои шарикии иҷтимоиро ташкил медиҳанд, инчунин назария ва амалияи институти шарикии иҷтимоиро дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ анҷом дода шудааст. Кор оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2020 оғоз гардидааст, ки онро маводи довталаб оид ба ин мавзуъ тасдиқ менамоянд. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ тасдиқ карда шудааст (протоколи № 10 аз 27.02.2024). Таҳқиқоти диссертатсионӣ ду марҳилаи таърихиро фаро мегирад: марҳилаи якум, аввали асри асри IXX - пайдоиш ва ташаккулёбии институти шарикии иҷтимоӣ ва замони Шуравӣ; марҳилаи дуюм, давраи рушди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне давраи Истиқлоли давлатӣ, ки дар ин давра институти шарикии иҷтимоӣ бо вижагиҳои хоси худ ташаккул ёфта,

қонунгузории танзимкунандаи он дар шакли хос инкишоф гардида, дар айни замон заминаи ҳуқуқии созгорро ҷиҳати танзими он фароҳам овардааст. Ҳамзамон, дар марҳилаи дуюм институти шарикии иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хоса дошта, ба сифати танзимкунандаи муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, ки барои иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои давлатии хос аҳаммияти махсусро доро мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмӯи асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла корҳои илмии Ғ.М. Бобокалон, Э.Б Буризода, Р.Б. Бозоров, М.А. Маҳмудзода, Н.Р. Маҳмадуллозода, Б.Т. Худоёрзода, Д.Қ. Назарзода, З.З. Нозакзода, Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев), Н. Шонасридинов, Е.М. Акопова, В.В. Берви-Фреловский, Е.Н. Бондаренко, Н. Бунге, Ф.П. Витко, С.Ю. Головина, С.Н. Еремина, Г.П. Зинченко, Е.А. Килимова, М.В. Лушникова, Н.Л. Лютов, Н. Макиавели, М.А. Малышев, В.А. Михеев, В.А. Сафонов, А. Смит, И.О. Снигирева, С.Ю. Чуча ва дигарон ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро як қатор усулҳои илмие ташкил медиҳанд, ки ба таҳлил ва таҳқиқоти бонизом ва мақсадноки масоили институти шарикии иҷтимоӣ равона гардидаанд. Дар раванди таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ба мисли диалектика, индуксия, дедуксия ва синтез ва усулҳои хоси ҳуқуқӣ ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, низомнок ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шарикии иҷтимоӣ, санадҳои дахлдори байналмилалӣ ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар Тоҷикистон нахустин таҳқиқоти муҷтамаъи илмие мебошад, ки дар он паҳлуҳои гуногуни масоили шарикии иҷтимоӣ мавриди пажӯҳиши ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳия ва асоснок намудани консепсияи мукаммали доктриналии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи меҳнат, ки дорои табиати мураккаби меъёрӣ ва функсионалӣ мебошад, ифода меёбад. Шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун воситаи мувофиқсозии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, балки ҳамчун механизми мустақили байниниҳодии ҳамоҳангсози манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ, асоснок гардидааст. Мазмуни ҳуқуқии мафҳумҳои «муколамаи иҷтимоӣ» ва «музокироти коллективӣ» кушода шуда, бори аввал дар илми ватанӣ таснифи мушаххаси назариявию ҳуқуқии мафҳуми «шарикии иҷтимоӣ» пешниҳод мегардад. Бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, мазмун ва сохтори принсипҳои шарикии иҷтимоӣ мушаххас ва такмил дода шудаанд. Зарурати таҳкими меъёрии принсипҳои баробарҳуқуқии тарафҳо, озодии музокироти коллективӣ ва иштироки воқеии кормандон дар идоракунии ташкилот дар сатҳи қонунгузорӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешиҳодшаванда:** Муқаррароти илмии зерин, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар бар мегиранд, барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1. Мафҳум ва моҳияти хусусиятҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамчун институти ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати назариявӣ дақиқ ва ба низом дароварда шуда, имкон дод, ки аломатҳои хоси он бо назардошти низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва аз институтҳои ҳуқуқии ҳаммонанд дар соҳаҳои вобастаи ҳуқуқ фарқ карда шавад. Равиши ҳамгиро дар фаҳмиши тавозуни иҷтимоӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ аз мавқеи шарикии иҷтимоӣ асоснок карда мешавад, ки ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва масъулияти тарафҳои

шарикии иҷтимоӣ - давлат, намояндагони кормандон ва корфармоёнро дар бар мегирад. Хусусиятҳои нави рушди шарикии иҷтимоӣ дар шароити муосири иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон муайян ва тавсиф гардидаанд, аз ҷумла: - таъсири гузариши бозори меҳнат ба шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории тарафҳои шарикии иҷтимоӣ; - тағйирёбии нақши иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён дар танзими баҳсҳои меҳнатӣ; - тақвият ёфтани иштироки давлат дар муколамаи иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисод.

Хусусиятҳои сохтори шарикии иҷтимоӣ ошкор карда шуд, ки он маҷмуи мақомот ва ташкилотҳоро дар бар гирифта, аз ҳисоби намояндагони кормандон, корфармоён ва давлат барои танзими муносибатҳои асосан иҷтимоӣ-меҳнатӣ ташаккул ёфта истодааст.

Дар маъхазҳои илмӣ ва таълимии ватанӣ ва хориҷӣ мазмуни ҳақиқии шарикии иҷтимоӣ ба таври гуногун ва дар аксар маврид таҳриф шуда, ғалат маънидод мешавад. Бо назардошти ин, зимни таҳқиқ чунин таркибҳои асосии мазмуни мафҳуми мазкур маълум карда шуданд: 1) ҳамкории мутақобилаи иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, аз ҷумла кормандон, корфармоён, мақомоти давлатӣ ва иттифоқҳои касаба; 2) мавзуи танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар бар мегирад; 3) хусусияти танзими ҳуқуқӣ дар бахши шарикии иҷтимоӣ бо табиати муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, меҳнатӣ ва шарикӣ муайян карда мешавад; 4) ҳадафи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ таъмини тавозуни иҷтимоӣ тавассути ҳамоҳангсозии манфиатҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ мебошад, ки он аз амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон бар асоси кафолатҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеояд.

Муайян гардид, ки таърифи истилоҳи “шарикии иҷтимоӣ”, ки дар банди шастуҳаштуми қисми 1 моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [26]

(минбаъд КМ ҶТ) дода шудааст, мазмуни ҳуқуқии ин падидаро пурра ва мукаммал ифода намекунад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мафҳуми зерини “шарикии иҷтимоӣ” пешниҳод гардид, ки ба андешаи мо метавонад дар таҳқиқоти илмии ин самт ва инчунин дар амалияи қонунгузорӣ мавриди истифода қарор гирад: “Шарикии иҷтимоӣ - низоми муносибатҳои байни кормандон (намояндагони кормандон), корфармоён (намояндагони корфармоён), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад, ки ба таъмини ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон ва корфармоён оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевоситаи ба онҳо алоқаманд, дар асоси қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷуҳурии Тоҷикистон эътирофшуда равона гардидааст”. Ҳамчунин, маълум гардид, ки номгуи принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ, ки дар моддаи 298 КМ ҶТ дарҷ шудааст, пурра ва мукамал нест. Ба назари мо, ба маҷмӯи ин принсипҳо инчунин бояд “принсипи кафолати таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ” ва “принсипи мусоидати давлат ба таҳким ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар асосҳои демократӣ” илова карда шавад.

2. Ҷойгоҳ ва нақши шартномаи коллективӣ дар низоми муосири шарикии иҷтимоӣ муайян карда шуд, ки он ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дар сатҳи ташкилоти мушаххас ва нисбати гуруҳи муайяни кормандон ва корфармо танзим менамояд. Меъёрҳо ва муқаррароти шартномаи коллективӣ, ки мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ба имзо расидаанд, барои ташкилот ҳатмӣ мебошанд, ва ҳамзамон бо ин меъёрҳо вазъу шароити кормандонро нисбат ба меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун коста карда наметавонад. Хусусияти меъёрии ҳуқуқии шартномаи коллективӣ ошкор карда шуд, ки он бо чунин аломатҳо ва нишонаҳо исбот карда мешавад: 1) бо меъёрҳои шартномаи коллективӣ нишондодҳо ва меъёрҳои қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат мушаххас карда мешаванд; 2) тавассути шартномаи коллективӣ холигиҳои

ҷойдошта дар санадҳои меъёрии дорои қувваи баландтари ҳуқуқӣ пурра ва возеҳ карда мешаванд; 3) бо шартномаи коллективӣ тарафаҳо имкон доранд то сатҳи ҳуқуқу кафолатҳои меҳнатии кормандонро дар ташкилот баланд бардоранд, барои кормандон имтиёзҳои гуногун ва афзалиятҳои иловагиро вобаста ба хусусияти кор ва вазъи иҷтимоии онҳо муқаррар намоянд.

Чунин тақсимбандии субъектҳои шарикии иҷтимоӣ пешниҳод мегарданд: 1) кормандон ва мақомоти намояндагии онҳо; 2) корфармоён ва иттиҳодияҳои корфармоён; 3) мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат амалӣ менамоянд. Тақсимоти мазкур ба модели классикии трипартизм, ки бо санадҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат муайян шудааст, пурра мувофиқат менамояд. Қайд мегардад, ки ҳамкории тарафҳои шарикии иҷтимоӣ - кормандон ва корфармоён бо ёрии намояндагони ваколатдори онҳо сурат мегирад. Аммо, мақоми ҳуқуқии намояндагон фарқ дошта, онҳо тарафи шарикӣ нестанд ва ваколатдоранд, ки аз номи кормандон ва корфармоён ва танҳо ба манфиати онҳо амал намоянд.

Муайян гардид, ки давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ мавқеи марказӣ ишғол намуда, ҳамзамон дар симои қонунгузор, ҳамоҳангсоз ва кафили таъмини риояи ҳуқуқҳои иҷтимоию меҳнатӣ амал мекунад. Давлат бо иҷрои нақши шарики муҳими иҷтимоӣ мавқеи худро «болотар аз ҷомеа» нигоҳ медорад, зеро вазифаи асосии давлат дар танзими муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ин миёнаравӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқасозии манфиатҳо мебошад. Дар номгӯи вазифаҳои асосие, ки давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ иҷро мекунад, метавон ҳамоҳангсозии амал ва саъю кӯшиши муштараки шарикони иҷтимоӣ, мусолиҳаи тарафҳо, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятиро махсусан таъкид кард. Табиист, ки чунин вазифаҳоро танҳо шарики махсусе иҷро карда метавонад, ки дар ҷомеа мавқеи бартариятнокро ишғол менамояд.

3. Мақомоти намояндагии кормандон дар низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дошта, ҳамчун ниҳоди асосии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии кормандони кироя баромад мекунанд.

Иштироки онҳо дар музокироти коллективӣ, бастани созишномаҳо ва шартномаҳо, инчунин дар фаъолияти мақомоти сеҷониба ба мувофиқа расидани манфиатҳои тарафҳо ва пешгирии баҳсҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мусоидат менамояд. Ин мақомот дар ташкилотҳо аз ҷониби коллективҳои меҳнатӣ интихоб мешаванд, ки дар фаъолияташон ба корфармо, мақомоти давлатӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ тобеият надоранд, қонунгузорӣ ҳамагуна дахолат ба фаъолияти онҳоро аз ҷониби мақомоти давлатию ҷамъиятӣ манъ намудааст. Ҳамзамон, имконияту иқтидори намояндагони кормандон ба таври пурра истифода намешавад, ки ин ҳолат ба нокифоя будани устувории ташкилӣ, маҳдуд будани захираҳо ва сатҳи пасти огоҳии ҳуқуқии кормандон вобаста аст.

Аломатҳо ва шартҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии иттиҳодияҳои корфармоён ҳамчун субъекти шарикии иҷтимоӣ таҳлил ва муайян шудаанд. Вазифаҳои иттиҳодияҳои корфармоён аз муттаҳид намудани корхонаҳо, рушди стратегии онҳо, густариши заминаи аъзогӣ ва ҳамзамон таҳкими иқтидори худ барои дар баробари ҳукумат ва иттифоқҳои касаба ширкат намудан дар таҳияи сиёсати меҳнатӣ ва иҷтимоӣ иборат аст. Як қатор мушкилоти хусусияти назариявӣ ва амалидошта дар ин самт ошкор гардидаанд. Исбот гардидааст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» [38] дар маҷмуъ барои фаъолияти ин иттиҳодияҳо замина гузоштааст, принсипҳои умумии ин самтро муқаррар намудааст, аммо механизмҳои самаранокро барои таъмини намояндагии воқеии ин иттиҳодияҳо дар муносибатҳои иҷтимою меҳнатӣ эҷод намекунад. Ин омил ба тавлиди шумораи зиёди иттиҳодияҳои корфармоёни иқтидорашон паст имкон додааст, ки дар амалия чунин иттиҳодияҳо метавонанд дар шарикии иҷтимоӣ ҷониби корфармоёни як соҳаи калонро намояндагӣ намоянд. Чунин иттиҳодияҳо дар асл масъулияти ҷониби корфармоёнро тибқи созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ иҷро карда наметавонанд. Ба назари мо зарур аст, ки барои интихоби намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ дар сатҳои соҳавӣ ва

минтақавӣ аз меъёрҳои «иттиҳодияи намояндаи аксарият» кор гирифта шавад. Мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки ҳангоми интихоби иттиҳодияҳо ба ҳайси намояндаи корфармоён дар низоми шарикии иҷтимоӣ як қатор меъёрҳои асоснок ба инобат гирифта шаванд. Аз ҷумла, ба чунин меъёрҳо метавон шумораи умумии кормандони ташкилотҳои аъзои иттиҳодия, сатҳи фарогирии ҳудудӣ, доираи соҳаҳои фаъолият, инчунин таҷрибаи амалии иштирок дар музокиротҳоро мансуб донист. Чунин меъёри миқдорӣ ва сифатии намояндагӣ бояд бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён” муқаррар карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки доираи муайяни ташкилотҳое, ки ҳаққи интихобии овоздиҳӣ ва имзои созишномаҳоро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ доранд, муайян карда шавад.

4. Низоми шарикии иҷтимоӣ зери таъсири рушди зеҳни сунъӣ ва таъсири он ба соҳаи меҳнат ба мушкилот ва чолишҳои нав рӯ ба рӯ аст. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ барои низоми шарикии иҷтимоӣ мушкилоти нав эҷод мекунад ва тақозо мекунад, ки нақши ҳамаи иштирокчиёни он аз нав дида баромада шавад. Дар ин марҳила вазифаи давлат ҳамчун субъекти шарикии иҷтимоӣ аз таҳия ва татбиқи чаҳорчӯбаи стратегии танзимкунандаи шуғли фосилавӣ ва платформавӣ, таъмини инфрасохтори рақамӣ ва таҳияи барномаҳои бозомӯзии кормандон иборат аст. Давлат бояд ҷиҳати муқаррар кардани кафолатҳо барои "кормандони рақамӣ" ва усулҳои ҳимояи онҳо муколамаи сеҷонибаро тақвият диҳад. Нақши нави иттиҳодияҳои корфармоён таҳияи стандартҳои ахлоқӣ барои истифодаи зеҳни сунъӣ ва идоракунии алгоритмӣ, лоббигарӣ барои ҳалли мутавозини танзимкунанда ва таблиғи беҳтарин таҷрибаҳо дар истифодаи кори фосилавӣ мебошад. Иттифоқҳои касаба дар ҳифзи ҳуқуқҳои қувваи кории "ноаён" (кормандони фосилавӣ) бо мушкилоти асосӣ мувоҷеҳ буда, вазифаҳои онҳо таҳияи шаклҳои нави ҷалб ва намояндагӣ барои кормандони платформаҳои рақамӣ, гуфтушунид дар бораи ҳуқуқҳои рақамӣ (ҳуқуқи қатъ кардани робита, ҳуқуқи махфияти рақамӣ) ва назорати хатарҳои равонӣ-иҷтимоии марбут ба назорати рақамиро дар бар

мегиранд. Хулоса мешавад, ки рақамисозӣ моҳият ва рисолати шарикии иҷтимоиро аз байн намебарад, балки онро дигаргун мекунад. Муваффақиятҳои ин гузариш ва мутобиқшавӣ ба ин раванд аз қобилияти субъектҳои дахлдор барои гузаштан аз моделҳои анъанавӣ ва якҷоя ташаккул додани "санади шарикии иҷтимоии рақамӣ"-и нав вобаста хоҳад буд. Дар ин росто, ба роҳ мондани таҳқиқоти илмӣ барои омӯхтани усулу воситаҳои мушаххаси танзимкунанда барои иқтисоди платформавӣ муҳим буда, дар заминаи хулоса ва пешниҳодҳои асосноки илмӣ таҳия намудани созишномаҳо ва шартномаҳои соҳавии электронии озмоишӣ дар бахшҳое, ки бештар аз рақамикунонӣ осебпазиранд, ногузир аст.

Бо назардошти ин, дефинитсияи "шартномаи коллективии электронӣ" пешниҳод карда мешавад, ки ба назари мо он барои истифода дар таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, муҳокима ва баррасии он дар муколамаҳои шарикии иҷтимоӣ, инчунин истифодаи он ҳамчун заминаи консептуалии дастгоҳи мафҳумии қонунгузорӣ муҳим аст: «**Шартномаи коллективии электронӣ** - шакли электронии шартномаи коллективӣ мебошад, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва дар асоси қонунгузории меҳнат байни корфармо ва намояндагони кормандон баста шуда, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла шароити меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии тарафҳоро танзим менамояд».

Бинобар сабаби такмилталаб будани танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, бахусус номукаммалии дастгоҳи мафҳумии он, то охир коркард нашудани механизмҳои ҳуқуқии равандҳои шарикии иҷтимоӣ ҳануз ҳам дар мамлакат муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ниҳоят суст инкишоф ёфта истодаанд. Принсипҳои он амалӣ намегарданд, механизмҳои шарикӣ – комиссияҳои сетарафа, дутарафа, мақомоти арбитражӣ, мақомоти созишу оштикунонӣ ва ё ризоиятӣ самараи дилхоҳ надоранд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур бо назардошти дурнамои самтҳо ва равишҳои рушди муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ зарурати таҳия ва қабули Консепсияи рушди низоми

шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат асоснок карда мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар шакли тавсияҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда манзур гардидаанд, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд. Онҳоро метавон дар раванди омӯзиш ва пажӯҳиши масоил ва паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, ҳамчунин дигар илмҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра истифода намуд. Ба таври мушаххас бошад, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун сарчашмаи илмӣ имкон дорад, ки дар раванди таълими фани «Ҳуқуқи меҳнати ҶТ» ва курсҳои махсуси «Ҳуқуқи корпоративии ҶТ», ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамзамон, хулоса ва тавсияҳои илмии дар натиҷаи пажӯҳиши масъалаи институти шарикии иҷтимоӣ бадастомадаро метавон дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар, ҳамзамон амалияи фаъолияти мақомотҳои алоқаманд, аз ҷумла, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, мақомоти назорати риоя ва иҷрои қонунгузории меҳнат, корфармоён, намояндагони корфармоён, иттифоқҳои касабаи ташкилотҳо, нозироти техникию меҳнатии онҳо ва ғайра истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо услуби хоси илмӣ таҳия гардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои дар он бадастомада дар заминаи таҳқиқ ва таҳлили ҳамаҷониба ва воқеии назариявӣ ва амалӣ сурат гирифтааст. Махсусан, истифодаи самаранок ва васеи усулҳои мухталифи илмӣ имкон дод, ки сарчашмаҳои боэътимоди илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ истифода гардида, мафҳумҳо ва хулосаҳои асоснок ва боэътимоди илмӣ вобаста ба вазъи институти шарикии иҷтимоӣ таҳия ва манзур гардад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти қонунгузории амалкунанда таҳия

гардида, дурнамои рушди он дар заминаи таҳқиқи воқеъбинонаи масоили болозикр дар шакли хулосабарорӣ ва тавсияҳои илмӣ муайян гардиданд, ки сатҳи эътимоднокии таҳқиқоти мазкурро инъикос менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Хулоса, тавсияҳо ва навгониҳои илмии манзуршуда, ки дар заминаи онҳо мафҳумҳо ва андешаҳои илмии муаллифии масоили пажӯҳишгардида таҳия гардидаанд, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ташкил медиҳад. Як қатор масъалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расида, ҳамзамон маърузаҳои илмӣ вобаста ба он дар доираи чорабиниҳои илмии мухаталиф, ба монанди мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ мавриди муҳокимаронӣ қарор дода шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусиии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода, муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияву семинарҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии зерин дар шакли маърӯзаҳо манзур шудаанд:

- IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Р.С. Мулукаев (ш. Душанбе, 18 апрели соли 2025);

-семинари байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи меҳнат дар давлатҳои ИДМ: чолишҳои муосир ва роҳҳои муносибсозӣ", (ш.Душанбе, 16 октябри соли 2025);

- конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» (ш. Душанбе, 5 декабри соли 2025);

- VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон. Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 10 декабри соли 2025).

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба масъалаҳои мухталифи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ таҳия гардидааст, ки аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии таҳқиқот, 201 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

## БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

### 1.1. Мафҳум, моҳият ва мақомоти шарикии иҷтимоӣ

Дар амал мафҳуми шарикии иҷтимоӣ дар аксар мавридҳо ба таври нодуруст тафсир мегардад, аз ҷумла он ҳамчун ҳар гуна шакли ҳамкорӣ – хоҳ ҳамкории дохиликорпоративӣ ва ё ҳамкории умумии иҷтимоӣ бо дигар ташкилотҳо маънидод карда мешавад. Дар натиҷа, моҳият ва мазмуни воқеии шарикии иҷтимоӣ таҳриф ёфта, аз муҳтавои аслии ҳуқуқӣ ва институтсионии худ дур мегардад.

Аз лиҳози таърихӣ, мафҳуми шарикии иҷтимоӣ ҳамчун падидаи аксуламал ба ихтилофҳои иҷтимоии синфӣ ва инқилобӣ, ҳамчун роҳи ҳалли ихтилофҳо дар муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва сармоядорон ба вуҷуд омадааст. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки буҳрон ва таназули консепсияҳои давраи классикии эъмори давлати иҷтимоӣ, давлати некуаҳволӣ ва равандҳои навсозии зарурати ҷустуҷӯи равишҳо ва механизмҳои нави рушди иҷтимоиро дар миён гузошт. Дар зери таъсири маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташаббусҳо оид ба муттаҳидшавии шаҳрвандон дар доираи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ фаъолона ташаккул ёфтанд.

Бо дарназардошти ин, шарикии иҷтимоӣ дар марҳилаи оғози ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли низоъ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳою мавқеи тарафҳои даргир, ба ноил шудан ба консенсус ва созиш равона гардид.

Мафҳуми шарикии иҷтимоӣ бори аввал дар моддаи 4-и Конвенсияи № 98 Ташкилоти байналмилалии меҳнат (минбаъд ТБМ) аз соли 1949 «Дар бораи татбиқи принсипҳои ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ва гузаронидани музокироти коллективӣ»[12] асос ёфта, ҳамчун таҳкими ҳуқуқҳои асосии коргарон ва кафолатдиҳии иштироки онҳо дар муколамаи иҷтимоӣ эътироф шудааст. Ин  Конвенсия, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 26 ноябри соли 1993

тасдиқ кардааст, дар таҳия ва устуворсозии асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии институти шарикии иҷтимоӣ дар мамлакат нақши калидӣ. Он на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ ва механизми татбиқи ҳуқуқи муттаҳидшавӣ ва музокироти коллективиро муқаррар мекунад, балки заминаи ҳуқуқии ҳамкорӣ байни кормандон, корфармоён ва давлатро ба сифати принсипи асосии танзими муносибатҳои меҳнатӣ фароҳам меорад. Бо такя ба муқаррароти мазкур, метавон таъкид намуд, ки ба зиммаи давлатҳо уҳдадорӣ гузошта мешавад, то тадбирҳои зарурӣ ва муассирро ҷиҳати ҳавасмандсозӣ, инчунин мусоидат ба рушди фарогир ва татбиқи амалии шартномаҳои коллективӣ амалӣ намоянд. Чунин шартномаҳо, тибқи моҳияти худ, дар заминаи гуфтушунидҳои ихтиёрӣ миёни корфармоён ё намояндагони онҳо аз як тараф, ва намояндагии кормандон, аз тарафи дигар, бо мақсади танзими шароити меҳнат тавассути бастани шартномаҳои коллективӣ амалӣ мегарданд.

Ба мафҳуми шарикии иҷтимоӣ, инчунин, дар Конвенсияи №154 ТБМ аз соли 1981 «Дар бораи мусоидат ба музокироти коллективӣ» ва Тавсияи №163 «Дар бораи гуфтушунидҳои коллективӣ» ишора рафтааст.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикии иҷтимоиро ҳамчун шакли ҳамкории мутақобила ва фаъолонаи иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ муайян карда мешаванд, ки фаъолият ва амали онҳо ба ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқ сохтани манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидааст. Ин меъёр на танҳо заминаи ҳуқуқии таъмини ҳамкории мутақобилаи субъектҳои меҳнатиро фароҳам меорад, балки ҳамчун механизми татбиқи принсипҳои баробарӣ, ҳамкорӣ ва иштирок дар идоракунии муассисаҳо дар системаи муосири муносибатҳои меҳнатӣ нақши назаррас дорад.

Инчунин, фаҳмиши мафҳуми созишномаи коллективӣ дар сатҳи илми муосири ҳуқуқи меҳнат ва қонунгузории давлатҳои муосир гуногун арзёбӣ гардида, вобаста ба низоми ҳуқуқӣ, анъанаҳои ҳуқуқӣ ва низоми шарикии иҷтимоӣ дорои тафсирҳои мухталиф мебошад.

Ҳар як давлат дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати худ муносибатҳои меҳнатиро бо тарҳи барои худ сохтаи он муқаррар намудааст. Хусусан, давлатҳои пасошӯравӣ, ки асосан роҳи иқтисоди бозориро барои худ пеша намудаанд, қонунгузорӣ оид ба меҳнати худро таҳия намуда, мавриди амал қарор додаанд ва дар асоси онҳо мафҳуми созишнома муайян гардидааст.

Дар қонунгузории бисёр давлатҳои пасошӯравӣ низ мафҳуми созишнома ба таври нисбатан яксон муқаррар гардидааст. Аз нигоҳи мазкур гуфтан мумкин аст, ки мутобиқи моддаи 46 Кодекси меҳнати Федератсияи Россия аз 30 декабри соли 2001 №197-ФЗ [27], сархати 8 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Қазоқистон аз 23 ноябри соли 2015 №414 [33], моддаи 358 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Беларус аз 26 июли соли 1999 №296-З [28] ва моддаи 46 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 4 августи соли 2004 №106 [29], мафҳуми созишнома аз лиҳози мазмун ва мақсади ҳуқуқӣ ба мафҳуми созишномае, ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, шабоҳати назаррас дорад.

Бояд гуфт, ки мафҳуми шарикии иҷтимоӣ дар Кодекси меҳнати Федератсияи Русия ҳамчун «низоми муносибатҳои байниҳамдигарии кормандон (намояндагони кормандон), корфармоён (намояндагони корфармоён), мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, ки ба таъмини мувофиқати манфиатҳои кормандон ва корфармоён аз рӯи масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, нигаронида шудааст»[27], тавсиф гардидааст.

Шарикии иҷтимоиро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Беларус ҳамчун шакли ҳамкории мақомотҳои идоракунии давлатӣ, иттиҳодияҳои кирокунандагон, иттифоқҳои касаба ва дигар мақомотҳои мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ваколатдоркардашудаи кормандон барои ифодаи манфиатҳои онҳо (субъектҳои шарикии иҷтимоӣ) дар раванди таҳия ва амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки асосан ба манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нигаронида шуда, нақши фаъол доранд, муайян намудааст[28]. Дар ин замина,

давлат дар соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо истифода аз механизмҳои музокира ва машваратҳои муташаккилона ба таври муассир амал мекунад.

Дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Ӯзбекистон мафҳуми созишнома пешбинӣ нашудааст. Дар моддаи 80 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Ӯзбекистон мафҳуми созишномаҳои коллективӣ дода шудааст, ки он чунин пешбинӣ гардидааст: "Созишномаи коллективӣ санади ҳуқуқӣ оид ба меҳнат мебошад, ки муносибатҳои меҳнатии инфиродӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии бевосита ба онҳо алоқамандро танзим намуда, уҳдадориҳои тарафҳоро оид ба муқаррар намудани шароити меҳнат, шуғл ва кафолатҳои иҷтимоии кормандон дар сатҳи ҳудудию соҳавӣ ва ҷумҳуриявӣ дар бар мегирад ва бо мақсади ба ҳам мувофиқ кунондани манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии кормандон ва корфармоён баста мешавад" [30].

Дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Туркманистон мафҳуми созишнома пешбинӣ нашудааст. Аммо дар моддаи 355 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Туркманистон мафҳуми созишномаҳои коллективӣ оварда шудааст, ки дар он омадааст: "Созишномаи коллективӣ санади ҳуқуқие мебошад, ки уҳдадориҳоро оид ба муқаррар намудани шароити меҳнат, шуғл ва кафолатҳои иҷтимоии кормандон ва корфармоёни соҳа ё ҳудуди муайян дар бар мегирад" [31].

Тафовути мафҳуми созишномаи коллективӣ дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Туркманистон пешбинишуда аз давлатҳои дар боло зикргардида дар он мебошад, ки намудҳои созишномаҳо дар меъёрҳои моддаҳои алоҳида муқаррар шудаанд, чунинчи: моддаи 356 ба созишномаи генералӣ, моддаи 357 ба созишномаҳои соҳавӣ (байнисоҳавӣ) моддаи 358 ба созишномаи минтақавӣ бахшида шудааст[31].

Тибқи таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат дар Ҷумҳурии Арманистон, мафҳуми созишнома ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ мустақилона пешбинӣ нагаштааст. Дар ҳамин замина, Боби 9-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Арманистон [32] ба танзими шартномаҳои коллективии

ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ ихтисос дода шуда, се моддаро дар бар мегирад. Моддаи 47 доираи амалӣ шудани шартномаҳои коллективии ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавиро муайян мекунад, моддаи 48 субъектҳои иштирокдори чунин шартномаҳоро муайян менамояд ва моддаи 49 мазмун ва унсурҳои мундариҷаи шартномаҳои коллективии ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавиро фароҳам меорад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 303 КМ ҶТ мазмуни ҳамагуна созишномаро шартҳои он ташкил медиҳанд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои онро муайян менамоянд. Шартҳои созишнома вобаста ба тартиби муқаррар шуданашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Якум, шартҳои дар қонун муқарраршуда ва бо тақозои қонун ба созишнома воридшаванда. Дуюм, шартҳои бо созиши ҷонибҳо муайян ва дар созишнома инъикосшаванда. Гурӯҳи дуюми шартҳои созишнома, дар навбати худ, ба шартҳои зарурӣ ва иловагӣ ҷудо мешаванд.

Илова бар ин, бо мақсади таҳлили ҳамаҷонибаи табиати ҳуқуқии созишнома, мафҳум ва мазмуни он тибқи меъёрҳои қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ низ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Масалан, моддаи 153 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Қазоқистон бо унвони «Мазмуни созишномаи шарикии иҷтимоӣ» муқаррар гардида, дар он ду маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Тафовути мафҳуми созишномаи коллективии дар қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинишуда нисбат ба давлатҳои дар боло зикршуда дар он ифода меёбад, ки намудҳои созишномаҳо дар қисмҳои алоҳидаи ҳамин модда ба таври муфассал танзим шудаанд. Аз ҷумла, қисми 1 ба муқарраротии умумӣ бахшида шуда, чор шарти асосиро дар бар мегирад, дар ҳоле ки мазмуни созишномаи генералӣ дар қисми 4, мазмуни созишномаҳои соҳавӣ дар қисми 5 ва мазмуни созишномаҳои минтақавӣ дар қисми 6 алоҳида муқаррар гардидаанд. Дар маҷмӯъ, моддаи 153 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҳафт қисм иборат буда, дар онҳо мутаносибан: дар қисми 1 – чор шарт, дар қисми 4 – ҳафт шарт (мазмуни созишномаи генералӣ), дар қисми 5 – шаш шарт (мазмуни

созишномаҳои соҳавӣ) ва дар қисми 6 – шаш шарт (мазмуни созишномаҳои минтақавӣ) пешбинӣ шудаанд [33].

Дар моддаи 49 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Арманистон, ки «Шартномаи коллективӣ» номгузорӣ шудааст, мазмуни шартномаи коллективии ҷумҳуриявӣ дар қисми 2, инчунин мазмуни шартномаҳои коллективии соҳавӣ ва минтақавӣ дар қисми 3 ба таври алоҳида муқаррар гардида, дар маҷмӯъ сездаҳ шартро дар бар мегиранд [32].

Бо дарназардошти ин, гуфтан мумкин аст, ки дар натиҷаи таҳлил ва қиёс намудани қонунгузории меҳнатии давлатҳои пасошӯравӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мазмун ва муҳтавои созишномаҳо дар ин санадҳо дорои хусусияти гуногун буда, дар баъзе аз ин давлатҳо мафҳуми «созишнома» умуман истифода нагардида, ба ҷои он муносибатҳои дахлдор тавассути шартномаҳои коллективӣ танзим мегарданд.

Таърифҳои гуногуни мафҳуми шарикии иҷтимоӣ, инчунин дар маъхазҳои илмӣ ва таълимии ватанӣ ва хориҷӣ дода шудаанд.

Фарҳанги истилоҳи ҳуқуқ мафҳуми шарикии иҷтимоиро ҳамчун шакли ҳамкории мустақим ва самараноки корфармо бо коллективҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад [103]. Ин таъриф на танҳо ҳузури ҳуқуқии ҳамкориро дар муносибатҳои меҳнатӣ инъикос менамояд, балки нақши институтсияи шарикии иҷтимоиро ҳамчун механизми ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои корфармо ва кормандон дар таҳкими равандҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ нишон медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми шарикии иҷтимоӣ, чун қоида, дар маънои васеъ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Бархе аз муаллифон шарикии иҷтимоиро ҳамчун ҳамкории бевоситаи корфармоён бо коллективҳои меҳнатӣ дар ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ тавсиф менамоянд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқоти М. А. Малышев, мафҳуми шарикии иҷтимоӣ дар асоси таркиби субъектҳои иштироккунанда дар шаклҳои гуногуни «бипартизм» ва «трипартизм» таҷассум меёбад. Илова бар ин, тибқи

сатҳи амалӣ шудани он, шарикии иҷтимоӣ метавонад дар доираи иттиҳодияҳои алоҳида, соҳаҳои муайян ва минтақаҳои ҷуғрофӣ тақсим гардад[153, с. 34].

Ба ақидаи Г. П. Зинченко шарикии иҷтимоӣ ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва раванди бисёрҷанбаи баҳсбарангези иҷтимоӣ буда, байни кормандон, корфармоён ва сохторҳои ҳокимият сурат мегирад [71, с. 89]. Аз ин бармеояд, ки шарикии иҷтимоӣ на танҳо механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳо, балки фазои муҳими таҳкими муколамаи иҷтимоӣ ва идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки таъсири мустақим ба суботи муносибатҳои меҳнатӣ ва рушди самараноки системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад. Мавқеи монандро В. А. Михеев низ ҷонибдорӣ намуда, шарикии иҷтимоиро ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва шакли бисёрсатҳавии ҳамкории иҷтимоӣ байни кормандон, корфармоён ва давлат тавсиф мекунад [89, с. 194].

Ф.П. Витко, мафҳуми шарикии иҷтимоиро ҳамчун низоми муносибатҳои шартномавии байни кормандон, корфармоён ва мақомоти давлатӣ мефаҳмад [67, с. 7].

А.М.Куренной қайд менамояд, ки «шарикии иҷтимоӣ ин низоми мақомот нест, ки бо ёрии санадҳои меъёрӣ худраъёна ташкил карда шуда бошад, балки принсипи ташаккули муносибатҳо дар соҳаи меҳнат байни шарикони воқеии иҷтимоӣ дар ҷустуҷӯи роҳҳои мувофиқе мебошад, ки адолати иҷтимоиро таъмин мекунанд» [77, с. 42].

А.А. Крыжановская шарикии иҷтимоиро ҳамчун «усули ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар асоси гуфтушуниди мутақобилаи кормандон ва корфармоён бо иштирок ва миёнаравии давлат» муайян кардааст [126, с. 43].

Ба ақидаи М.В. Лушникова ва А.М. Лушников “шарикии иҷтимоӣ – низоми муносибатҳое мебошад, ки ба ҳамкории кормандон, корфармоён ва давлат ҷиҳати таъмини суботи иҷтимоӣ асос ёфта, дар машваратҳои

мутақобила, гуфтушунидҳо, ба даст омадан ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ аз ҷониби тарафҳо ва қабули қарорҳои муштарак ифода меёбад” [79, с. 126].

А.Ф.Нуртдинова қайд мекунад, ки “шарикии иҷтимоӣ аз як тараф низоми ҳамкории кормандон ва корфармоён ва аз тарафи дигар идеологияи чунин ҳамкориро ифода мекунад” [134, с. 88].

Г.Ю. Семигин ба шарикии иҷтимоӣ аз ду мавқеъ менигарад. Якум, аз мавқеи умумии иҷтимоӣ, ӯ шарикии иҷтимоиро ҳамчун низоми муносибатҳои байни субъектҳои гуногуни иҷтимоӣ мешуморад, ки баҳри ноил шудан ба дастовардҳои аввалиндараҷаи манфиатҳои миллӣ нигаронида шудааст, албата бидуни халалдор намудани манфиатҳои гурӯҳӣ ва корпоративӣ, яъне бо ба инобат гирифтани онҳо. Дуюм, аз мавқеи сохторӣ, шарикии иҷтимоиро ҳамчун маҷмӯи мақомот ва ташкилотҳое муайян мекунад, ки аз ҳисоби намояндагони кормандони кироя, корфармоён ва давлат пеш аз ҳама барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таъсис дода мешаванд [93, с. 142].

Л.А. Чеговадзе қайд менамояд, ки ҳар як падидаи ҳуқуқӣ мазмун ва шакл дорад. Масалан, аз нуқтаи назари ӯ, принсипи волоияти қонун дар шаклҳои гипотеза, диспозитсия ва санксия таҷассум меёбад, ки онҳо як қатор унсурҳоро фаро мегиранд, ки тавассути онҳо имкони муайян намудани воқеияти ҳуқуқии рӯйдода фароҳам меояд. Дар раванди ба тартиб даровардани ҳаёти ҷамъиятӣ ва танзими ҳуқуқии рафтори одамон худи категорияи ҳуқуқӣ ба шакли ҳодисае мубаддал мегардад, ки онро ба тартиб андохта, бо мазмуни воқеӣ пур мекунад [147, с.102].

Ба гуфтаи И.В. Цветков, созишнома хусусияти муайянкунандагӣ дошта, яъне ҳамчун нишонаи ҷудонашаванда, барои ҳама гуна шартнома хос мебошад [145, с.18].

Таҳлили мафҳуми шарикии иҷтимоӣ на танҳо дар доираи назарияҳо ва санадҳои байналмилалӣ инъикос ёфтааст, балки, муҳим он аст, аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони ватанӣ, ки намояндагони ҷомеаи илмии Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошанд, низ ба таври систематикӣ таҳлил ва пешниҳод гардида, хусусиятҳои миллии татбиқи он дар низоми муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Масалан, Н.Р. Маҳмадуллозода ва С.Х. Наботов шарикии иҷтимоиро ҳамчун ҳамкории кормандони дар иттифоқҳои касаба муттаҳидшуда ва корфармоён (иттиҳодия ва ассосиатсияҳои онҳо) тавсиф менамоянд, ки ба зарурати ҳамкории муносиб барои дарёфт ва ба даст овардани созиш дар сурати таҳдиди муноқиша равона карда шудааст [83, с. 119].

А.М. Шоҳиён фикру андешаи намояндагони соҳаи институтсионализм Т.Б. Веблен, Ҷ.Р. Коммонс, Д.С. Норт ва дигаронро таҳлил намуда, шарикии иҷтимоиро ҳамчун падидаи фаъоли иқтисодӣ ба категорияҳои асосии институтсионализм мувофиқбуда медонад [150, с. 97].

Н. Шонасридинов шарикии иҷтимоиро ҳамчун “низоми муносибатҳои байниҳамдигарии кормандон (намояндагии корманд), корфармоён (намояндагии корфармоён), мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ муайян намудааст, ки баҳри мувофиқаи манфиатҳои кормандон ва корфармоён дар хусуси танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятии ба онҳо алоқаманд, нигаронида шудааст” [111, с. 290-291].

Инчунин, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки шарикии иҷтимоиро муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ ба маънои гуногун истифода намудаанд, ҳамчун методи ҳуқуқи меҳнат (Лушникова М.В. [79, с. 50]) унсурҳои шарикии иҷтимоӣ (Бондаренко Е.Н. [118, с. 152-157]); низоми тадбирҳо оид ба ҳуқуқҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ (Акопова Е.М. ва Еремина С.Н.) [59, с. 464]; низоми ҳамкории мутақобила байни корфармоён, мақомоти давлатӣ ва намояндагони кормандон, ки, бар асоси равандҳои музокира ва таҳқиқи роҳҳалҳои қобили қабул барои ҳамаи тарафҳо, ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, метавонад ҳамчун шакли институционализатсияшудаи ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозии

манфиатҳои гуногун баррасӣ карда шавад (Снигирева И.О. [97, с. 174]); шаклҳои ташкили ҳамкории байни корфармоён, кормандон ва давлат (Чуча С.Ю. [108, с. 50].

Мутобиқи банди шастуҳаштуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ “шарикии иҷтимоӣ – ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиест, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидааст” [26].

Бо дарназардошти ин гуфтан мумкин аст, ки аз рӯи таҳлили мафҳуми шарикии иҷтимоӣ чунин бардошт намудан мумкин аст: якум, он ҳамчун низоми мураккаби ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ҳамкории субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ –ҳамкории кормандон, корфармоён, мақомоти давлатӣ ва иттифоқҳои касбаро фаро мегирад; дуюм, аз сӯи дигар, предмети танзими он маҷмӯи мураккаби муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ маҳсуб ёфта, хусусияти ҳуқуқии ин муносибатҳо дар заминаи фарогирии унсурҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ ва принсипҳои ҳамкорӣ муайян карда мешавад; сеюм, ҳадафи асосии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ таъмини мувозинати иҷтимоӣ тавассути барқарорсозии тавозуни манфиатҳои субъектҳо ва амалигардонии кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад; чорум, раванди он ҳамзамон бо ҷорӣ гардидани механизмҳои наву муассир дар гузаронидани музокиротҳо, таҳияву бастани санадҳои шарикии иҷтимоӣ, ҳамзамон пешгирии баҳсҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва ҳосилнокии меҳнат, инчунин рушди бозори меҳнат ва таҳкими принсипҳои демократии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ амалӣ мегардад.

Дар умум, чи тавре ки мебинем, таърифҳои расмӣ ва илмии шарикии иҷтимоӣ хеле гуногунанд. Дар онҳо, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун: ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои байни субъектҳои (иштирокчиёни) муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ; шакли ҳамкории субъектҳои шарикии иҷтимоӣ; метод ва механизми танзимнамоии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; принсипи ташаккули муносибатҳо дар соҳаи меҳнат дар байни шарикони

воқеии ичтимоӣ; роҳи ташкили фаъолияти муштараки кормандон ва соҳибкорон; танзимнамоии муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳамгироии манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои шарикии ичтимоӣ ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки шарикии ичтимоӣ худ мақсади ниҳоӣ нест, балки пеш аз ҳама ҳамчун воситаи муассири танзими муносибатҳои ичтимоию меҳнатӣ баромад мекунад. Маҳз тавассути истифодаи механизмҳои гуфтушунид ва музокироти байни корфармоён ва иттифоқҳои касаба он имконият фароҳам меорад, ки доираи васеи манфиатҳо ва нуқтаҳои назари тарафҳо ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози ичтимоӣ ба эътибор гирифта шуда, заминаи мутавозини қабули қарорҳо таъмин гардад.

Ҳамзамон, шарикии ичтимоӣ ҳамчун яке аз институтҳои муҳими сиёсати ичтимоӣ баромад намуда, тавассути он вазифаҳои ичтимоии давлат амалӣ гардида, заминаҳои таъмини субот ва оромии ҷамъиятӣ дар мамлакат фароҳам оварда мешаванд.

Хусусияти муҳими рушди муносибатҳои шарикии ичтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира ташаккули онҳо дар шароити даст кашидан аз танзими мутамаркази муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Коҳиш ёфтани дахолати давлат ба муносибатхои меҳнатӣ ва ташаккули сектори иқтисодие, ки аз мақомотҳои давлатӣ вобаста нест, нақши танзими дохилиро хеле баланд мебардорад, ки дар доираи он шаклҳои шартномавии муқаррар намудани ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ аҳамияти ҳалкунандаро касб мекунанд.

Инчунин, шарикии ичтимоиро метавон ҳамчун усули танзими муносибатҳои ичтимоӣ ва меҳнатии байни кормандон (намояндагони онҳо) ва корфармоён (намояндагони онҳо), ки ин раванд бар асоси ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои ҳар як тараф, эҳтироми ҳуқуқӣ ва ичтимоии ин манфиатҳо ва канор гузоштани усулҳои зӯроваронаи ҳамкорӣ таҳия ва муайян муайян кард.

Шарикии иҷтимоӣ дар маҷмӯъ барои ба таври максималӣ мутобиқ намудани манфиатҳои мутақобилаи субъектҳои ҳуқуқи меҳнат бахусус субъектҳои муносибатхои иҷтимоӣ-меҳнатӣ нигаронида шудааст.

Тавре ки М.З. Раҳимзода ва Ҳ.П. Нуров қайд менамоянд "Соҳибкор ҳамчун корфармо барои ноил шудан ба мақсадҳои худ ба истифодаи қувваи корӣ њавасманд мебошад. Вай мехоҳад, ки корманд вазифаи меҳнатиро аниқ ва бечунучаро иҷро намояд, интизоми мењнатиро зери назорати доимии корфармо риоя кунад. Корманди кироя бошад, ба таъмини бехатарии шароити меҳнат ва беҳгардонии кафолатњои иҷтимоӣ њавасманд мебошад. Аз инҷо зарурати амали бозори меҳнат аз он иборат аст, ки мувозанаи манфиатҳои тарафҳо таъмин карда шавад"[140, с.36].

Таъмини ин мувозинати манфиатҳои субъектҳо дар бозори меҳнат танҳо тавасути низоми шарикии иҷтимоӣ имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои фарққунандаи муносибатҳои ҳуқуқии бахши шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат чунин мебошанд: хусусияти гуногунсубъективии ин равандҳо; ҳалли маҳдуди шумораи баҳсҳо аз ҷониби мақомоти вобастаги (юрисдиксионии) ба назар гирифта шудааст; нақши махсуси мақомоти юрисдиксионии таъсисёфта бар асоси принсипи баробарҳуқуқӣ ва шаклҳои паритетӣ (ду ва сетарафа), ки ташкилкунандагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ мебошанд; танзими муфассали меъёрҳои ҳуқуқӣ танҳо нисбати қисмати муайяни муносибатҳо алоқаманд аст; ба вуҷуд омадани чунин муносибатҳо дар сурати мавҷудияти якчанд фактҳои ҳуқуқӣ, аз қабили қоидаҳо ва амалҳои қонунӣ, эҳтимолпазир мебошад.

Инҷо зарур аст то мазмуни мафҳумҳои "муколамаи иҷтимоӣ" ва "музокироти иҷтимоӣ" низ баррасӣ шаванд, зеро истилоҳҳои мазкур дар мавриди таҳқиқи мавзуи мазкур зиёд истифода мегарданд. Мафҳуми «муколамаи иҷтимоӣ» - ин раванди ҳамкорӣ ва муошират байни иштирокчиёни гуногуни шарикии иҷтимоӣ оид ба масъалаҳое мебошад, ки манфиатҳои умумиро дар бар мегиранд. Тавре ки маълум гардид, зери

мафҳуми муколамаи иҷтимоӣ ҳамкорӣ байни давлат, корфармоён ва кормандон (масалан, иттифоқҳои касаба) фаҳмида мешавад. Ҳадафи асосии муколамаи иҷтимоӣ мувофиқа кардани мавқеъҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, пешгирии низоъҳо ва ҷустуҷӯи қарорҳои ба ҳар ду ҷониб судманд дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ (масалан, оид ба масъалаҳои меҳнат, музди меҳнат ва шароити кор) мебошад. Муколамаи иҷтимоӣ чунин равандҳо: музокирот, машваратҳо, мубодилаи иттилоот ва бастани созишномаҳоро дар бар мегирад. Музокироти коллективӣ бошад, ин раванди муҳокима ва мувофиқа кардани мавқеи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи ташкилот: корфармо (намояндаи корфармо) ва кормандон (намояндагони онҳо, масалан, иттифоқҳои касаба) оид ба бастани шартномаи коллективӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ мебошад. Хулоса, муколамаи иҷтимоӣ ва музокироти иҷтимоӣ асосан ҳамчун воситаҳои татбиқи муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд.

Бо мақсади танзими мураккаби муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ҳамчунин гузаронидани музокироти коллективӣ, таҳия ва имзои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, ҳамчунин таъмин намудани назорати иҷроиши онҳо дар ҳамаи сатҳҳо, комиссияҳои баробарҳуқуқи намояндагони ҷонибҳо бо салоҳиятҳои зарурӣ, тибқи меъёр ва мувофиқаи тарафҳо, таъсис дода мешаванд. Чунин комиссияҳо оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ махсусан мақомоти шарикии иҷтимоӣ мебошанд. Муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ нисбат ба муносибатҳои меҳнатӣ мафҳуми васеътаранд. Онҳо муносибатҳои меҳнатӣ, муносибатҳо оид ба амнияти иҷтимоӣ ва хизматрасонии истеъмолӣ - яъне ҳама муносибатҳо дар соҳаи иҷтимоиро дар бар мегиранд.

Комиссияҳои зикршуда ҳамчун механизмҳои институтсионалии амалигардонии шарикии иҷтимоӣ бо мақсади ба роҳ мондани музокироти коллективӣ, таҳия ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, инчунин таъмини назорати мунтазами иҷрои онҳо дар сатҳҳои гуногуни

танзим таъсис дода мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳо оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ҳамчун мақомоти асосии шарикии иҷтимоӣ шинохта шуда, нақши калидӣ дар татбиқи принсипҳои муколамаи иҷтимоӣ мебозанд. Фаъолияти онҳо ба таъмини ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафайн, ташкил ва анҷом додани музокироти самарабахш, таҳияи лоиҳаҳои санадҳои шартномавии коллективӣ ва мониторинги иҷрои уҳдадориҳои ба зиммагирифта равона карда шудааст. Бо дарназардошти ин, комиссияҳои мазкурро дар доираи баробарҳуқуқӣ, ҷонибҳои муносибатҳо дар бахши шарикии иҷтимоӣ таъсис медиҳанд, ки ҳамчун унсури марказии низоми шарикии иҷтимоӣ, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои танзими устувори муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ фароҳам меоранд.

Таркиби комиссияҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ бо дарназардошти сатҳи фаъолияти онҳо муайян мегардад. Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ба ҳайати комиссия намояндагони иттиҳодияҳои ҷумҳуриявии иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷумҳуриявии корфармоён ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Дар сатҳҳои вилоят, шаҳр ва ноҳия комиссияҳо аз намояндагони иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ташаккул меёбанд. Дар сатҳи соҳаҳо ба ҳайати комиссия намояндагони иттифоқҳои касабаи соҳавӣ, иттиҳодияҳои корфармоён ва вазорату кумитаҳои дахлдор шомил мегарданд. Комиссияи сатҳи ҷумҳуриявӣ ҳамчун унсури марказии низоми шарикии иҷтимоӣ вазифаҳои калидӣ иҷро менамояд, аз ҷумла: ташкили музокирот ва таҳияи лоиҳаи Созишномаи генералӣ; мусоидат ба рушди механизми танзими шартномавии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; иштироки фаъол дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин барномаҳои давлатӣ дар самтҳои меҳнат, шуғл, муҳоҷирати қувваи корӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ; ҳамоҳангсозии мавқеи ҷонибҳо нисбати самтҳои стратегии сиёсати иҷтимоӣ; баррасии масъалаҳои марбут ба татбиқи Созишномаи генералӣ; ҳамчунин пешбурди таҷрибаи шарикии иҷтимоӣ ва мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ дар ин соҳа.

Комиссияҳое, ки дар сатҳҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва инчунин дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ таъсис меёбанд, бо мақсади гузаронидани музокироти коллективӣ, таҳия ва имзои лоиҳаҳои созишномаҳои минтақавӣ, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ ба фаъолият ҷалб мешаванд, ҳамзамон, дар сатҳи ташкилот комиссияҳо барои баргузор намудани музокирот, омода кардани лоиҳаи шартномаи коллективӣ ва расонидани он ба марҳалаи имзо ташкил карда мешаванд.

**Натиҷаи таҳқиқи мафҳум, моҳият ва мақомоти шарикии иҷтимоӣ имкон дод то хулосаву пешниҳодҳои зайл манзур карда шаванд:**

1. Ба андешаи мо номгӯи равишҳои дар таҳқиқот зикрёфта барои муайян кардани моҳияти шарикии иҷтимоӣ мукаммал буда наметавонанд. Аз ин нуқтаи назар, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун як низоми муосири муносибатҳои ташаккулёфтаи иҷтимоӣ арзёбӣ карда мешавад, ки тавассути равандҳои гуфтушунид, музокира, мусолимат ва густариши ҳамдигарфаҳмӣ амалӣ мегардад. Ин низом ба ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён, соҳибкорон, гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуда, дар баробари ин рушду нумӯи бахшҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд.

2. Мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ”, ки дар моддаи 1 КМ ҶТ оварда шудааст, мазмуни ҳуқуқии онро пурра ифода намекунад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки банди шастуҳаштуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ, дар таҳрири зайл ифода ёбад: “Шарикии иҷтимоӣ - низоми муносибатҳои байни кормандон (намояндагони кормандон), корфармоён (намояндагони корфармоён), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад, ки ба таъмин ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандону корфармоён оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевоситаи ба онҳо алоқаманд, ки дар асоси қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда равона гардидааст”.

## 1.2. Пайдоиш ва таҳаввули назариявию ҳуқуқии институти шарикии иҷтимоӣ

Истилоҳи «институт» дорои маъноҳои серҳосила мебошад. Он аз калимаи лотинии “institutum” сарчашма гирифта, маънои асосии он сохтмон, барқароркунӣ, муайянсозӣ, урфу одат ва муассисаро дарбар мегирад. Дар муҳити илмӣ ин истилоҳ барои ишора ба як синфи муайяни созмонҳо ва падидаҳои иҷтимоӣ истифода мешавад, ки вазифа ва мақсадҳои муайянро дар сохтори иҷтимоӣ ба ҷо меоранд [63, с. 688]. Дар давраи баъдӣ, ин мафҳум таҳти таъсири таҳаввулоти таърихӣ маъноҳои гуногунро касб намуд: аз як ҷониб, маънои маҳдуд, ки ба ташкилоти таълимӣ ишора мекунад, ва аз тарафи дигар, маънои васеъ, ки маҷмӯи меъёрҳоро дар бар мегирад. “Институти ҳуқуқ, ниҳоди ҳуқуқ, падидаи ҳуқуқ – яке аз унсурҳои низоми ҳуқуқ, таркиби яке аз соҳаҳои он, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ аст, ки як намуди мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад” [102, с.196].

Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешаҳои дигар низ иброз шудаанд.

Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев Р.Ш.) институти ҳуқуқро “ба чор маъно ҷудо намудааст, якум, унсури таркибии соҳаи ҳуқуқ мебошад. Дуюм, институти ҳуқуқ аз гурӯҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст, ки бо ҳамдигар алоқаманд буда, нишонаи мустақилият ва ягонагӣ доранд. Сеюм, институти ҳуқуқ як намуди муносибатҳои ҷамъиятиро дар таркиби соҳаи ҳуқуқ танзим мекунад. Чорум, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки аз тарафи институти ҳуқуқ танзим мешаванд, дар иртибот бо хусусиятҳояшон аз дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷудо карда мешаванд” [98, с. 379-385].

В.В. Лазарев қайд мекунад, ки «институти ҳуқуқ унсури асосии низоми ҳуқуқ мебошад, ки аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки гурӯҳи шабеҳи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд, иборат аст» [86, с. 211].

Ба андешаи Е.А. Киримова, «институти ҳуқуқ унсури сохтории низоми ҳуқуқ мустақилияти нисбӣ, хусусияти усули танзими ҳуқуқӣ, мавҷудият ё

имконияти бунёдии ташаккули мафҳумҳои умумӣ дар доираи падидаҳои мушаххас мебошад» [66, с. 14].

Мо комилан ҷонибдори ақидаи Р.Ш. Шарофзода ва В.В. Лазарев мебошем. Зиёда аз он, ба андешаи мо:

-институти ҳуқуқ аз соҳа ва зерсоҳа, қабл аз ҳама бо миқёси субъекти танзими ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Вай на тамоми маҷмуи муносибатҳои сифатан якхелаи ҷамъиятӣ, балки ҷиҳатҳои гуногуни як ё гурӯҳи алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд.

Бо дарназардошти хусусияти мураккаби низоми ҳуқуқӣ, институти ҳуқуқ бо як қатор хусусиятҳо алоқаманд мебошад, ки ба соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ хос мебошанд. Аввалан, институти ҳуқуқ ҳамчун воҳиди таркибии низоми ҳуқуқӣ маънидод мешавад, ки ба зерсоҳаҳои дахлдор марбут аст; бо вуҷуди ин, дар сурати мавҷудияти сохтори мураккаб дар соҳаҳои дахлдор, баъзе шохаҳои ҳуқуқӣ пурра аз институтҳои ҳуқуқӣ иборат буда, ба зерсоҳаҳо тақсим намешаванд, масалан, ҳуқуқи оилавӣ. Дуюм, институти ҳуқуқ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро дарбар мегирад, ки барои танзими муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ, ки аз дигар намудҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунанд, пешбинӣ гардидаанд.

Институти шарикии иҷтимоӣ аслан баҳри ташкили фаъолияти якҷояи шахсон, бо мақсади конеъ гардонидани манфиату талаботҳои иҷтимоии онҳо равона карда шудааст.

Мафҳуми «институти шарикии иҷтимоӣ» бо батартибдарорӣ, шаклгирӣ ва бақолабдарории муносибатҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд, сахт вобаста аст.

Худи раванди батартибдарорӣ, шаклгирӣ ва бақолабдарориро, институтикунонӣ меноманд. Пайдоиши талаботҳои муайяни чамъиятӣ ва шароит барои қонеъ гардонидани онҳо, шарти зарурии институтикунонӣ мебошад.

Институти шарикии иҷтимоӣ дар асоси муносибатҳои иҷтимоӣ, муносибати байниҳамдигариии шахсони алоҳида ва гуруҳҳои иҷтимоӣ рӯи кор меояд.

Таърихи ташаккулёбии институти шарикии иҷтимоиро дар рушди ғояҳои шарикии иҷтимоӣ дидан мумкин аст.

Заминаҳои иҷтимоию таърихии ташаккули институти шарикии иҷтимоӣ асосан аз воқеиёти иҷтимою иқтисодии охири асри XIX - ибтидои асри XX сарчашма мегирад, ки дар натиҷаи таҳаввули объективии ҷомеаи саноатӣ ба вуҷуд омаданд. Муайян шудани тақсимоти меҳнат, тамаркузи қувваи кории пардохтшаванда ва таҳкими ҳаракати муташаккилонаи коргарон зарурати таҳияи механизмҳои ҳуқуқии ҳамоҳангсозии манфиатҳои меҳнат ва сармояро ба миён овард. Дар марҳилаи аввал танзими муносибатҳои меҳнатӣ асосан бар пояи доктринаи озодии шартнома сурат мегирифт, ки дар амал бартарии иқтисодии корфарморо мустаҳкам намуда, баробарии воқеии тарафҳоро таъмин намекард. Ҳамзамон тавсеаи тадриҷии қонунгузории иҷтимоӣ дар кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла суғуртаи иҷтимоӣ барои бемориҳои касбӣ, ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ ва пиронсолӣ, қадами аввалин дар роҳи эътирофи вазифаи иҷтимоии давлат гардид. Бо вуҷуди ин, ин тадбирҳо бештар хусусияти патерналистӣ доштанд ва иштироки мустақими кормандонро дар танзими шароити меҳнат таъмин намекарданд. Дар чунин шароит унсурҳои асосии шарикии иҷтимоии оянда ташаккул ёфтанд: шартномаҳои коллективӣ, эътирофи иттифоқҳои касаба, миёнаравӣ ва расмиёти мусолиҳа.

Ҳамин тариқ, пайдоиши шарикии иҷтимоӣ ба гузариш аз модели муқовимати синфӣ ба модели муколамаи институтсионалии субъектҳои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ вобаста мебошад. Марҳилаи калидии институткунонии шарикии иҷтимоӣ бо таъсиси Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар соли 1919 алоқаманд аст. Санадҳои таъсисии ин созмон принсипи трипартизмро ҳамчун асоси таҳияи стандартҳои байналмилалии меҳнат муқаррар намуданд. Мувофиқи ин модел, намояндагони давлатҳо,

корфармоён ва кормандон дар таҳия ва қабули конвенсияҳо ва тавсияҳо дар асоси баробар иштирок менамоянд. Ин маънои эътирофи ҳуқуқии механизми мувофиқасозии манфиатҳоро дар сатҳи байналмилалӣ дошт. Дар оянда конвенсияҳои марбут ба озодии иттиҳодия ва ҳуқуқ ба гуфтушунидҳои коллективӣ кафолатҳои ҳуқуқии муколамаи иҷтимоиро тақвият доданд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалӣ пояи асосии дарки муосири шарикии иҷтимоиро ҳамчун модели мувофиқасозии танзими меҳнат гузошт.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шарикии иҷтимоӣ ба унсури муҳими ташаккули давлати иҷтимоӣ дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ табдил ёфт. Натиҷа чунин буд, ки дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон модели ҳамидоракунӣ (Mitbestimmung) ташаккул ёфта, он иштироки намояндагони кормандонро дар шӯроҳои назоратӣ ва фаъолияти шӯроҳои истеҳсолӣ таъмин менамуд. Маҳз ҳамин модел мазмуни шарикии иҷтимоиро васеъ намуд, барои таъмини иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот замина гузошт. Чунончӣ Н. Шонасридинов қайд менамояд: «агар ғояҳои шарикии иҷтимоӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятии ба онҳо алоқаманд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нисбатан наву тоза бошад, барои мамолики Аврупои ғарбӣ як зуҳурот ва ҳодисаи маъмулу муқаррарӣ маҳсуб мешаванд. Ғояҳои шарикии иҷтимоӣ маҳз дар мамолики Аврупои ғарбӣ, бахусус Олмон баъд аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтанд» [112, с. 154].

Дар кишварҳои Аврупои Шимолӣ бошад, низоми гуфтушунидҳои марказонидашудаи коллективӣ миёни иттиҳодияҳои миллии корфармоён ва иттифоқҳои касаба ташаккул ёфтанд. Давлат дар ин раванд вазифаи ҳамоҳангсозӣ ва кафолатдиҳандаро иҷро менамояд. Нақши шарикии иҷтимоӣ дар ин модел таъсир расонидан ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи шуғлнокӣ ва таваррум иборат буд.

Дар нимаи дуюми асри XX шарикии иҷтимоӣ аллакай ба мавзӯи мустақили таҳқиқоти илмӣ табдил ёфт. Дар доктринаи ҳуқуқӣ он ҳамчун

низоми муносибатҳои байни кормандон, корфармоён ва давлат муайян мегардад, ки ба мувофиқасозии манфиатҳои иҷтимоию меҳнатӣ тавассути гуфтушунидҳои коллективӣ ва созишномаҳо равона шудааст.

Институти шарикии иҷтимоӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ дар солҳои 1990-ум таҳаввулоти назаррасро паси сар намуд, ки дар гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ зоҳир мегардад. Шарикии иҷтимоӣ дар ин марҳила воситаи ҳуқуқии иваз намудани усулҳои маъмурию фармондеҳии танзими меҳнат, ки дар замони шуравӣ амал мекард ба усулҳои танзими шартномавии меҳнат, гардид. Натиҷаи мазкур дар сатҳи қонунгузории ин давлатҳо зинаҳои шарикии иҷтимоӣ (миллӣ, соҳавӣ, минтақавӣ, локалӣ); тартиби гузаронидани гуфтушунидҳои коллективӣ; механизмҳои ҳаллу фасл намудани баҳсҳои меҳнатии коллективӣ; кафолатҳои иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, муқаррар гардиданд. Бо вуҷуди ин, татбиқи амалии шарикии иҷтимоӣ дар ин марҳила бо мушкилоте зиёде аз қабили заъфи иттифоқҳои касаба ва нобаробарии воқеии тарафҳо рӯ ба рӯ гардид. Бо вуҷуди ин, институткунонии шарикии иҷтимоӣ қадами муҳим дар ташаккули модели бозоргонии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти муосир нишон медиҳанд, ки шарикии иҷтимоӣ танҳо ба доираи ҳуқуқи меҳнат маҳдуд намешавад. Дар баробари ин, институти ҳуқуқ метавонад татбиқи ҳамаҷонибаи меъёрҳои гуногуни ҳуқуқиро низ фаро гирад, аз ҷумла: меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, ки дар шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ таҷассум меёбанд; меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи меҳнатро танзим менамоянд; ва меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ки кафолатҳои озодии таъсис ва ҳуқуқи иштирок дар гуфтушунидро таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун институти мураккаби байнисоҳавӣ, ки вазифаи устуворсозӣ ва пешгириро дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ иҷро мекунад, аҳамияти таҳқиқотӣ дорад.

Н.Р. Маҳмадуллозода нақши шарикии иҷтимоиро дар таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим арзёбӣ менамояд. Аз нигоҳи ӯ “бо истифодаи самараноки

механизмҳои шарикии иҷтимоӣ метавон аз низоъҳои шадиди иҷтимоӣ, ки мавзӯи нигаронкунанда мебошанд ва ҳамеша боиси талафоти боигариҳои ҷамъиятӣ ва ларзишҳои иҷтимоӣ мегарданд, ҷилавгирӣ намуд. Бо ин роҳ мумкин аст вазъи кормандонро ба самти беҳтар тағйир дод" [131].

Яке аз мутафаккирони итолиёвӣ Н. Макиавелли (солҳои 1469-1527), аз аввалин шахсоне мебошад, ки кушиши таҳлили муназзами низоъҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳали онҳоро намудааст. Вай чунин мешуморид, ки "дар низоъ ба ғайр аз функсияи харобиовар, инчунин дуруст таъсир расонда тавонистан лозим меояд ва ин корро давлат бояд иҷро кунад" [80, с. 143].

Муносибати байни корманд ва сарватдор (капиталист)-корфармо бори аввал дар асарҳои асосгузори иқтисодиёт ҳамчун илм олими Шотландӣ А.Смит (солҳои 1723—1790) мавриди таҳлил қарор додааст. А.Смит дар рисолаи худ «Таҳқиқот оид ба моҳият ва сабаби сарвати халқҳо», "манфиати ғаразнокро ангезаи асосии фаъолияти иқтисодӣ дониста, рақобати озод, ҳукмронии моликияти хусусӣ, озодии тиҷорат, дахолат накардани давлатро дар иқтисодиёт баррасӣ намуда, тақобули (конфронтатсияи) байни кормандони кироя ва сарватдоронро ҳамчун манбаи тараққиёти прогрессивии ҷамъият мешуморад" [96, с. 569].

Яке аз аввалин асарҳое, ки бевосита ба моҳият ва шартҳои ризоияти ҷамъиятӣ бахшида шудааст, ин рисолаи «Шартномаи иҷтимоӣ»-и файласуфи фаронсавӣ Жан-Жак Руссо (1712-1778) маҳсуб меёбад. Дар ин рисола, ки соли 1762 нашр шудааст, сухан дар бораи ҷомеаи бо чунин қонунҳо асосёфтае меравад, ки дар назди онҳо ҳама баробаранд ва озодии шахсии ҳар як шаҳрвандро ҳифз мекунанд. Ба ақидаи Руссо, "қонунгузории мукаммалро дар натиҷаи муборизаи ҳизбҳо ба вуҷуд овардан мумкин нест, аъзои ҷомеа танҳо аз номи худ сухан гуфта метавонанд, қонунҳо дар натиҷаи райъи умумӣ (плебистситӣ) қабул мешаванд" [93, с. 416].

Олими фаронсавӣ Р. Арон ба нуқтаи назари Э. Дюркгейм дар хусуси низоъҳои байни кормандон ва соҳибкорон эътибор дода, навишта буд, ки

“низоъҳои байни кормандон ва соҳибкорон танҳо хамчун «далели ташкили сусти ҷомеа ё қисман хилофи қоида будани (аномалияи) ҷомеаи муосир, ки бояд ислоҳ карда шаванд, хизмат мекунанд” [60, с. 348].

Вобаста ба ин, ҳаминро қайд карда зарур мебошад, ки дар қиёс ба назарияи К. Маркс, Э. Дюркгейм ба зуроварии конструктивӣ боварӣ надошт ва зиддиятҳои байни кормандон ва соҳибкорон, дар маҷмӯъ муборизаҳои синфиро ҳамчун қувваи пешбарандаи таърих эътироф намекард. Намояндагони зикршуда шарикии иҷтимоиро ҳамчун як механизми муҳими ҳамоҳангсозӣ ва таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ рад намекарданд; бо вуҷуди ин, онҳо ба нақши он аҳамияти назаррас намедоданд. Таҳлили онҳо бештар ба муборизаҳои дохилиҷамъиятӣ барои назорати тақсимоти неъматҳои иҷтимоӣ ва идеяи инқилоби сотсиалӣ равона буд, ки онро метавон ҳамчун падидаи муқобил (антитеза) нисбат ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ арзёбӣ намуд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти асрҳои XIX–XX оид ба ташаккули муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатӣ хусусияти конфронтатсионӣ доштанд ва бархӯрдҳои ду мавқеи асосӣ, ки ба ҳам созишнопазир буданд, дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштанд: аз як тараф, равияи марксистӣ бо моҳияти инқилобӣ ва аз тарафи дигар, равияи сотсиал-демократӣ, ки ба ислоҳоти тадриҷӣ ва таҳкими пояҳои низоми иҷтимоӣ такя мекард. Ин ду тамоюли назариявӣ то имрӯз низ дар муҳити илмӣ ва сиёсӣ идома доранд.

Дар маҷмӯъ, оид ба асосҳои назариявӣ ва консептуалии шарикии иҷтимоӣ дар назарияҳои амали иҷтимоӣ аз ҷониби М. Вебер ва Т. Парсонс, ҳамбастагии иҷтимоӣ аз ҷониби Э. Дюркгейм, назарияҳои адолатнокӣ аз тарафи Д. Роулс ва мубодилаи иҷтимоӣ аз ҷониби Д. Хоманс ва П. Блау таҳқиқотҳо гузаронида шудаанд. Дар чаҳорчӯби ин назарияҳо унсурҳои муҳими шарикии иҷтимоӣ – «ҳамбастагии иҷтимоӣ» дар асоси «адолатнокӣ» ва «мубодилаи байниҳамдигарӣ», ки дар доираи «мустаҳкамкунандаи ҳамфикрӣ»-и ҷомеа ё шахсони алоҳида дар дохили ҷомеа амалӣ мегардад, гузошта шудааст. Минбаъд чунин намояндагони барҷастаи афкори иҷтимоӣ ва

сиёсии Ғарб, ба монанди Д.Белл [61], Т.Парсонс [90, с. 212-237], С.Браун [99, с. 136-137] ва дигарон, саҳми худро гузоштаанд.

Ралф Дарендорф, мутафаккири маъруф дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва сиёсатмадори Олмон ва Британия, низ дар таҳия ва таҳкими назарияҳои муосири шарикии иҷтимоӣ нақши назаррас дорад. Ба ақидаи ӯ, ҳаёти ҷамъиятӣ асосан ҳамчун майдони низоъ ва мубoризаи манфиатҳо маънидод мешавад, зеро эволютсияи иҷтимоӣ ҳамеша бо бархӯрдҳои манфиатӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ аст. Аз нигоҳи ӯ «низоъ худ мағзи эҷодии ҳаёти ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Ҳар як низоъи иҷтимоӣ масъалаест, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тақозо мекунад, то танзими оқилона ва таъсиси механизми назорат бар мурофиаҳои ҷамъиятӣ амалӣ шавад» [69, с. 23-32]. Консепсияи ӯ оид ба «ҷомеаи фаъол» маҳсули навсозии мафҳуми «шарикии иҷтимоӣ» мебошад, ки ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро на бо роҳи инқилобӣ, балки тавассути роҳҳои ислоҳотӣ ва механизмҳои муколамаи институтсионалӣ пешбинӣ мекунад. Ин назария боиси бартараф намудани зиддиятҳо ва таҳкими ҳамоҳангии иҷтимоӣ дар муҳити ҷомеа мегардад.

Дар маънои муосир ва тибқи консепсияи ғарбӣ, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ метавонад аз чанд самт арзёбӣ гардад. Аввалан, аз нуқтаи назари идеологӣ, он ҳамчун як механизми самаранок арзёбӣ мешавад, ки барои коҳиш додани низоъ ва бархӯрдҳои манфиатҳо байни корфармоён ва кормандон амалӣ мегардад. Ин механизм бар асоси принсипҳои ҳамкории баробарҳуқуқ, ҷалби фаъолонаи кормандон ва мутобиқсозии онҳо ба низоми муносибатҳои бозорӣ таҳия шудааст, ки ба беҳтар намудани ҳамоҳангӣ ва устувории равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат менамояд. Мавқеи фаъоли кормандон дар равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ на танҳо ба таъмини ҳамоҳангии иҷтимоӣ мусоидат мекунад, балки ба эҷоди муҳити кории устувор ва бехатар низ такони амалӣ медиҳад. Дуюм, аз нуқтаи назари сиёсӣ, шарикии иҷтимоӣ воситаи эътирофи ҳокимияти ҷамъиятӣ аз ҷониби меҳнаткашон буда, имконият медиҳад манфиатҳои онҳоро

дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ инъикос карда шавад. Дар модели аврупоии классикӣ, масалан дар Олмон ва Шветсия, равиши мазкур тавассути институтҳои ҳамидоракунӣ (Mitbestimmung) ва гуфтушунидҳои коллективӣ дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ татбиқ мешавад. Қарорҳои ин шӯроҳо ва созишномаҳои коллективӣ равиши сиёсӣ ва иҷтимоии ширкатдоронро ба таври мустақим таъмин менамоянд ва ҳамзамон ба таъмини суботи иҷтимоӣ ва эътимоди коргарон ба институтҳо мусоидат мекунанд. Сеюм, аз нуқтаи назари иқтисодӣ, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун як механизми стратегӣ ва комплексӣ арзёбӣ мешавад, ки бо ҳадафи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии кормандон ба хотири баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии меҳнат равона гардидааст. Ин равиш на танҳо ба афзоиши даромад ва фоидаи корфармоён ва сохторҳои давлатӣ мусоидат менамояд, балки дар сатҳи баробар имконият медиҳад, ки сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии кормандон низ таҳкими назаррас ёбад, ки ин худ ба устувории равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири мусбат мерасонад. Масалан, дар кишварҳои Скандинавия ва Олмон системаҳои бонусӣ, саҳмияҳои корпоративӣ ва иштирок дар идоракунии ширкатҳо нишондиҳандаи самаранокии чунин механизми ҳавасмандсозӣ мебошад. Бо ин роҳ, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун як институте, ки вазифаи ҳамоҳангсозӣ ва ҳамгироии манфиатҳои идеологӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ дорад, арзёбӣ мешавад ва метавонад ба таҳкими устувории иҷтимоӣ, рушди устувори низоми меҳнат ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд. Ин низом муносибатҳои гуногунҷанба ва ҳамкории некбинона байни қувваҳои ҷамъиятии фаъол дар кишварро дар бар мегирад.

Дар Федератсияи Россия, ғояҳои шарикии иҷтимоӣ дар асарҳои иқтисодшинос ва сотсиолог В.В. Берви-Флеровский ба таври возеҳ таҷассум ёфтаанд. Дар китоби худ, ки таҳти унвони «Вазъияти синфи коргар дар Россия» нашр шудааст, ӯ ба танқиди амалҳои худсарона ва беҷазои соҳибмулкон нисбат ба кормандон, инчунин ба мушкилоти вазнини зиндагии онҳо ва фарзандонашон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Вале ӯ роҳи ҳалли ин

мушкилотро на дар муқовимат ва набард, балки дар ҳамраъйӣ ва ҳамкории баробарҳуқуқ мечӯяд. Ба ақидаи ӯ, ба «мубориза барои мавҷудият» бояд «иттифоқи мавҷудият» ҳамчун механизми ҳамоҳангсозӣ ва ҳалли созишомез муқобил гузошта шавад [62, с. 494]. Ин равиш ба маънои васеъ ба консепсияи шарикии иҷтимоӣ мувофиқ аст, ки ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро на бо роҳи инқилобӣ, балки тавассути ҳамкории институтсионалӣ ва ислоҳотӣ пешбинӣ мекунад. Мисолҳои аврупоӣ, ба монанди модели ҳамидоракунӣ (Mitbestimmung) дар Олмон ё системаҳои марказонидашудаи гуфтушунидҳои коллективӣ дар Шветсия, нишон медиҳанд, ки иштироки фаъоли кормандон дар идоракунии ширкатҳо ва шӯроҳои соҳаӣ ба коҳиш додани низоъҳо, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар шароити кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани принсипҳои шарикии иҷтимоӣ метавонад ҳамчун механизме барои барқарор кардани тавозуни манфиатҳои коргарон ва корфармоён, таҳкими ҳамоҳангии иҷтимоӣ ва эҷоди муҳити устувори истеҳсолот ва шуғл хизмат намояд. Ин равиш, ки ҳалли низоъҳоро тавассути созиш ва механизми институтсионалӣ таъмин мекунад, ба таҳкими низоми меҳнат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат дорад.

Аз равиши мазкур Н. Бунге низ дар асари худ «Ҳамоҳангкунии муносибатҳои иқтисодӣ» ҷонибдорӣ намудааст. Аз ҷумла, таъкид менамояд, ки «муносибатҳои мутақобила дар истеҳсолот ва муносибатҳои байни соҳибкорон ва кормандон яке аз тарафҳои мурофиа маҳсуб меёбанд. Бинобар ин, на бо душманӣ, балки бо роҳи ба якдигар даст дода, ба муваффақияти умумӣ ноил шуда метавонанд ва иштироки кормандонро дар ба даст овардани фоида ҳамчун тасвияти муваффақият ҳисобидааст» [66, с. 32-49].

В.П. Литвинов-Фалинский, ки пажӯҳиши густурдаи худро оид ба рушди саноатии Россия дар аввали асри XX анҷом додааст, дар асари худ бо унвони «Қонунҳои нав дар бораи суғуртаи меҳнаткашон» ба нақши марказии давлат ва сохторҳои қонунгузор дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва

ҳамоҳангсозии манфиатҳои зиддиҳамсози кормандон ва соҳибмулкон аҳамияти стратегӣ мебахшад. Ӯ таъкид мекунад, ки таъсири институти давлатӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ барои таъмини мувозинат ва устувории равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои коргарон ва таҳкими фазои истеҳсолот нақши ҳалкунанда ва бунёдӣ дорад. Ба ақидаи ӯ, “маҳз давлат бояд бо мувозинати манфиатҳои кормандон ва соҳибмулкон машғул шавад” [77, с. 374]. Ин назари Литвинов-Фалинский ба таври возеҳ принсипи иштироки давлатро дар татбиқи механизмҳои шарикии иҷтимоӣ таъкид мекунад. Давлат тавассути қонунгузорӣ, барқарор намудани меъёрҳои меҳнатӣ ва таъсиси ниҳодҳои миёнаравӣ метавонад низоъҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро ҳамоҳанг созад. Равиши мазкур, ки таҷрибаҳои классикии аврупоӣ, ба монанди системаҳои ҳамидоракунӣ (Mitbestimmung) дар Олмон ва гуфтушунидҳои марказонидашудаи коллективӣ дар Шветсияро нишон медиҳанд, ба коҳиш додани низоъҳо ва таъмини устувории муҳити истеҳсолот мусоидат мекунад.

Ба андешаи муҳаққиқони он давра, заминаи назариявии шарикии иҷтимоӣ аз як қатор омилҳо иборат аст, ки муҳимтарин онҳо фаҳмиши дуруст ва таҳлилии амиқ оид ба моҳият, мақсад ва функсияҳои шарикии иҷтимоӣ дар раванди истеҳсолот ва такрористеҳсолӣ, ки ба таври объективӣ ва дар заминаи таъсири мутақобилаи меҳнат ва сармоя ба вуҷуд меояд; мавҷудияти он дар шароити бархӯрдҳо ва зиддиятҳо, ҳамчунин дар ҳолати номувофиқ будани манфиатҳои ҷонибҳои он: корфармоён ва кормандон, ғайриимкон мебошад. Аз нуқтаи назари илмӣ, шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун механизми муассир барои ҳамоҳангсозии муносибатҳои меҳнатӣ ва коҳиш додани низоъҳо байни кормандон ва корфармоён таҳлил мешавад, балки ҳамзамон ҳамчун институте арзёбӣ мегардад, ки ҷанбаҳои идеологӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҳаёти ҷамъиятиро муттаҳид месозад.

Ғояҳои институти шарикии иҷтимоӣ дар Россия, баъд аз ғалабаи инқилоби Октябр ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтанд. Ғалабаи Инқилоби Октябр ба суръат гирифтани рушди назариявӣ ва амалии институти шарикии иҷтимоӣ

таъсири бевосита гузошт. Ҳолатҳои вокеии Россия ҷаҳониёнро водор сохт, ки стратегия ва тактикаи муносибатҳои байни меҳнат ва капиталро таҳия ва татбиқ намоянд. Барои кам кардани зиддиятҳо ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳо, ташкилотҳои махсуси коргарӣ, аз ҷумла иттифоқҳои касаба ва сохторҳои марбут ба онҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, соли 1919 Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат таъсис ёфт, ки ҳадафи стратегии он танзими самараноки муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни давлат, корфармоён ва кормандон арзёбӣ мегардад. Ин ниҳод ҳамчун механизми байналмилалӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва таҳкими ҳамкории тарафҳои иҷтимоӣ нақши муассир ва назаррас дорад. То имрӯз аллакай 120 давлат узви он гардида, 19 давлати дигари мақоми мушоҳидро гирифтанд. Охири соли 1980 ба Ташкилоти байналхалқии меҳнат ИҶШС (СССР) дохил шуд, ки РСС Тоҷикистон дар ҳайати он қарор дошт [141].

Сазовори зикр аст, ки дар он давра иттифоқҳои касаба ҳамчун созмонҳои оммавии мардумӣ нақши ҳимоягар ва намояндаи ҳуқуқу манфиатҳои аҳли заҳматро бар дӯш доштанд. Онҳо масъулияти фаъол дар идоракунии масъалаҳои ҷомеа, ҳалли мушкилоти мубрами ҳаёт, таъмин намудани адолати иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кормандон дар бахшҳои мухталифи иқтисодиётро ба уҳда доштанд.

Дар Тоҷикистон 15 апрели соли 1926 Анҷумани якуми иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон баргузор гардид, ки бо қарори он мақоми роҳбарикунандаи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон – Тоҷиксовпроф таъсис дода шуд. 19 апрели соли 1937 мутобиқи қарори пленуми иттифоқҳои касабаи марказии Итиҳоди Шӯравӣ шӯроҳои итифоқҳои касабаи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва маҳаллӣ барҳам дода шуданд. Соли 1948 Тоҷиксовпроф аз нав таъсис дода шуд. Бо қарори Анҷумани XV Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон, ки 24 январи соли 1991 қабул гардид, Тоҷиксовпроф ба Шӯрои Федератсияи Иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ шуд. Ҳамзамон, бо қарори Анҷумани шонздаҳуми

Иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 майи соли 1996 ба тасвиб расид, ин ниҳод ба Шӯрои Федератсияи Иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Ба ин пайдарпайӣ, бо қарори Анҷумани ҳабдаҳуми Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз 26 майи соли 2001 [147], Шӯрои Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба Федератсияи Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон муттаҳид гардид ва ниҳоят, бо қарори Анҷумани ҳаждаҳуми Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз 25 майи соли 2006, ин созмон дубора ҳамчун Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон номгузорӣ шуд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди устувори иқтисодии давлатҳоро бе густариш додани ҳамкории байналмилалӣ ва бе иштироки онҳо дар равандҳои низоми муносибатҳои меҳнатӣ, бахусус дар доираи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, тасаввур намудан, ғайриимкон аст.

Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳи бештари олимон, коршиносон ва ҳукумати кишварамон ба таҳлили қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди муносибатҳои байналмилалии соҳаи иҷтимоӣ, таҳлили падидаҳои нав, омӯзиши оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандҳои хоҷагии ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Аввалин қадамҳо дар ҷодаи таҳқиқоти масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ, дар даврони Шӯравӣ, бо қабули аввалин Кодекси қонунҳо оид ба меҳнат аз соли 1940 гузошта шуданд, ки боби 4 ба шартномаҳои коллективӣ бахшида шуда буд. Дар моддаи 15 Кодекси мазкур мафҳуми "шартномаи коллективӣ" тасниф шуда буд [40].

Дар эзоҳоти моддаи 16 бошад сабт шуда буд, ки «амали шартномаи коллективӣ нисбати коркунони маъмурии аз ҳуқуқи ба кор қабул кардан ва аз кор холӣ кардан истифода мебурдагӣ ҷорӣ карда намешавад» [64, с. 17-18].

Аммо, ҳаминро бояд қайд намуд, ки мутамарказкунонии қатъии ҳокимияти шуравӣ дар солҳои 1934-1947, асосан зарурияти имзо кардани шартномаҳои коллективиро аз байн бурд. Таҷрибаи бавуқӯъомада ва натиҷаҳои он то соли 1987 шароити асосӣ барои баргузории гуфтушунидҳо -

баробарҳуқуқии шариконро таъмин карда натавонист. Танҳо дар соли 1987 ба ҷонибҳои шартномаҳои коллективӣ ҳуқуқ дода шуд, ки мустақилона сохтор ва ҳадафҳои онро муайян намоянд, вале, ҳамзамон ҳамаи уҳдадориҳои тарафҳо қатъиян бо меъёрҳои давлатӣ танзим мегардиданд.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки аз ҷумла дар Тоҷикистони шуравӣ шартномаи коллективӣ ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ дар маҳалҳо инкишоф наёфта буд. Танҳо дар охири солҳои 80-ум иттифоқҳои касаба барои нав кардани муносибат ба шартномаи коллективӣ ташаббус нишон доданд.

Ин имкон дод, ки масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоию меҳнатӣ бевосита аз ҷониби тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ - корфармо ва кормандон ҳал карда шаванд. Ҳамчунин ба ташкилотҳо иҷозат дода шуд, ки аз ҳисоби манбаъҳои молиявии дохилӣ гуруҳҳои алоҳидаи кормандонро дар қиёс ба қонунгузорӣ бо имтиёзу кафолатҳои иловагӣ таъмин намоянд.

Бояд қайд кард, ки дар охири солҳои 1980-ум ва ибтидои солҳои 1990-ум таҷрибаи татбиқи шартномаву созишномаҳои дутарафа ва шарикӣ – сетарафа, ки бо мақсади таҳкими мустақилияти иқтисодии корхонаҳо ва ташкилотҳо роҳандозӣ мешуданд, шакл гирифта, тадриҷан ба як механизми самараноки ҳамкории тарафҳо табдил ёфт.

Мақомотҳои давлати ИҶШС дар ин давра ба дида баромадани талабҳои меҳнаткашон дар бораи демократиконии муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатӣ, диққати махсус дода мешуд.

Соли 1989 Қонуни ИҶШС «Дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ (низоъҳо)» [46] қабул карда шуд, ки он тартиби ҳалли баҳсҳои (низоъҳои) коллективиро оид ба масъалаҳои дар корхона, муассиса ва ташкилотҳо аз як тараф шароити нав ё тағйир додани шароити иҷтимоию иқтисодии меҳнат ва маишӣ, бастан ва иҷрои шартномаҳои коллективӣ ва дигар созишномаҳои байни коллективи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро ва аз тарафи дигар муносибатҳои коллективи меҳнатӣ

(коллективи иттиҳодияҳо) ё иттифоқи касабаро танзим менамуд.

Мувофиқи қонуни мазкур ба ташкилотҳои иттифокҳои касаба ва маъмурият лозим меомад, ки муносибати худро нисбат ба тартиб додани лоиҳаҳои шартномаҳо, бастан ва назорат аз болои иҷрои онҳо моҳиятан аз нав дида бароянд. Акнун шартномаи коллективӣ муҳимтарин ҳуҷҷате маҳсуб меёфт, ки тамоми муносибатҳои дохилии коллективи мехнатиро ба тартиб медаровард.

Қонуни мазкур ба корпартоӣ дар корхонаю ташкилотҳо иҷозат медод, агар ба тарафдории баргузор намудани он камаш аз се ду ҳиссаи аъзоёни ин коллективи меҳнатӣ овоз медод. Дар корхонаю ташкилотҳо оид ба танзими баҳсу мунозираҳои меҳнатӣ ташкил намудани комиссияҳои созиш ва судҳои ҳакамӣ (арбитражӣ) пешбинӣ карда шуд [46].

10 декабри соли 1990 Қонуни ИҶШС «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо» қабул шуд, ки ҳуқуқи иттифокҳои касабаро барои гузаронидани гуфтушуниди коллективӣ, бастани созишнома ва шартномаҳо, инчунин ҳуқуқ ба корпартоиро пешбинӣ менамуд [47].

Ҳамин тавр, ташаккул ва рушди низоми колективии иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар давраи шӯравӣ бо мақсади бартараф намудани зиддиятҳо ва низоъҳои ҷиддӣ идома ёфт, ки ин низоъҳо аксаран дар доираи назорат ва танзими қатъии марказонидашудаи ҳокимияти партиявӣ ва давлатӣ зоҳир мешуданд. Комитетҳои партиявӣ қариб тамоми раванди тайёр кардан, имзо кардан ва ба амал баровардани шартномаҳоро дар ҳамаи доираҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳти назорат мегирифтанд. Масъалаҳои бастани шартномахои коллективӣ, қабули уҳдадориҳои фардӣ, нақшаҳои шахсии эҷодӣ дар маҷлисҳои комитетҳои партиявии корхонаҳо, массиса ва ташкилотҳо, комитетҳои партиявии ноҳияҳо, вилоятҳо, шаҳрҳо, Комитетҳои марказии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва Комитети марказии Партияи коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ мунтазам муҳокима карда мешуданд. Дар таҳти назорати КПСС ҷаласаҳо, гуфтушунидҳои намояндагони коллективҳои меҳнатӣ бо

мақомотҳои давлатӣ, рафти иҷрои шартномаҳо, созишномаҳо ва уҳдадориҳо қарор доштанд.

Бо пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ, Тоҷикистон Истиқлоли давлатии комилро ба даст овард. Дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа истода буд, ки ҳар чи тезтар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварро омода намоянд.

Солҳои 90-ум, солҳои такони ташаккули низоми шарикии иҷтимоӣ, шиддат гирифтани низоъҳои иҷтимоӣ дар робита бо оғози ислоҳоти бозор буданд. Дар солҳои мазкур фаъолияти қонунгузорӣ дар Тоҷикистон дубора шиддат гирифта, қадамҳои мушаххас барои таҳкими асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ амалӣ гардид. Ин марҳала барои таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ ва ташаккули механизми ҳамкории миёни давлат ва ҷомеа аҳамияти стратегии худро дошт. Моҳи апрели соли 1992 лоиҳаи Конститутсияи кишвар аз ҷониби Суди Олӣ ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шуда, тавассути воситаҳои ахбори омма паҳн карда шуд. Аммо оғози ҷанги шаҳрвандӣ равандҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқэҷодкуниро муваққатан боздошт.

Моҳи ноябри соли 1992, пас аз интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон Раиси Комиссияи конститутсионӣ, Гурӯҳи корӣ барои таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис ёфт. Лоиҳаи таҳияшуда моҳи апрели соли 1994 ба ҳайати комиссия пешниҳод гардид ва таҳлилҳои қонунӣ ва фикру ақидаи коршиносон оғоз шуд.

Президиуми Шӯрои Олӣ лоиҳаи Конститутсияро 13 апрели соли 1994 нашр намуд ва ҳамзамон комиссияи конститутсионӣ ваколатдор карда шуд, ки пешниҳодҳо ва назарҳои шаҳрвандонро то моҳи июни ҳамон сол ба инобат гирад. Лоиҳа дар рӯзҳои 21 - 22 апрели соли 1994 тавассути ВАО паҳн карда шуд, ки он аз 10 боб ва 100 модда иборат буда, то имрӯз сохтори Конститутсияи амалкунанда ва заминаи ҳуқуқии давлатдории Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Дар натиҷа, 6 ноябри соли 1994 бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ аввалин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол

қабул гардид. Ин санад дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистон воқеаи сарнавиштсоз маҳсуб ёфта, пояи ҳуқуқӣ ва институти устувори идоракунии давлатро барои ҷомеаи тоҷик таҳким бахшид.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ишғол мекунад. 34 моддаи он ва ё аз се як ҳиссаи Конститутсия ба ин мавзӯъ бахшида шудааст.

Мувофиқи моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ эътироф гардида, вазифаи стратегии он таъмини ҳаёти арзанда, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва рушди озоди шахсият мебошад [1, с. 4]. Ин принсип на танҳо ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун меъёри сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хизмат намуда, устувории иҷтимоӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳои гуногуни ҷомеаро таъмин менамояд.

Дар заминаи ин меъёрҳои конститутсионӣ нахустин санади танзимкунандаи шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардид, ки он  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 ноябри соли 1992 «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаю шартномаҳои коллективӣ» [37] буд. Баъдан Қонуни мзакур дар таҳрири нав аз 28 июли соли 2006, №202 [36] қабул гардид. Дар натиҷаи руши кодификатсияи қонунгузории меҳнат масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 [26], ки дар таҳрири нав қабул гардид, ворид карда шуданд. Дар Кодекси мазкур доир ба масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ як фасли алоҳида: Фасли IV “Шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат” бахшида шудааст, ки аз як қатор бобҳо ва моддаҳо иборат буда, маҷмуи масъалаҳои шарикии иҷтимоиро ба танзим медароранд.

Вобаста ба ин, бо ҳадафи амалӣ намудани принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва таҳкими механизмҳои татбиқи он, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила санадҳои зерқонунӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва мушоракати иҷтимоӣ таҳия ва қабул намуд, аз ҷумла, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №307 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи

тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [52], аз 1 апрели соли 2008, №173 «Дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [53] мебошанд. Дар заминаи меъёрҳои пешбинишуда дар санадҳои мазкур, комиссияҳои шарикии иҷтимоӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро оғоз намуданд. Ин комиссияҳо аз ҳисоби намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои корфармоён ташкил ёфта, вазифадоранд ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳо, татбиқи амалии принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва таҳкими устувории муносибатҳои меҳнатиро таъмин намоянд. Тибқи Низомномаи тасдиқшуда, Комиссия ва аъзои он ҳуқуқ пайдо намуданд, ки аз мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияи корфармоён ва дигар ташкилоту муассисаҳо доир ба масъалаҳои ба зиммадоштаашон маълумоти заруриро талаб ва дастрас намоянд.

Масъалаҳои рушди шарикии иҷтимоӣ айни замон ба сифати яке аз бахшҳо ва ҳадафҳои муҳими стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз ҷумла “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” [47], “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” [50], “Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024” [51] ва дигар барномаҳои давлатӣ, муқаррар гардидаанд.

Ҳамин тариқ, дар давраи Ҳукумати Шӯравӣ ва баъд аз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва татбиқ шуда, онҳо дар танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ нақши асосӣ ва калидӣ доштаанд.

Натиҷаи таҳлил аз он шаҳодат медиҳад, ки институти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун як категорияи калидии ҳуқуқи меҳнати муосир рушду инкишоф ёфтааст, ки шаклгирии он ҳам бо омилҳои таърихӣ ва ҳам бо таҳлилҳои

назариявӣ-ҳуқуқӣ муайян мегардад. Пайдоиши он бо эҳтиёҷи танзими муносибатҳои байни корфармоён, кормандон ва давлат дар асоси ҳамкорӣ, иштироки баробар ва қабули қарорҳои муштарак вобаста аст. Таҳаввули назариявию ҳуқуқии институти шарикии иҷтимоӣ дар низомсозии принсипҳои он, муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, инчунин ташаккули механизмҳои музокироти коллективӣ, иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот ва ҳифзи манфиатҳои онҳо таҷассум меёбад. Натиҷаи таҳлили санадҳои қонунгузорию меъёрӣ нишон медиҳад, ки шарикии иҷтимоӣ таҳти таъсири анъанаҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама санадҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат, рушду такомул меёбад. Ҳамин тариқ, институти шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ амал мекунад, балки ҳамчун омили муҳими субот дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки мувозинати манфиатҳои давлат, корфармоён ва кормандонро таъмин намуда, инкишофи модели одилона ва муассири ҳамкории иҷтимоиро таъмин мекунад.

### 1.3. Принсипҳо ва шаклҳои шарикии иҷтимоӣ

Истилоҳи «принсип» аз калимаи лотинии «principum» маншаъ гирифта, маънояш “асос”, “ибтидо” ё “пояи назариявӣ” арзёбӣ мешавад [94, с. 56].

Дар назарияи умумии ҳуқуқ ба принсипҳои ҳуқуқ ва намудҳои алоҳидаи онҳо адабиётҳои зиёде бахшида шудааст [98, с. 379-385]. Тибқи ин назарияҳо зери мафҳуми принсипҳои ҳуқуқӣ “ғояҳои роҳбарикунанда, асос, ибтидо фаҳмида мешавад, ки моҳият, хусусиятҳои асосӣ ва самти умумии такмили меъёрҳои ҳуқуқиро дар ҳудуди низоми ҳуқуқ ё соҳаҳои алоҳидаи он, ё институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ифода менамоянд” [98, с. 295].

Ҳамоно дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи дигаре иброз шудааст, ки тибқи он “танҳо чунин ғояҳои роҳбарикунандае ба сифати принсипҳои ҳуқуқӣ эътироф мешаванд, ки агар онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ сабт шуда бошанд” [101, с. 379-385].

Дар ин радиф, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки ингуна меъёрҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардида, ба тамоми кормандон ва корфармоён дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ татбиқ меёбанд. Вобаста ба ин, Г.В. Мальцев дуруст қайд намудаанд, ки "принсипҳое, ки дар конститутсия ва қонунҳо инъикоси худро ёфтаанд, як намуди сохти меъёрэҷодкунӣ ва меъёрмустаҳкамкунии низоми ҳуқуқ мебошанд" [81, с. 668-669].

Ба андешаи мо, маҳз чунин нуқтаҳои назар ҷойизтар ва бештар қобили қабуланд.

Ба назари Н. Шонасридинов "агар ҳуқуқ дар шакли раводид, фармоиш, амр, манъкунӣ ифода ёбад, меъёри ҳуқуқӣ тарзу намунаи рафтори одамон, ташкилотҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқро дар шароитҳои гуногуни ҳаётӣ муқаррар менамояд. Ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд аз ғояҳои роҳбарикунанда ибтидо гирифта, онҳоро дар худ дарҷ ва таҷассум намоянд" [112, с. 16].

Принсипҳои ҳуқуқӣ на танҳо дар марҳалаи ҳуқуқсозӣ аҳамияти асосӣ доранд, балки дар раванди шарҳу эзоҳ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ низ нақши ҳалкунанда мебозанд. Ин принсипҳо имконият фароҳам меоранд, ки моҳият ва мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ дақиқу пурра шарҳ дода шуда, татбиқи дурусти онҳо таъмин гардад, ки ба устувории низоми ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Муайян намудани мафҳум, таркиб ва мазмуни принсипҳои соҳавии ҳуқуқи меҳнат на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти муҳими амалӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки маъмулан ҳар яке аз ин принсипҳои соҳаи танзими ҳуқуқии меҳнат, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқи меҳнат равшан муайян карда шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси соҳа ва муҳити амалӣ таҳлил ва мушаххас гардонида мешаванд. Ин раванд имкон медиҳад, ки татбиқи

принсипҳо на танҳо ба қонунгузорӣ асос ёбад, балки ба амалӣ гардонии муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои кормандон дар заминаи шароити воқеии кор мувофиқ бошад.

Хулоса, қонунгузории умумӣ принсипҳои умумии танзими муносибатҳои меҳнатии тамоми кормандон ва корфармоёнро муқаррар намуда, меъёрҳоеро дарбар мегирад, ки тибқи принсипҳои умумӣ танзими муносибатҳои меҳнатиро таъмин менамоянд. Бояд қайд намуд, ки меъёрҳои мазкур, пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардида, татбиқи онҳо хусусияти умумиҳатмӣ дошта, ба ҳамаи кормандон ва корфармоён новобаста аз шакли моликият ва намуди фаъолият, дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ паҳн мегардад.

Дар қатори принсипҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, мавқеи муайянро принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ишғол менамоянд.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқ ва соҳаи иқтисодии ватанию хориҷӣ ба таври гуногун тавсиф шудаанд [63], [68], [115], [118], [137], [138], [126], [142], [146] ва ғайра. Ф.П. Витко, “принсипи шарикии иҷтимоиро ҳамчун ғояҳои бунёдие мефаҳмад, ки моҳият, маънои асосии муносибатҳои шарикии иҷтимоиро ифода мекунанд” [67, с. 67].

Ба ақидаи олимони ватанӣ, “принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ барои ба танзим даровардани муносибатҳои байни кормандон, корфармоён ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллӣ асос гардида, инкишофи минбаъдаи муносибатҳои шарикии иҷтимоиро муайян менамоянд” [84, с. 55].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи дигаре иброз шудааст, ки тибқи он “принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар меъёрҳои КМ ҶТ оид ба шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат инъикос ёфтаанд, ки он ҳам ҳамкориҳои байни шарикони иҷтимоӣ - кормандон ва корфармоёнро (намояндагони онҳоро) дар асоси

ҳамкориҳои сетарафа бо иштироки мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бар мегирад” [83 с. 80].

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, аз ҷумла дар ҳуқуқи меҳнат мушаххас ва эзоҳ гаштааст, ки хусусиятҳои хоси татбиқи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии кормандон ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманди ҷамъиятиро таҷассум менамоянд, ки таъинот ва мазмуни онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ботафсил муқаррар шудаанд.

Вобаста ба ин, Г.В. Мальцев дуруст қайд намудааст, ки “аз нуқтаи назари функсионалӣ гӯем, қобилияти принсипи иштирок кардан дар эҷоди меъёрҳои нави ҳуқуқӣ хеле калон мебошад” [81, с. 688].

С.В. Соловева қайд менамояд, ки “принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар меъёрҳое, ки оид ба танзими муносибатҳои ташкилот ва идоракунии меҳнат муқаррар шудаанд, амалӣ мешаванд” [138, с. 317].

Гуфтаҳои С.В. Соловьеваро тақвият дода, бояд зикр намуд, ки, идоракунии истеҳсолот, омилҳои истеҳсолии фаъолияти меҳнатӣ ва масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар замони муосир яке аз мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Идоракунии истеҳсолот ва захираҳои меҳнатӣ дар ҷаҳони муосир, дар иқтисодиёти рақамӣ, торафт душвортар мегардад ва қобилияти гуфтушунид байни иштирокчиёни меҳнати муштарак ба самаранокӣ ва рақобатпазирии идоракунӣ таъсир мерасонад.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамчун унсурҳои асосии бунёдӣ хизмат мекунанд, ки заминаи ташкил ва татбиқи муносибатҳо байни кормандон (ва намояндагони онҳо), корфармоён (ва намояндагони онҳо), мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Ин принсипҳо асоси танзими шартномавии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, инчунин алоқаманд ба онҳо равандҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ мебошанд, ки имкони ҳамоҳангсозӣ ва баробарии манфиатҳои тарафҳоро фароҳам меоранд. Дар натиҷа, онҳо нақши калидӣ дар

таҳкими институти шарикии иҷтимоӣ ва суботи муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебозанд.

Хулоса, принсипҳои шарикии иҷтимоӣ бояд ҳамчун принсипҳои асосӣ, ғояҳо ё ин ки нуқтаҳои ибтидоӣ дар меъёру қоидаҳои мутамаддин фаҳмида шаванд, ки субъектҳои шарикии иҷтимоӣ бояд дар фаъолияти амалии худ онҳоро риоя намоянд. Давлат зимни амалӣ намудани танзими меъёрии меҳнат ва муносибатҳои ба он алоқаманд низ бояд принсипҳои шарикии иҷтимоиро ба роҳбарӣ гирад.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамчун унсурҳои асосӣ ва роҳнамои муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ пеш аз ҳама дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, конститутсия, қонунҳо ва махсусан қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ инъикос ёфта, татбиқи амалӣ ва ҳуқуқии худро меёбанд. Ин нишон медиҳад, ки принсипҳои мазкур на танҳо заминаи ҳуқуқиро фароҳам меоранд, балки ҳамчун механизми таҳкими ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон, корфармоён ва давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ амал мекунанд.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ бори аввал соли 1919 дар Оинномаи ТБМ ва минбаъд дар Эъломияи Филаделфия (1944) оид ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ТБМ инъикос ёфтанд. Бо дарназардошти равандҳои муосири инкишоф, бояд зикр намуд, ки таҳаввули минбаъдаи ин меъёрҳо дар доираи конвенсияҳо, тавсияҳо ва Эъломияи ТБМ оид ба принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат, инчунин механизми татбиқи онҳо нишон медиҳад, ки ин принсипҳо ҳамчун заминаи ҳуқуқии ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон, корфармоён ва давлат дар муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ шакл гирифтаанд.

Бояд таъкид намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1993, пас аз ба даст овардани истиқлолият, ба сифати узви комилҳуқуқи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат қабул гардид. Ин эътироф на танҳо ба Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки дар чаҳорчӯбаи стандартҳои байналмилалии

меҳнат ва механизми ҳамкории тарафҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок намояд, балки ҳамзамон ҳамчун асоси ҳуқуқӣ барои таҳкими шарикии иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва рушди устувори низоми меҳнат дар ҷумҳурӣ хизмат намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ-ро, ки дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (ИҶШС) эътироф шуда буданд, эътироф кард. Дар ин давра, Ҷумҳурии Тоҷикистон 49 конвенсия, 22 тавсияро ба тасвиб расонида буд.

Нақш ва ҷойгоҳи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қатори принсипҳои соҳаи шарикии иҷтимоии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд масъалаи муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи ҶТ, «санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд» [1].

Инчунин, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки шартномаҳои байналмилалие мавҷуд ҳастанд, ки бидуни тасдиқ амалӣ мешаванд.

Дар ин хусус И.В. Шестерякова чунин қайд намудааст, “шартномаҳое, ки бидуни тасдиқ амалӣ мешаванд, хусусан Эъломияи ТБМ «Оид ба принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат (Женева, 18 июни соли 1998)», шартномаҳое, ки баъди анҷом додани расмиёти дахлдори давлатӣ (дар асоси ҳуқуқи миллӣ) эътибори қонунӣ низ пайдо мекунанд” [110, с. 81-86], ки аз рӯйи тарзи татбиқ амал мекунанд.

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва дар доираи тарзи татбиқ амал мекунанд, ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳуқуқи миллӣ арзёбӣ мешаванд. Бо эълон кардани он дар сатҳи конститутсионӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ бо принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқии байналмилалӣ ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии

кишвар мебошанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадории ҷиддиро барои риоя ва татбиқи онҳо бар дӯш мегирад.

Дар низоми Конвенсияҳои ТБМ махсуси хусусияти мавзӯидошта вуҷуд дорад, ки он дар онҳо принсипҳои соҳаи шарикии иҷтимоӣ, муқаррар шудаанд.

Конвенсияи №87(1948) "Дар бораи озодии асосиатсияҳо ва ҳимояи ҳуқуқ ба мутаҳидшавӣ” [4], ки дар он, пеш аз ҳама, принсипи озодии муттаҳидшавӣ таҷассум ёфта, маҳз ҳамин нукта, дар навбати худ, имконияти таъсис додани иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳоро барои кормандон ва корфармоён фароҳам оварда, ба онҳо имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро ба таври муассир намояндагӣ намуда, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худро таъмин созанд. Ин раванд на танҳо ба таҳкими ҳуқуқҳои субъекти меҳнат мусоидат мекунад, балки ҳамчун механизми муҳим барои ҳамоҳангсозии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва татбиқи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ низ амал мекунад.

Конвенсияи №98 (1949) «Дар бораи татбиқи принсипҳои ҳуқуқ ба ба мутаҳидшавӣ ва баргузории музокироти коллективӣ аз 26.11.1993[12]. меъёрҳои ҳуқуқии Конвенцияи №87-ро пурра намуда, имконияти ташкил кардан ва муҳофизат намудани ташкилотҳои меҳнаткашонро аз поймолкунии озодии иттиҳодияҳо, вусъат додани гуфтушуниди озодонаи байни корфармоён ва кормандон дар асоси пешбинӣ мекунад. Моддаи 4 Конвенсияи мазкур барои таҳияи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба механизми фаъолияти он муҳим арзёбӣ мешавад. Дар он сабт шудааст, ки “дар мавридҳои зарурӣ барои ҳавасманд гардондан ва мусоидат намудан ба саҳмгузор дар раванди пурраи расмиёт ва мусоидат ба таҳия ва амали пурраи гузаронидани гуфтушунидҳо байни созмонҳои кормандон ва соҳибкорон дар робита бо нақзи озодии иттиҳодияҳо, бо роҳи бастани шартномаҳои коллективӣ, ки аз як тараф шароити меҳнатро таъмин мекунад ва аз тарафи дигар, бо мақсади ба тартиб андохтани онҳо чораҳо андешида мешаванд” [12].

Конвенсияи № 144 (1976) «Оид ба машваратҳои сеҷониба барои мусоидат ба татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат» [5]татбиқи модели ҳамкории

сеҷонибаро пешбинӣ менамояд, ки дар он иштироки намояндагони ҳукумат, соҳибкорон ва меҳнаткашон ба таври ҳамоҳанг таъмин гардида, барои танзими муассири муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои тарафҳо заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад ва дигар унсурҳои марбутро низ дар бар мегирад.

Тазаккур додан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии танзими шарикии иҷтимоӣ устувор гардида, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи он давра ба давра таҳия ва мавриди амал қарор дода мешаванд.

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат, КМ ҶТ, ки 23 июли соли 2016 қабул гардидааст, мавқеи марказиро нисбат ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои алоқаманд ишғол мекунад [26]. КМ ҶТ манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнатро муайян менамояд, ҳамчунин низоми кафолатҳои давлатии вобаста ба татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар карда, заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои меҳнатиро таъмин месозад. Ҳадафи асосии он таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат, ҳамоҳангсозии муносибатҳои меҳнатӣ ва таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ мебошад. Ҳамин тариқ, КМ ҶТ на танҳо ҳамчун санади ҳуқуқии асосӣ амал мекунад, балки ҳамчун механизми марказии татбиқи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва таъминкунандаи субот ва устувории муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нақши калидӣ мебозад.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар меъёрҳои Фасли 4 КМ ҶТ дар бобҳои 29, 30, 31, 32 ва 33 ба таври возеҳ ва мукаммал ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, муқаррароти моддаи 298 КМ ҶТ, принсипҳои асосии шарикии иҷтимоиро муқаррар кардааст, ки иборатанд аз “ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар сурати манфиатдор будани кормандон ва ё корфармо дар шахси намояндагони ваколатдор бо тартиби муқарраркардаи санадҳои

меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; баробарҳуқуқии тарафҳо; ваколатдории намояндагони тарафҳо; эҳтироми манфиати тарафҳо; интихоби озод дар баррасии масъалаҳое, ки мазмуни созишнома ва шартномаҳои коллективиро ташкил медиҳанд; ихтиёрӣ аз ҷониби тарафҳо қабул намудани уҳдадориҳо; иҷрои ҳатмии муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби тарафҳо қабулгардида; ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо, қарорҳо, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ; назорати мутақобила ва самимият (ошкоро) дар назди шарикон; дурустӣ ва мунтазамии иттилоот оид ба масъалаҳои фаъолияти тарафҳо мебошанд” [52].

Дар инҷо принсипҳои асосии шарикии иҷтимоиро ботафсил тавзеҳот медиҳем.

Мавқеи аввалро дар байни принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ принсипи ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ишғол менамояд. Принсипи мазкур, хусусан тавассути Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №307 “Дар бораи Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [52] роҳандозӣ мешавад. Бо Низомномаи мазкур, ки дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Ба татбиқи принсипи мазкур ҳамчунин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №173 “Дар бораи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [53] рабт дорад. Ин Низомнома низ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, мақсад, усул, низом, салоҳият ва масъулияти тарафҳоро оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар робита ба ин, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки принсипи зикршудаи ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар

меъёрҳои КМ ҶТ оид ба шарикии иҷтимоии соҳаи меҳнат инъикос ёфта, вай ҳамкориҳои байни шарикони иҷтимоӣ - кормандон ва корфармоёнро (намояндагони онҳоро) дар асоси ҳамкориҳои сетарафа бо иштироки мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатро дар бар мегирад.

Тибқи муқаррароти моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ»[44] дар оинномаи корхона, аз ҷумла, муносибатҳои байни корхона ва муассис ё мақоми ваколатдор, инчунин робитаҳои байни маъмурияти корхона ва кормандон (кормандон, дар мавриди баста шудани шартномаи меҳнатии коллективона) ба таври муфассал танзим ва муқаррар карда мешаванд.

Дигар принсипи асосии шарикии иҷтимоӣ ин баробарҳуқуқии тарафҳо мебошад.

Принсипи баробарҳуқуқии тарафҳо маънои ба тарафҳои шарикии иҷтимоӣ додани ҳуқуқи баробар барои бастани шартнома ва созишномаҳои коллективи ва муҳокимаи масъалаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дорад. Тарафхо барои иҷро накардани уҳдадориҳо ва созишҳои ҳосилгардида, масъулияти баробар доранд.

Дар моддаи 2 Конвенсияи ТБМ дар бораи машварати сеҷониба (Стандартҳои байналмилалии меҳнат), 1976 (№144) аз 21 июни соли 1976 қайд карда мешавад, ки ҳар як узви Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки Конвенсияи мазкурро ба тасвиб мерасонад, расмиётеро амалӣ менамояд, ки машваратҳои муассир байни намояндагони ҳукумат, корфармоён ва кормандонро оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки дар банди 1 моддаи 5 Конвенсия зикр шудаанд, таъмин менамояд.

Ҳар як кишвар моҳият ва шакли расмиёти дар банди 1 моддаи 2 Конвенсия пешбинишударо мувофиқи таҷрибаи миллӣ пас аз машварат бо

ташкилотҳои намояндагӣ, ки дар он ҷо чунин ташкилотҳо мавҷуданд ва дар он ҷое, ки чунин тартибҳо ҳанӯз муқаррар нашудаанд, муайян мекунад.

Ҳадафи асосии Конвенсияи №144 пешбурди принсипи муколамаи иҷтимоӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои ҳукуматҳо, корфармоён ва ташкилотҳои кормандон тавассути машваратҳои сеҷониба оид ба масъалаҳои марбут ба таҳия, амалӣ кардан ва татбиқи стандартҳои байналмилалии меҳнат мебошад. Конвенсия бо талаб кардани машваратҳои самараноки сеҷониба оид ба таҳия ва қабули стандартҳои байналмилалии меҳнат, инчунин мониторинги татбиқи онҳо, ба фаъолияти меъёрии ТБМ мусоидат мекунад. Илова бар ин, Тавсияи №152, санади ҳуқуқии ҳамроҳии Конвенсияи №144 маҳсуб ёфта, роҳнамо оид ба ташкили машваратҳои сеҷонибаи марбут ба фаъолияти ТБМ дар сатҳи миллӣ мебошад.

Конвенсия ба фарҳанги муколамаи шарикони сеҷониба мусоидат мекунад ва эътимоди онҳоро ба ҳамдигар мустаҳкам мекунад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки сиёсати иҷтимоию мехнатӣ, ки ба машваратҳои самарабахши сетарафа асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки қарорхои асоснок қабул карда шуда, масъулияту уҳдадориҳои тарафҳои дахлдор зиёд карда шаванд. Таҳқиқотҳои ТБМ нишон медиҳанд, ки кишварҳое, ки муассисаҳои миллӣ муколамаи иҷтимоиро ташвиқ мекунанд, қодиранд бо бӯҳронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мубориза баранд. Гузашта аз ин, чунин муассисаҳо ба густариш ва такмил додани машваратҳои сеҷониба мусоидат мекунанд, ки ба ташаккулиояндаи соҳаи меҳнат мусоидат мекунанд.

Баробарҳуқуқии тарафҳо дар Конвенсияи ТБМ №144 «Конвенсия дар бораи машваратҳои сеҷониба (стандартҳои байналмилалии меҳнат)» пешбинӣ мекунад, ки корфармоён ва кормандон бояд дар ҳама гуна мақомоте, ки тавассути онҳо машваратҳо гузаронида мешаванд, намоянда дошта бошанд дар асоси баробар намояндагӣ кунанд.

Хулоса, бо такя ба таҳлили назариявӣ ва меъёрии масъала, метавон таъкид намуд, ки татбиқи принсипи баробарҳуқуқии намояндагони ҷонибҳои

шарикии иҷтимоӣ, аз як ҷониб, тавассути кафолати мустақилияти ташкилотҳои кормандон ва корфармоён таъмин карда мешавад. Аз ҷониби дигар, баробарии мазкур дар доираи низоми шарикии иҷтимоӣ бо иштироки фаъолонаи мақомоти давлатӣ низ тақвият меёбад, ки дар ин раванд онҳо ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ амал намуда, ба танзими мутавозини муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мусоидат менамоянд. Яъне, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ наметавонанд шартҳои худро якҷоя ва яктарафа ба иштирокчиёни муносибатҳои шарикӣ таҳмил намоянд.

Татбиқи принсипи мазкур ба ҷонибҳо имкон медиҳад, ки аз бастани шартномаҳои рӯякие, ки як тараф ба тарафи дигар бор карданӣ аст (чун қоида, шартҳои созишномаҳои ин ё он ғайриқонуние, ки аз тарафи корфармоён ва кормандон гузошта мешаванд), даст кашанд.

Принсипи дигарро ваколатдории намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки принсипи ваколатдории намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ аҳамияти назарраси амалӣ касб намудааст. Ҳамзамон, таъкид кардан зарур аст, ки дар ҳолати аз ҷониби намояндагони бидуни салоҳияти дахлдор қабул гардидани санадҳои шартномавӣ, чунин санадҳо эътибори ҳуқуқӣ пайдо намекунанд. Ин ҳолат бо он асоснок мегардад, ки дар тамоми сатҳҳои шарикии иҷтимоӣ, бо риояи принсипи баробарҳуқуқӣ ва дар асоси мувофиқаи тарафҳо, комиссияҳо аз ҳисоби намояндагони ваколатдори ҷонибҳо таъсис дода мешаванд, ки дорои салоҳиятҳои зарурӣ барои қабули қарорҳои дахлдор мебошанд.

Бо такя ба таҳлили мазмунӣ ва ҳуқуқии принсипи мазкур, бояд қайд намуд, ки моҳияти он, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки мақомоти намояндагии кормандони ташкилот дар асоси усули интихобӣ ташаккул ёфта, дар фаъолияти худ аз ҳар гуна тобеият ба мақомоти давлатӣ, сохторҳои хоҷагӣ ё дигар ташкилотҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ мустақил мебошанд. Дар идомаи баррасӣ, зикр кардан зарур аст, ки чунин мақомот махсус бо мақсади таъмини

ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кормандон таъсис дода шуда, фаъолияти худро мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оинномаҳои тасдиқшуда, инчунин созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ амалӣ менамоянд. Дар натиҷа, метавон хулоса намуд, ки онҳо дар низоми шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми мустақили институтсионалӣ баромад намуда, дорои масъулияти баробари ҳуқуқӣ мебошанд ва, ҳамзамон, барои таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон ва корфармоён заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам меоранд.

Мазмуни ин принсипро чунин маънидод намудан мумкин аст: намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ бояд ҳуқуқи қабули уҳдадориҳоеро дошта бошанд, ки чи барои худ ва ҳам барои шахсони намояндаашон эътибори ҳуқуқӣ доранд. Ваколати намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ метавонад тибқи қонун ё бо супоридани ваколат ба шахсони муайян барои иштирок дар музокироти мушаххас бо ҳуқуқи қабули қарор вобаста ба мавзуъҳои ба муҳокима гузошташуда муайян карда шавад.

Дуруст қайд менамоянд олимони ватанӣ, ки «принсипи ваколатдории намояндагони тарафҳо дар муайян намудани намояндагон ва ба онҳо бо тартиби муқаррарнамуда додани ҳуқуқу уҳдадориҳо таъмин мегардад» [84, с. 505].

Асоси меъёрии ҳуқуқии ваколати намояндагони кормандони ташкилот дар бахши шарикии иҷтимоӣ асосан бо меъёрҳои КМ ҶТ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [34], «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» [38], муқаррар гардида, ҳамчунин метавонанд бо созишномаю шартномаҳои коллективӣ доираи ваколату вазифаҳои онҳо дар соҳаҳо ва ташкилотҳо мушаххас карда шавад.

Принсипи эҳтироми манфиати тарафҳо яке аз принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Тибқи мазмуни ин принсип, метавон таъкид намуд, ки ҷонибҳои шарики иҷтимоӣ вазифадоранд ҳуқуқ ва озодиҳои тарафҳоро, ҳамчунин ҳуқуқ ва

манфиатҳои онҳо, қадру манзалат ва дастовардҳои бадастомадаро риоя, ҳифз ва эҳтиром намоянд.

Мазмуни принсипи эҳтироми манфиатҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар он таҷассум меёбад, ки дар доираи равандҳои гуфтушунид ва маслиҳат, ҷонибҳо барои расидан ба ризоияти тарафҳо оид ба масъалаҳои муҳокимашуда чораҷӯӣ менамоянд, шартҳо ва созишномаҳои ҳосилшуда риоя мешаванд ва масъалаҳои ба миёномада ба таври комил ва салоҳиятнок ҳал карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, бояд зикр кард, ки на ҳамеша ҳамаи тарафҳо манфиатдоранд, ки дар равандҳои шартномавӣ фаъолона ширкат намоянд.

Дар амалия мушоҳида мегардад, ки бархе аз корфармоён аз иштирок дар гуфтушунидҳо ва бастани созишномаҳо ё шартномаҳои коллективӣ худдорӣ менамоянд, бо такя ба он андеша, ки дар доираи ташкилот барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ дорои салоҳиятҳои кофӣ мебошанд. Чунин мавқеъ, дар асл, аз нодида гирифтани моҳияти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми мувозинаткунандаи манфиатҳо ва воситаи пешгирии ихтилофҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳад. Дар воқеъ, манфиатдории ҳам корфармо ва ҳам кормандон маҳз дар доираи гуфтушунидҳои баробарҳуқуқ ва бастани созишномаҳои дуҷониба зоҳир мегардад. Механизми шартномавӣ ҳамчун абзори ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунӣ имконият фароҳам меорад, то роҳҳои оптималии такмили фаъолияти ташкилот муайян карда шаванд. Ин раванд, аз ҷумла, ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, афзоиши маҳсулнокии меҳнат, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва таҳкими рақобатпазирии он дар бозори молу маҳсулот ва хизматрасониҳо равона карда шудааст. Дар натиҷа, чунин ҳамкорӣ ба афзоиши даромади ташкилот ва беҳтар гардидани сатҳи музди меҳнату кафолатҳои иҷтимоии кормандон мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, рушди муносибатҳои шартномавӣ ва таҳкими фарҳанги музокироти иҷтимоӣ ба манфиати ҳар ду тарафи шарикии иҷтимоӣ ҷавобгӯ буда, ҳамчун омили устувории иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ин маврид Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамчунин бояд принсипҳои

муқарракардаи Конвенсияи ТБМ аз 29.06.1951 № 100 «Дар бораи музди баробари мардон ва занон барои меҳнат" [11] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи онҳо» аз 1 марти соли 2005, № 89 –ро [40] ба роҳбарӣ гиранд.

Яке аз принсипҳои муҳими шарикии иҷтимоӣ принсипи интихоби озод ҳангоми баррасии масъалаҳое мебошад, ки мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективиро ташкил медиҳанд. Моҳияти ин принсип дар он асос меёбад, ки тарафҳо ҳуқуқ доранд мустақилона ва баробарҳуқуқ доираи масъалаҳо, шароит ва уҳдадориҳое, ки бояд дар санадҳои шартномавӣ инъикос ёбанд, муайян карда бошанд. Мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар асоси принсипҳои бунёдии шарикии иҷтимоӣ, ки дар қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, ташаккул меёбад. Бояд қайд намуд, ки озодии интихоби масъалаҳои марбут ба соҳаи меҳнат ва ихтиёрӣ будани қабули уҳдадориҳое мебошад, ки тарафҳо онҳоро бо ризоияти мутақобила ба зиммаи худ мегиранд. Ҳамин тавр, принсипи мазкур кафолати мустақилияти иродавии тарафҳо ва заминаи ҳуқуқии татбиқи механизми музокироти баробарҳуқукро фароҳам оварда, ба рушди муносибатҳои мутавозин ва созанда дар доираи шарикии иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Принсипи дигари шарикии иҷтимоиро интихоби озод дар баррасии масъалаҳое, ки мазмуни созишнома ва шартномаҳои коллективиро ташкил медиҳанд, маҳсуб меёбад.

Мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, ба принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ, ки дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ва пеш аз ҳама, ин озодии интихоб ҳангоми баррасии масъалаҳои соҳаи меҳнат ва уҳдадориҳое, ки ба зиммаи тарафҳо ихтиёрӣ вогузор карда шудаанд, ташкил медиҳанд.

Чи тавре Т.А. Сошникова қайд менамояд "принсипи бунёдии шарикии

иҷтимоӣ, принсипи озодии интихоб ҳангоми баррасии масъалаҳо оид ба соҳаи меҳнат мебошад, яъне воқеияти уҳдадориҳое, ки тарафҳо гирифтаанд, уҳдадории татбиқи шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо. Ҷонибҳо бояд ба музокироти коллективӣ омода шаванд, мавқеи худро муайян кунанд ва якдигарро бовар кунонанд, ки эҳтимолияти бо назардошти қобилиятҳои тарафҳо, онҳо бояд иҷро шаванд, новобаста аз он ки кадом мушкилиҳо ба миён меоянд" [139, с. 347].

Мо бар он ақидаем, ки таҳияи сохтор ва мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ бояд бо мувофиқаи намояндагони ҷонибҳо сурат гиранд. Дар ин раванд, ҷонибҳо дар интихоби доираи масъалаҳои муҳокимашаванда ва муайян намудани мундариҷаи онҳо мустақилона қарор қабул намуда, ҳамзамон риояи шартҳои ба дастомадаи созишҳо барои амалӣ гардидани он ҳатмӣ мебошад.

Принсипи дигарро ихтиёрӣ аз ҷониби тарафҳо қабул намудани уҳдадориҳои шарикии иҷтимоӣ мебошад.

Принсипи ихтиёрӣ аз ҷониби тарафҳо қабул намудани уҳдадориҳои шарикии иҷтимоӣ, мазмуни доираи хеле васеи меъёрҳои қонунгузориро дар бар гирифта, истифодаи механизмҳои ҳатмии танзими ҳуқуқии дар КМ ҶТ сабтшуда маҳдуд нагашта, дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ инъикос мешавад.

Ба ақидаи А.В. Деминишин, "мафҳуми ихтиёрӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ бо озодии фардии шахсон зич алоқаманд буда, қобилияти интихоби рафтори оптималӣ, амали фаъоли ҳуқуқӣ, сарфаи равандҳои ҳуқуқӣ, ба натиҷаи мусбати ҳуқуқӣ диққат додан ва ташаббуси иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ робитаи ногусастанӣ доранд, ҳисобида мешавад" [70, с. 27-29].

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки тарафҳо ҳуқуқ надоранд бидуни қонун ихтиёрана бо салоҳидиди худ шартҳои дар меъёрҳои ҳуқуқи пешбининашударо зимни бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, барои тарафҳо муқаррар намоянд.

Ба андешаи мо, риоя кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва ба инобат гирифтани манфиатҳои тарафҳо шарт ва зарур аст.

Принсипи дигар, ин иҷрои ҳатмии муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби тарафҳо қабулгардида маҳсуб меёбад.

Тарафҳо бояд дар доираи муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби онҳо қабулгардида уҳдадориҳоро софдилона эътироф кунанд ва иҷро намоянд.

Тибқи банди 3 Тавсияи ТБМ №91 (1951) «Дар бораи шартномаҳои коллективӣ», "ҳар яке аз тарафҳои имзокардаи шартномаҳои коллективӣ ва инчунин шахсоне, ки аз номи онҳо ба имзо расонидаанд, бояд ҳатман риоя намоянд" [15].

Тарафҳо бояд аҳду паймонро риоя кунанд ва уҳдадориҳои худро иҷро кунанд, вагарна тарафе, ки шартномаро вайрон кардааст, бояд ба ҷавобгарӣ кашада шавад. Ҷавобгарии тарафҳо барои риоя накардани меъёрҳои шартномаи коллективӣ дар моддаи 316 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Принсипи дигарро ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо, қарорҳо, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ташкил медиҳад.

Дигар василаи муҳими таъмини риоя ва таъмини иҷрои яқини созишнома ва шартномаҳои коллективиро ҷавобгарии ҳуқуқии ҷонибҳои онҳо ташкил медиҳад.

Тибқи моддаи 316 КМ ҶТ, ки дар он сухан дар бораи масъулияти тарафҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ меравад, "дар сурати саркашӣ намудан аз музокирот ва бо гуноҳи яке аз тарафҳо иҷро нашудани шартҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тарафи дигар ҳуқуқ дорад дар бораи ҷуброни зарари моддии дар натиҷаи ин амал расонидашуда тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи даъвогӣ пешниҳод

намояд” [26].

Яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки барои иҷро накардани қонунгузорӣ оид ба созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ шудааст, ҷавобгарии маъмурӣ мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намуди ҳуқуқвайронкуниро, ки боиси татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ситонидани ҷарима мегарданд, муқаррар намудааст, ки онҳо дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Аввалан, барои ҳолатҳои саркашӣ ё худсарии корфармо ё намояндаи ӯ аз иштирок дар музокирот ҷиҳати бастани шартномаи (созишномаи) коллективӣ, тағйир додан ё ворид намудани иловаҳо ба он, бояд шароити зерин ба назар гирифта шаванд: агар қонунгузорӣ ҳатман бастани чунин шартнома ё созишномаро пешбинӣ карда бошад; агар муҳлати муқаррарнамудаи қонун барои гузаронидани музокирот риоя нашуда бошад; агар корфармо ё намояндаи ӯ фаъолияти комиссияи масъул оид ба бастани шартнома (созишномаи) коллективиро дар муҳлатҳои муайяннамудаи тарафҳо таъмин накунад (моддаи 99 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дуюм, барои пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ барои анҷом додани гуфтушуниди коллективӣ ва амалӣ накардани назорати риояи шартномаи (созишномаи) коллективӣ (моддаи 100 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Сеюм, беасос саркашӣ кардани корфармо ё намояндаи он аз бастани шартномаи (созишномаи) коллективӣ (моддаи 101 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Чорум, аз тарафи корфармо ва ё намояндаи он риоя ё иҷро накардани уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи (созишномаи) коллективӣ (моддаи 102 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Панҷум, саркашии корфармо ё намояндаи ӯ аз баррасӣ ва қабули

талаботи кормандон, худдорӣ кардан аз иштирок дар расмиёти оштӣ, ҷудо накардани ҷой ё бино барои баргузории маҷлис ё конференсияи кормандон бо мақсади пешниҳод намудани талабот ва ё халал расонидан ба баргузории чунин маҷлисҳо, ҳамчун рафтори зиддиқонунӣ ва мухолиф ба талаботи меъёрии танзими муносибатҳои меҳнатӣ арзёбӣ мегардад, ки ин амали ғайриқонунӣ на танҳо ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандонро душвор менамояд, балки устувории низоми шарикии иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳоро низ зери хатар мегузорад.

Шашум, аз тарафи корфармо ё намояндаи он иҷро накардани ӯҳдадорие, ки дар натиҷаи созиши оштӣ ба даст омадааст (моддаи 104 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Парвандаҳо оид ба ситонидани ҷарима аз шахсони содирнамудаи чунин кирдорҳо, бо аризаи яке аз ҷонибҳо ва далелҳои хаттии ба он замимашуда, дар суд баррасӣ мешаванд. Маблағи ҷаримаи рӯёнидашуда бошад, ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешавад.

Барои вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ, масъулияти интизомӣ низ муқаррар шудааст.

Интихоб ва татбиқи муҷозоти интизомӣ нисбат ба шахсони гунаҳгор, аз ҷумла аз вазифа сабукдуш намудани онҳо, бояд дар доираи талаботи қонунгузорӣ оид ба меҳнат сурат гирад. Тартиби татбиқи муҷозоти интизомиро бошад, моддаҳои 62 ва 63 КМ ҶТ муайян намудаанд.

Масъулияти маъмурӣ ва интизомӣ барои иҷро накардани қонунгузорӣ оид ба шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ ба ҳеҷ ваҷҳ масъулияти моддии ҷонибҳои чунин санадҳоро истисно намесозад.

Тибқи моддаи 316 КМ ҶТ, дар ҳолати саркашӣ аз иштирок дар музокирот ё бо гуноҳи яке аз тарафҳо иҷро нагардидани шартҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, ҷониби дигар ҳуқуқ дорад мутобиқи меъёри қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷуброни зарари расонидашуда ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намояд.

Зарари моддии расонидашуда бошад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талофӣ мешавад (боби 13 КМ ҶТ) [66, с. 592-594].

Тибқи муқаррароти қ.3 моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [34], иттифоқҳои касаба аз рӯи уҳдадориҳои дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо ва дар навбати худ онҳо аз рӯи уҳдадориҳои иттифоқҳои касаба, ҷавобгар нестанд.

Қонунгузорӣ на танҳо ҳуқуқи фаъолияти озоди мақомоти намояндагии кормандонро эътироф менамояд, балки барои ҳифзи онҳо аз дахолати ғайриқонунӣ механизмҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро низ муқаррар кардааст. Аз ҷумла, тибқи моддаи 158 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, “монеъ шудан ё дахолат намудан ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, агар ин амал боиси ба таври назаррас халалдор гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо гардад, бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол” [26] ҷазо дода мешавад.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки принсипи иҷрои ҳатмии муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби тарафҳо қабулгардида, ба принсипи ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо, қарорҳо, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тавъам буда, дар сархатҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи 298 КМ ҶТ муайян шудааст.

Риоя нагардидани принсипи иҷрои ҳатмии муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби тарафҳо қабулгардида ва басташуда боиси ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо, қарорҳо, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ гашта, барояшон оқибатҳои ногуворро ба бор меоварад.

Дигар принсипи асосии шарикии иҷтимоӣ назорати мутақобила ва самимона (ошкоро) дар назди шарикон мебошад.

Бо назардошти таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ва таҷрибаи

шарикии иҷтимоӣ, метавон қайд намуд, ки моддаи 314 КМ ҶТ ба масъалаи назорати татбиқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ равона гардидааст, ки ин принсип яке аз рукнҳои асосии низоми шарикии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Назорати риоя ва иҷрои ин санадҳо метавонад мустақиман аз ҷониби ҷонибҳои шартнома ё созишнома ва ҳамчунин тавассути комиссияҳои дахлдори танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ҳамчунин мақомоти ваколатдоштаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровварда шавад. Муҳимияти амалисозии ин механизм дар он ифода меёбад, ки назорати иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ тибқи Низомномаи комиссияи сетарафаи ҷумҳуриявӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, сурат мегирад.

Ба сифати мисол, назорати татбиқи Созишномаи Генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2023 [142] ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарафҳои шарик гузошта шудааст. Ин раванд, аз мавқеи назарияи институти шарикии иҷтимоӣ, ҳамчун кафолати назорати самаранок ва мутаносиби татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои шартнома ва таъминкунандаи устувории муносибатҳои меҳнатӣ арзёбӣ мешавад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 363 КМ ҶТ, “назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро иттифоқҳои касаба, нозирон ва комиссияҳои мақомоти дахлдори интихобии иттифоқи касабаи ташкилот ё дигар намояндагони кормандон амалӣ менамоянд” [26].

Мақомоти намояндагии кормандони ташкилотҳо дорои ваколатҳои васеъ мебошанд. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2 августи соли 2011, ба

шумораи ҳуқуқҳои асосии иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ оид ба иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат ва фаъолияти иттифоқҳои касаба дохил мешавад. Бо мақсади таъмини иҷрои меъёрҳои қонунгузории меҳнатӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии аъзои худ, иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бозрасии назорати ҷамъиятиро таъсис диҳанд. Салоҳият, тартиб ва доираи ваколатҳои чунин бозрасӣ тибқи оиннома (низомнома)-и иттифоқҳои касаба ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Қисми 3 моддаи мазкури Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» пешбинӣ мекунад, ки дар сурати муроҷиати аъзои иттифоқҳои касаба, ин иттиҳодияҳо ҳуқуқ доранд аз номи онҳо ба суд ва бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намуда, ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар ҳуқуқҳои марбут ба муносибатҳои меҳнатиро ҳимоя намуда бошанд. Аз нуқтаи назари илмӣ-ҳуқуқӣ, ин муқаррарот ба иттифоқҳои касаба мақоми субъекти мустақили намояндагии мурофиавиро эътироф мекунад. Яъне, иттифоқи касаба на танҳо ҳамчун ниҳоди намояндагии ҷамъиятӣ, балки ҳамчун иштирокчии мустақими ҳифзи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ баромад менамояд. Ин ваколат ба татбиқи самараноки принсипи дастрасӣ ба адолати судӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии кормандон мусоидат мекунад. Дар баробари ин, чунин механизми намояндагӣ аҳамияти амалии ҷиддӣ дошта, аксар кормандон бинобар сабабҳои молиявӣ, тарси фишор аз ҷониби корфармо ё набудани донишҳои ҳуқуқиашон, имкони мустақилона ҳифзи ҳуқуқҳои худро дар суд надоранд. Иштироки иттифоқҳои касаба дар мурофиаи судӣ сатҳи ҳимояи ҳуқуқҳоро боло бурда, ба тавозуни воқеии манфиатҳои тарафҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Тибқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» аз 17 майи соли 2004 №32, "корфармоён уҳдадоранд назорати иҷрои созишномаҳои аз ҷониби иттиҳодияи корфармоён

басташударо ба амал бароранд ва инчунин, ба иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот маълумотро дар хусуси масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки иттиҳодияҳои корфармоён дар ихтиёр доранд ва барои бурдани музокироти коллективӣ бо мақсади таҳия ва бастани созишномаҳо, инчунин назорати иҷрои онҳо заруранд, пешниҳод намоянд" [38].

Натиҷаи иҷрои талаботи созишномаҳо на камтар аз ду маротиба дар як сол ё дар муҳлатҳое, ки дар созишномаҳо муқаррар карда шудаанд, бо иштироки Тарафҳо дар маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад [36].

Принсипи саҳеҳият ва мунтазамии пешниҳоди иттилоот оид ба масъалаҳои фаъолияти тарафҳо дар низоми принсипҳои шарикии иҷтимоӣ мавқеи муҳим ва назаррасро ишғол менамояд. Аз нигоҳи назариявӣ, ин принсип таъмини шаффофият, боэътимодӣ ва дастрасии саривақтии иттилоотро байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар назар дошта, заминаи зарурӣро барои пешбурди музокироти самаранок ва қабули қарорҳои асоснок фароҳам меорад. Дурустӣ ва мунтазамии иттилоот кафолат медиҳад, ки ҳар як тараф мавқеи худро бо такя ба маълумоти воқеӣ ва санҷидашуда ташаккул диҳад. Ҳамин тавр, риояи ин принсип ба таҳкими эътимоди мутақобила, пешгирии ихтилофҳо ва устувории муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мусоидат намуда, шарти муҳими татбиқи самараноки шарикии иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Мутобиқи моддаи 299 КМ ҶТ, яке аз шаклҳои амалӣ намудани шарикии иҷтимоӣ, иттилоотонии мутақобилаи тарафҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳои қабулгардида маҳсуб меёбад.

Тибқи Тавсияи ТБМ №129 «Дар бораи муносибатҳои байни роҳбарият ва кормандон дар корхона»[13], барои фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимод дар корхона зарур аст, ки паҳншавӣ ва мубодилаи

босуръат ва ҳамаҷонибаи иттилоот боэътимоду мукаммал таъмин гардад. Ин аз ҷумла ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти корхона ва шароити иҷтимоӣ ва меҳнатии кормандон дахл дорад. Таъмин намудани дастрасии саривақтӣ ва ҳақиқии иттилоот ба ҳамаи тарафҳо ҳамчун омил ва воситаи асосии таҳкими эътимод ва ҳамкории самараноки иҷтимоӣ-меҳнатӣ арзёбӣ мешавад.

Тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» [38], яке аз вазифаҳои иттиҳодияҳои корфармоён, таъмини иттилоотӣ ва методии аъзоёни иттиҳодияҳо маҳсуб меёбад.

Тибқи Боби II Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №173 «Дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба комиссияҳои сетарафа барои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[53], комиссияҳои сетарафа вазифадоранд таҷрибаи шарикии иҷтимоиро густариш дода, дар сатҳҳои соҳа, минтақа ва дигар комиссияҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ иттилооти зарурӣ ҷамъоварӣ ва ба кор баранд. Иттилооти мазкур бояд доир ба фаъолияти комиссияҳои сетарафа, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақаҳо, соҳаҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо ҳамчун заминаи таҳлил ва баҳогузорӣ истифода мешавад. Ин арзёбӣ дар навбати худ имкон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба бартараф намудани ихтилофҳо дар доираи созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ, инчунин танзим ва ҳалли баҳсҳои коллективии меҳнатӣ бо роҳи самаранок ва мувофиқ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳаллу фасл гарданд. Ҷорӣ намудани механизми ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилоот дар сатҳи комиссияҳои сетарафа ҳамчун воситаи муҳими таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ ва пешгирии ихтилофҳои меҳнатӣ арзёбӣ мешавад.

Аз меъёрҳои зикргардида чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки принсипи дурустӣ ва мунтазамии иттилоот оид ба фаъолияти тарафҳо ба боварӣ асос меёбад.

Чи тавре И.А. Алешкова қайд менамояд, “низоми муносибатҳои ба вуҷудомадаи байни субъектҳо ба боварӣ асос ёфта, ба ҳамоҳангсозии

манфиатҳои тарафҳо дар шарикӣ нигаронида шудааст” [116, с. 44].

**Таҳқиқу баррасии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии принсипҳо ва шаклҳои шарикии иҷтимоӣ барои бардошти хулоса ва пешниҳодоти зерин имкон дод:**

1. КМ ҶТ дар моддаи 298 принсипҳои асосии шарикии иҷтимоиро муайян намудааст, ки онҳо аз 10 номгу иборатанд. Вале, ба ақидаи мо, дар ин номгӯ боз ду принсипи муҳим ва асосии шарикии иҷтимоӣ, ки имконият доранд бевосита ба тавсеа ва таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамчунин таъмини натиҷаҳои самараноки фаъолияти тарафҳои шарики иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои онҳоро таъмин намоянд, инъикос нагардидаанд, аз ҷумла “принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ” ва “принсипи мусоидати давлат дар мустаҳкам намудан ва инкишоф додани шарикии иҷтимоӣ дар асоси демократӣ”. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба моддаи 298 КМ ҶТ (Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ) сархатҳои ёздаҳ ва дувоздаҳум бо мазмуни зайл илова ворид карда шаванд:

“- таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ;”

“ - мусоидати давлат дар мустаҳкам намудан ва инкишоф додани шарикии иҷтимоӣ дар асоси демократӣ”.

2. Дар доираи ин, принсипи аз ҷониби тарафҳо ҳатман иҷро намудани муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективӣ бо принсипи ҷавобгарии тарафҳо барои риоя накардани уҳдадориҳо, қарорҳо ва мӯҳтавоҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, ки дар банди ҳафтум ва ҳаштуми моддаи 298 КМ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, тавъам буда, ҳамдигарро пурра мекунанд.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ

## 2.1. Санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ҳамчун асоси ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ

Дар низоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 [2] ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 [3] мавқеи марказиро ишғол намуда, ҳамчун сарчашмаи асосӣ ва заминавии танзимнамоии муносибатҳои меҳнатӣ, баромад мекунанд. Ин санадҳо меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшударо муайян намуда, ба давлатҳо вазифаи таъмини ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандонро бор мекунанд ва ба таҳкими низоми шарикии иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои коргарон заминаи ҳуқуқии байналмилалӣ фароҳам меоранд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон стандартҳои умумиро барои ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳо муқаррар менамояд, бо мақсади он ки ҳар фард ва ҳар узви ҷомеа, ки ба принсипҳои он мутобиқат мекунад ва ҳамеша ин Эъломияро дар мадди назар доранд, кӯшиш намоянд, ки эҳтиром ба ин ҳуқуқ ва озодиҳо ва бо чораҳои пешқадами миллӣ ва байналмилалӣ барои эътироф ва риояи ҳамаҷониба ва муассири онҳо, ҳам дар байни худи халқҳои кишварҳои узв ва ҳам дар байни халқҳои қаламравҳои тобеи онҳо, таъмин карда шавад.

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, "ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш эълон доштааст" [2].

Дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад, "манъи маҳдудсозии ҳуқуқ, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба

муттасил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳо” [3] муқаррар шудаанд.

Дар баробари ин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, Конвенсияҳои хусусияти мавзӯи доштаи ТБМ вуҷуд доранд, ки дар онҳо асосҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, муқаррар шудааанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқоташон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили кишвар, ки 24 октябри соли 2019 баргузор гардида буд, доир ба саҳми ТБМ чунин қайд намуданд: «Саҳми Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва тавсеаи шарикии иҷтимоии байни давлатҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён ва санадҳои қабулкардаи он дар шакли конвенсияҳо ва тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунад» [114].

Масъалаҳои гуногуни табиати ҳуқуқии конвенсияю тавсияҳои ТБМ аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ аз рӯзи таъсисёбии ин ташкилот то имрӯз, меъёрҳои умумии амалкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамчун стандартҳои дар конвенсияҳои дахлдор муқарраргардида мувофиқат мекунад, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуда то ҳол идома доранд.

Дар низоми танзими муносибатҳои меҳнатӣ мақоми конвенсияҳо ва тавсияномаҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат хеле назаррас мебошад. Дар айни ҳол, Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай даҳҳо Конвенсия ва Тавсияномаи Созмони мазкурро эътироф ва татбиқ намудааст, ки ин нишондиҳандаи пайравӣ ба меъёрҳои байналмилалии меҳнат ва ташаккули низоми ҳуқуқии мувофиқ бо стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки соли 1919 таъсис ёфтааст, дар давоми фаъолияти худ консепсияи шарикии иҷтимоиро таҳия намуда, бар асоси он муҳимтарин санадҳои меъёриро қабул кардааст. Ин санадҳои меъёрӣ заминаи ҳуқуқии муфассалро барои низоми шарикии иҷтимоӣ фароҳам

оварда, меъёрҳо ва ҳуҷҷатҳои танзимкунандаро оид ба вазъи ҳуқуқии тарафҳои муносибатҳои шарикӣ муайян мекунанд.

Конвенсияҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат масъалаҳои асосиро дар мавриди озодии таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои кормандон ва корфармоён, ҳуқуқи онҳо ба музокироти коллективӣ, инчунин ба эҷод ва татбиқи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ баррасӣ менамоянд. Ин санадҳо ҳамчунин шакл ва усулҳои ҳамкории мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои меҳнаткашон ва соҳибкоронро муқаррар карда, равишҳои ба даст овардани созиш, оштикунонӣ ва гузашткунӣ ва дигар механизмҳои танзими низоми шарикии иҷтимоиро муайян мекунанд.

Мусалам аст, ки инкишофи шарикии иҷтимоӣ дар шароити низоъ ва муборизаи иҷтимоӣ ба амал меояд. Дар ин робита, Конвенсияҳои ТБМ ба зарурати татбиқи расмиёти мусолиҳа ва ташкили ҳакамӣ барои танзими мутамаддини ҳолатҳои мунокишаи ба вуҷуд омада таъкид мекунанд. Диққат ба роҳ надодан ба кам кардани ҳалли зиддиятҳо танҳо ба яке аз усулҳо – зуроварӣ ва пахш кардан ҷалб карда мешавад. Истифодаи зӯроварӣ ва пахшкунӣ ҳамчун меъёр баромад карда наметавонад, балки танҳо яке аз вариантҳои имконпазири мубориза ва равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Ҳуқуқ ба мутаҳидшавиро Конвенсияи ТБМ №87 «Дар бораи озодии асосиатсияҳо ва ҳимояи ҳуқуқ ба мутаҳидшавӣ» [4] ва Конвенсияи №98 «Дар бораи татбиқи принсипҳои ҳуқуқ ба мутаҳидшавӣ ва баргузории музокироти коллективӣ» низ муқаррар намудааст [12].

Инчунин, Конвенсияи ТБМ “«Дар бораи ҳуқуқ ба мутаҳидшавӣ ва баргузории музокироти коллективӣ»” (№ 98, 1949) муайян мекунад, ки тамоми чораҳо бояд барои “ҳавасмандӣ ва мусоидат ба рушди пурраи тартиби гузаронидани гуфтушунидҳо дар асоси ихтиёрӣ байни корфармоён ё ташкилотҳои онҳо, аз як тараф, иттиҳодияҳои кормандон, аз тарафи дигар, бо мақсади ба тартиб андохтани шартҳои меҳнат бо роҳи шартномаҳои коллективӣ фаро гирад” [13].

Конвенсияи ТБМ “Оид ба машваратҳои сеҷониба барои мусоидат ба татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат” (№144, соли 1976) низ муҳим арзёбӣ мешавад. Дар он гуфта мешавад, ки “корфармоён ва кормандон дар ҳама гуна мақомоте, ки тавассути онҳо машваратҳо гузаронида мешаванд, дар асоси баробар намояндагӣ мекунанд» [5].

Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат №154 “Дар бораи мусоидат ба музокироти коллективӣ” (Женева, 19 июни 1981) ғояҳои шаклҳои муносибатҳои байни субъектҳои шарикии иҷтимоиро инкишоф медиҳад. Дар он гуфта мешавад, ки "тадбирҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои ҳавасмандгардонӣ ва мусоидат ба таҳияи шартномаҳои коллективӣ андешидашуда бояд бо машваратҳои пешакӣ, инчунин созишномаҳои байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои соҳибкорон ва кормандон қарор дода шаванд" [6].

Инчунин, Тавсияҳои ТБМ «Дар бораи шартномаҳои коллективӣ» (1951), “Дар бораи ҳамкорӣ дар сатҳи корхона” (1952), “Дар бораи ҳамкорӣ дар миқёси соҳавӣ ва миллӣ” (1960), “Дар бораи мусоидат кардан ба гуфтушунид” (1981) ва ғайра, дар таъмини ҳуқуқии низоми шарикии иҷтимоӣ нақши муҳим доранд.

Меъёрҳои умумии амалкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба пуррагӣ аз ҷониби Л.Н. Галенский таҳлил гардидааст. Инак, масалан принсипи манъ будани истифодаи зӯрӣ ва таҳдиди зӯрӣ, ки дар банди 4 моддаи 2 Оинномаи СММ ва дар Эъломияи принсипҳо 1970 таҳия гардидааст, ҳам дар соҳаи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ва ҳам дар соҳаи ҳуқуқи оммавии байналмилалӣ чунин аҳамияти бузург дорад. Ҳамчунон, бо назардошти хусусият ва таркиби субъективии муносибатҳои дар соҳаи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ бавуҷудоянда, принсипи мазкур дар ин ҷо хусусияти муайянро касб мекунад [119]. Аз ҷумла, манъ будани истифодаи фишори иқтисодӣ нисбати субъектони дигар дар соҳаи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, маънои маҷбур насохтан ба бастани шартнома, ҳамкорӣ ва дигарҳоро дорад. Ин ва

дигар принсипҳои ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ бояд, ки татбиқ карда шаванд [86].

Таҳлили низоми бахши конвенсияҳои асосии ТБМ, ки стандартҳои шарикии иҷтиморо дар бар мегиранд ин омӯзиши ботафсили унсурҳои таркибии он ва иртиботи мутақобилаи онҳо мебошад. Гап сари он меравад, ки Конвенсияҳо ҳамчун санади танзимкунандаи бахши шарикии иҷтимоӣ танҳо ба методҳо ва муҳокимаронихои хаттӣ такя мекунанд.

Конвенсияҳои асосии ТБМ, ки стандартҳои шарикии иҷтимоиро дар бар мегиранд: якум, Конвенсияи №29 аз соли 1930 «Дар бораи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ» [7], ки тасдиқи он соли 1993 ба қайд гирифта шудааст, ки манъи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дар ҳама шаклҳоро талаб мекунад. Дуюм, Конвенсияи №105 аз соли 1957 «Оид ба барҳам додани меҳнати маҷбурӣ» [8], ки тасдиқи он соли 1998 ба қайд гирифта шудааст, истифодаи ҳама гуна шаклҳои меҳнати маҷбурӣ ё истифодаи меҳнат ҳамчун воситаи фишор ё пахшкунии сиёсӣ, тарбиявӣ ё ҷазо барои ифодаи ақидаҳои сиёсӣ ва идеологӣ, инчунин сафарбаркунии маҷбурии захираҳои меҳнатӣ, татбиқи интизоми сахтгирона дар меҳнат, ҷарима ё муҷозот барои иштирок дар корпартоиҳо ва ҳар гуна шаклҳои табъизро қатъиян манъ мекунад. Ҳамчунин, Конвенсияи ТБМ аз 25.06.1958 № 111 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл” [9] ҳамагуна фарқгузориро дар соҳаи меҳнат манъ намудааст.

Мавриди зикр аст, ки ба туфайли кушишҳои пайваста дар бахши назорати соҳаи меҳнат айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ ҷой надоранд. Заминаи дигари ин муваффақкият ба истифодаи чунин шакли меҳнат эҳтиёҷ надоштани на давлат ва корфармоёни бахши хусусӣ  маҳсуб мешавад.

Бояд гуфт, ки интихоби озодани намудҳои шуғл, касбу кор, ихтиёрдории озоди қобилияти меҳнатӣ, манъ будани маҳдудсозии ҳуқуқҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ ва меҳнати маҷбурӣ, ҳифзи меҳнат, таъмини шароити

мусоиди корӣ ва пардохти музди баробар барои кори баробарарзиш, озодии меҳнатро ифода мекунанд.

Хулоса, заминаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба манъи меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ ба стандартҳои дар конвенсияҳои ТБМ муқарраргардида мувофиқат мекунанд.

Конвенсияи №87 аз 9 июли соли 1948 «Дар бораи озодии асосиатсияҳо ва ҳимояи ҳуқуқ ба мутаҳидшавӣ»[4], ки ҳуқуқи ҳамаи кормандон ва корфармоёнро барои таъсис ва пайвастан ба иттиҳодияҳои интихобкардаи худ бидуни иҷозати пешакӣ муқаррар мекунад, тартиби фаъолияти онҳоро муайян мекунад. Ташкилотҳои намояндагии кормандон ва корфармоён ҳуқуқ доранд, ки оинномa ва қоидаҳои дохилии худро таҳия намуда, намояндагонашонро ба таври озодона интихоб намоянд, сохтор ва тарзи фаъолияти худро муайян карда, барномаи амалии худро таҳия созанд. Ин ҳуқуқ ба онҳо имконият медиҳад, ки фаъолияти худро мустақилона ва баробарҳуқуқона дар доираи меъёрҳои қонунгузорӣ ба роҳ монанд, ҳамзамон шаффофият ва масъулияти ташкилотиро таъмин намоянд ва нақши худро дар татбиқи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ иҷро кунанд.

Конвенсия дахолати мақомоти давлатиро ба фаъолияти иттиҳодияҳои кормандон ва корфармоён манъ намудааст.

Конвенсияи №98 (1949) “Дар бораи татбиқи принсипҳои ҳуқуқ ба мутаҳидшавӣ ва баргузории музокироти коллективӣ” аз 26-уми ноябри соли 1993 [12] меъёрҳои ҳуқуқии Конвенсияи №87-ро пурра намуда, имконияти ташкил ва ҳифз намудани ташкилотҳои меҳнаткашонро аз поймолкунии озодии иттиҳодияҳо, вусъат додани гуфтушуниди озодонаи байни корфармоён ва кормандон пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 4 Конвенсияи мазкур барои таҳияи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба механизми фаъолияти он муҳим арзёбӣ мешавад. Дар он сабт шудааст, ки дар мавридҳои зарурӣ баҳри ҳавасманд гардондан, мусоидат намудан ва саҳмгузор будан дар раванди пурраи расмиёт ва мусоидат ба таҳия ва амали пурраи

гузаронидани гуфтушунидҳо байни созмонҳои кормандон ва соҳибкорон дар робита бо нақзи озодии иттиҳодияҳо, бо роҳи бастани шартномаҳои коллективӣ, ки аз як тараф шароити меҳнатро таъмин мекунад ва аз тарафи дигар, бо мақсади ба тартиб андохтани онҳо чораҳо андешида мешаванд.

Конвенсияи соли 1981 (№ 154) “Дар бораи мусоидат ба музокироти коллективӣ”, ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дахл дорад ва инчунин, таърифи истилоҳи "музокироти коллективӣ"-ро муайян мекунад. Тибқи Конвенсия, музокироти коллективӣ ҳамчун музокироте, ки аз як тараф байни соҳибкорон-корфармоён, гурӯҳи корфармоён ё як ё якчанд ташкилоти корфармоён ва аз тарафи дигар як ё якчанд ташкилоти кормандон барои мақсадҳои зерин анҷом дода мешавад, муайян карда мешавад:

“а) муайян кардани шартҳо ва шароити меҳнат ва шуғл;

б) танзими муносибатҳо байни соҳибкорон-корфармоён ва кормандон;

в) танзими муносибатҳо байни соҳибкорон-корфармоён ё муассисони онҳо ва иттиҳодияҳо ё иттиҳодияҳои кормандон” [6].

Конвенсия инчунин чораҳоеро барои пешбурди музокироти коллективӣ пешбинӣ мекунад, ки озодии музокиротро маҳдуд накунад. Тавсияи музокироти коллективӣ, соли 1981 (№163) бошад, бо мақсади ҳали пешбурди музокироти коллективии озод ва ихтиёрӣ мебошад [14].

Конвенсияи № 144 (1976) «Оид ба машваратҳои сеҷониба барои мусоидат ба татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат» [5], ки ҳамкории сеҷонибаи намояндагони ҳукумат, соҳибкорон ва меҳнаткашонро пешбинӣ мекунад ва ғайра.

Ба манбаъҳои танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ хусусияти хосдоштаи созишномаҳои дар зинаҳои гуногун ва дар асоси принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ басташуда маҳсуб мешаванд, ки таҷассумгари танзими муносибатҳои меҳнатии байни давлатҳо низ мебошанд. Дар таркиби манбаъҳои танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ ҷой доштани чунин созишномаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки озодии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи меҳнат унсурҳои муҳимтарин маҳсуб мешаванд.

Ба сифати чунин манбаъҳои танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии меҳнат созишномаҳои байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) баромад менамоянд. Аз ҷумлаи онҳо, Созишнома байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар соҳаи муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии кормандон-муҳоҷирон, аз 15 апрели соли 1994 [16], инчунин як қатор созишномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба танзими масъалаҳои муҳоҷират бо Федератсияи Россия [17], бо Ҷумҳурии Қазоқистон [18] ва бо Ҷумҳурии Белорус[19] маҳсуб меёбанд, ки дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ нақши муассир доранд.

Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дар фазои умумии ҳуқуқии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил амалӣ мегардад. Дар амалӣ намудани он нақши асосиро Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) мебозад. Аз рӯзи таъсис ёфтани он як қатор кодексҳои кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи кодексҳои намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) қабул гардиданд. Мутобиқнамоӣ ва умумӣ гардонидани қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ самти муҳими танзими муносибатҳои ҳуқуқии пасошӯравии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) маҳсуб мешавад.

Робита ба ин, ба сифати манбаъҳои танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар байни ИДМ, Кодекси намунавии меҳнат барои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [20] баромад мекунад ва он аз 3 қисм, 12 фасл ва 44 модда иборат мебошад.

Ҳамчунин, шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, аз ҷумла дар доираи созмонҳои байналмилалии минтақавӣ (ИДМ) ва созишномаҳо бо давлатҳои алоҳида оид ба масъалаҳои истифодаи меҳнати кироя, шароити мусоиди меҳнат, ҳифзи меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои фардӣ ва коллективии кормандон ба сифати сарчашмаҳои танзими байналмилалӣ - ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Ба инҳо дохил мешаванд: “Барномаҳои ҳамкории дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти байналмилалии меҳнат

(ТБМ)” [57]; “Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024” [51]; созишномаҳои бисёрҷониба ва дутарафаи мақомотҳо, дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ, ки тарафҳои он принсипҳои муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориро ба роҳбари гирифта, бо мақсади инкишоф додани шаклҳои самарабахши ҳамкории дуҷониба дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ва бо хоҳиши кӯмаки муфид ба имзо расонидаанд. Инчунин, Шартнома дар бораи дустӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 25 маи соли 1993 [21], Шартнома дар бораи ҳамкории иттифоқчигӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 16 апрели соли 1999 [22]; Созишнома байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва шуғли Ҳукумати Ҳиндустон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнат аз 30 марти соли 2013 [23]; Созишнома байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз 8 феврали соли 2017 [24] ва монанди инҳо низ заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар танзими масъалаҳои меҳнат ба шумор меравaнд.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии танзими шарикии иҷтимоӣ устувор гардида, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи он давра ба давра таҳия ва мавриди амал қарор дода шудаанд.

Хулоса, натиҷаи эътироф, мутобиқ намудан ва ба амал баровардани санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ҳамчун асоси ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ аз тарафи Тоҷикистон метавонад тағйирот дар қонунгузорӣ ва амалияи давлат бошад, ки чунин ифода меёбад: якум, бекор кардани меъёрҳои қонунгузории миллӣ, ки хилофи ӯҳдадориҳои давлатҳои аъзо тибқи Оинномa, конвенсияҳои СММ, конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ мебошад; дуюм, таҳия ва қабули

қонунҳои нави миллӣ ва дигар санадҳо баҳри таъмини риояи ҳуқуқи инсон дар соҳаи меҳнат; сеюм, аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ қабул намудани барномаҳои зарурӣ ҷиҳати дар сатҳи миллӣ таъмин, риоя ва татбиқ намудани уҳдадориҳои байналмилалие, ки ба зимма гирифта шудаанд.

### 2.2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ

Азбаски шарикии иҷтимоӣ бо ҳуқуқ робитаи ногусастанӣ дорад, аз ин рӯ, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии он яке аз масъалаҳое мебошад, ки зарурати таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба ва тарҳрезии асосҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро талаб мекунад.

Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро низоми густурдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ташкил медиҳад.

Асоси бунёдии меъёрии ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои асосии ташаккулёбии он дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳо гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро дар қонуни махсус дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муфассал мавриди танзим қарор медиҳад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ишғол мекунанд, ки дар 34 моддаи он сабт шудаанд.

Табқи муқаррароти моддаи 10 Конститутсия “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд” [1].

Мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа муайян менамоянд.

Мувофиқи моддаи якуми он Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, ҳаёти арзанда ва рушди озоди инсонро таъмин менамояд.

Аз меъёри муқаррарнамудаи моддаи мазкур чунин метавон иброз намуд, ки дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи калидии худ ҳисобида, муносибатҳои қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, масъалаҳои ташкилӣ, дурнамои рушди устувору бомаром, судӣ ва назоратиро амалӣ менамояд. Инчунин, рушди механизм ва низоми муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ба давлат имкон медиҳад, ки конвенсияҳои ТБМ-ро тасдиқ ва эътироф мекунад ва татбиқи самараноки ҳуқуқи байналмилалиро таъмин менамояд.

Меъёри муқаррарнамудаи моддаи 28 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахс ҳуқуқи муттаҳид шудан, аз ҷумла таъсис додани иттифоқҳои касаба бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашро пешбинӣ намудааст [1].

Меъёрҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ муфассал дар КМ ҶТ инъикос ёфтаанд, ки мавқеи марказиро доир ба асосҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ ишғол менамояд [26].

Бояд қайд намуд, ки бо қабул ва амалисозии ин Кодекс муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои вобаста ба онҳо танзим карда мешаванд, дар ҳоле ки ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокдорони муносибатҳои меҳнатӣ ҳифз гардида, кафолати сатҳи минималии ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат таъмин мегардад.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат хизмат намуда, дар асоси талаботи меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнатро муайян менамояд. Ҳамзамон, он ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро бо кафолатҳои давлатӣ таъмин намуда, механизми ҳифзи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлатро ба таври мукаммал фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, КМ ҶТ на танҳо ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ асос меёбад, балки ҳамчун механизми кафолатдиҳанда барои татбиқи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ нақши муҳим дорад.

Асосҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Фасли 4 КМ ҶТ дар бобҳои 29, 30, 31, 32, 33 возеҳ ва мукаммал муайян шудаанд [26].

Асосҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ мустаҳкам гардидаанд, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [34], ки асосҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти иттифоқҳои касабаро муайян намуда, ҳуқуқ ва кафолатҳои онҳо, ҳамчунин муносибат бо корфармоён, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба (шӯроҳо ва ширкатҳо), шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятиро танзим мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» [35] ҳамчун санади асосӣ дар соҳаи шуғл муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самтро муайян мекунад. Санад кафолати амалӣ гардидани ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба меҳнат, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон аз бекорӣ ва иҷрои кафолатҳои давлатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ таъмин менамояд. Тибқи талаботи моддаи 10 Қонуни мазкур, ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғл муносибатҳои байни давлат, иттиҳодияҳои корфармоён, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандонро танзим намуда, ба онҳо имкон фароҳам меорад , ки дар таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти шуғл нақши фаъоли муштарак дошта бошанд. Бо мақсади қабули қарорҳои мувофиқ дар доираи шарикии иҷтимоӣ кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ таъсис дода мешаванд, ки фаъолияти онҳо дар асоси ҷамъиятӣ буда, ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ, амал мекунанд. Бояд иброз дошт, ки ҳайати кумитаҳо тақсимоти баробаронаи

намояндагӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон ва корфармоёнро фаро мегирад.

Аз нуқтаи назари илмӣ-ҳуқуқӣ, чунин механизми ҳамкории сетарафа на танҳо кафолати иштироки ҳамаҷонибаи тарафҳо дар таҳияи сиёсати шуғлро фароҳам меорад, балки ба татбиқи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ заминаи ҳуқуқӣ ва амалӣ мебахшад. Ин система ба баланд бардоштани шаффофият, эътимод ва ҳамоҳангсозии сиёсати шуғл дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият мусоидат карда, барои ҳифзи манфиатҳои коргарон ва корфармоён инчунин таҳкими устувории иҷтимоӣ заминаи ҳуқуқии мустаҳкам фароҳам месозад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» [38] ба танзими муносибатҳои шартномавӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамкории байни корфармоён ва дигар иштирокчиёни шарикии иҷтимоӣ заминаи ҳуқуқии устувор фароҳам меорад, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои тарафҳо ва татбиқи самараноки принсипҳои шарикии иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои самараноки қонунҳо, мустақилона, бе ягон дахолат, баҳри ҳимояи манфиатҳои миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зериқонунӣ қабул мекунад.

Масалан, Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 июли соли 2008, №307[52] Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо намояндагони кормандон ва иттиҳодияҳои корфармоён таҳия ва қабул намудааст, ки санади зерқонунӣ маҳсуб меёбад.

Мутобиқи боби II Низомномаи мазкур, Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад ва он принсипҳои умумии гузаронидани сиёсати мувофиқнамудаи иҷтимоию иқтисодиро муқаррар менамояд.

Созишномаи генералиро аз номи тамоми корфармоён (Иттиҳодияи корфармоён), намояндаи ваколатдори Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мекунад.

Ба Созишномаи генералӣ аз номи иттифоқҳои касаба, намояндаи ваколатдори Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон имзо мегузорад.

Аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи генералиро шахси ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мекунад.

"Шартҳои Созишномаи генералӣ, ки ҳадди ақали кафолатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро муқаррар мекунанд, ҳамаи субъектҳои хоҷагидориро дар доираи қонунгузории амалкунанда фаро мегиранд. Кафолатҳои мазкур метавонанд дар шартномаи коллективии ташкилот, муассиса ва корхона бо дарназардошти махсусияти корҳо ва имкониятҳои молиявӣ бештар ё илова гарданд" [52].

Амали Созишномаи генералӣ вазорату идораҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳоро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидориашон, фаро мегирад.

Созишномаҳои соҳавӣ байни иттифоқи касабаи дахлдор (дигар мақомоти намояндагии кормандон) ва корфармоён (намояндаи корфармоён) баста мешаванд. Бояд қайд кард, ки санад самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии соҳа, шароити меҳнат ва сатҳи музди он, ҳамчунин кафолатҳои иҷтимоии кормандон ва гурӯҳҳои касбиро муайян менамояд.

Ҳамзамон, дар соҳаҳо ва ташкилотҳое, ки маблағгузории онҳо аз ҳисоби Буҷети давлатӣ сурат мегиранд, созишномаҳои соҳавӣ тибқи қоидаҳои муқарраргардида то замони пешниҳоди лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли молиявии оянда таҳия ва ба имзо расонида мешаванд. Созишномаҳо метавонанд бо ризоияти тарафҳои иштирокдори музокирот ба шакли дутарафа ё сетарафа таҳия ва ба тасвиб расанд. Бояд гуфт, ки муҳлати таҳияву мазмун ва таркиби созишномаҳои соҳавӣ аз ҷониби комиссияе муайян карда мешавад,

ки бо риояи принсипи баробарҳуқуқии намояндагӣ аз ҷониби тарафҳо ташкил шудааст.

Ҳар кадоме аз Тарафҳо ҳуқуқи як овоз дорад. Хулосаи комиссия дар асоси розигии пурраи Тарафҳо қабул карда мешавад.

Созишномаҳои соҳавиро намояндагони ваколатдоре, ки ҳуқуқи имзо кардани ин санади ҳуқуқиро доранд, имзо мекунанд.

Дар сурати нисбат ба кормандон дар як вақт амал намудани якчанд созишномаҳо, муқаррароти созишномаи барои кормандон мусоидтарбуда мавриди амал қарор дода мешавад.

Амали созишномаи соҳавӣ муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи дахлдорро фаро гирифта, мақомоти ваколатдори онҳоро бо ҳадафи иштирок дар музокироти коллективӣ ва имзои созишнома намояндагӣ менамояд. Созишнома на танҳо ба сатҳи ташкилот, балки ба тамоми сохторҳои марбут ба соҳа татбиқ шуда, вазифаи кафолати иҷрои ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои тарафҳоро дар низоми шарикии иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Тавре, ки маълум аст, созишномаҳои минтақавӣ байни иттифоқи касабаи дахлдор (дигар мақомоти намояндагии кормандон), корфармоён (иттиҳодияи корфармоён) ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баста мешаванд. Созишномаҳои минтақавӣ меъёрҳо ва қоидаҳои ҳаллу фасли мушкилоти муайяни иҷтимоӣ ва иқтисодиро муайян намуда, ҳамзамон принсипҳои умумии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии минтақаи дахлдорро дар чаҳорчӯбаи хусусиятҳои минтақавӣ муқаррар мекунанд.

Тибқи қоидаҳои умумӣ, Созишномаҳои минтақавӣ то пешниҳод намудани лоиҳаи буҷети дахлдор барои соли молиявӣ, мувофиқи муҳлати амали созишнома, бояд баста шаванд.

Тартиб, муҳлати таҳия ва бастани созишномаҳоро комиссия муайян менамояд.

Созишномаи минтақавӣ нисбат ба:

“- тамоми корфармоёне, ки аъзои иттиҳодияи корфармоён ба шумор рафта, созишномаро имзо кардаанд;

- иттифоқҳои касабаи дахлдори минтақавӣ (дигар мақомоти намояндагии кормандон);

- мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар доираи уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон, амал мекунад” [52].

Тибқи боби III Низомномаи мазкур, Созишнома бояд муқарраротро доир ба муҳлати амал, тартиби назорат, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба созишнома, ҷавобгарии Тарафҳо дар мавриди иҷро накардани уҳдадориҳои базиммагирифта дар бар гирад.

Мазмуни Созишномаи генералии ҷумҳуриявӣ аз ҷониби комиссияи доимоамалкунандаи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ муайян карда мешавад, бо назардошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва лоиҳаҳои Созишномаи генералӣ, ки аз ҷониби ҳамаи Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ё яке аз онҳо пешниҳод шудаанд. Мазмуни Созишномаи генералиро комиссияи ҷумҳуриявии доимоамалкунандаи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо дарназардошти вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва лоиҳаҳои Созишномаи генералӣ, ки аз ҷониби ҳамаи Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ё яке аз онҳо пешниҳод шудаанд, муайян мекунанд.

Мазмуни созишномаи соҳавӣ ва минтақавӣ аз ҷониби комиссияҳои доимоамалкунандаи соҳавӣ ва минтақавӣ оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ муайян карда мешавад, ки асоси он лоиҳаҳои созишномаҳои аз ҷониби ҳамаи Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ё яке аз онҳо пешниҳодгардида, мебошад.

Тибқи боби IV Низомномаи мазкур, ки дар он сухан дар бораи амали созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ меравад, Созишнома аз рӯзи ба имзо расидан ё аз рӯзе, ки созишнома муайян кардааст, эътибор пайдо мекунад [52].

Бояд иброз намуд, ки муҳлати амали созишномаро тарафҳо муайян мекунанд, вале он аз се сол зиёд буда наметавонад. Тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки амали созишномаро як маротиба бо тартиб додани протокол тамдид намоянд, аммо дар ин ҳолат низ муҳлати умумии созишнома набояд аз се сол зиёд гардад. Мутобиқи Боби V Низомномаи мазкур, тағйирот ва иловаҳо ба созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ мувофиқи тартибе ворид карда мешаванд, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба бастани созишномаҳо муқаррар кардааст ё тартибе, ки худи созишнома пешбинӣ намудааст [52]. Ҳангоми ворид намудани тағйирот ё иловаҳо ба созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ, агар баҳсҳо ё ихтилофҳои меҳнатӣ дар татбиқи онҳо пайдо шаванд, корфармо (ё иттиҳодияи корфармоён) ва/ё тарафҳо вазифадоранд дар давоми ҳафт рӯз мақоми дахлдори соҳаи меҳнатро огоҳ намоянд.

Тибқи боби VI Низомномаи мазкур, “Созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавиро дар давоми даҳ рӯзи баъди ба имзо расиданашон корфармо, намояндагони корфармо (иттиҳодияи корфармоён) дар се нусха барои сабтиномкунӣ ба мақоми дахлдор оид ба меҳнат ирсол мекунанд. Мақоми дахлдор оид ба меҳнат созишномаҳоро дар муҳлати 10 рӯз сабти ном мекунад ва дар ин бора Тарафҳоро хаттӣ огоҳ менамояд. Созишномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ танҳо баъди сабтиномкунӣ дар мақоми дахлдор оид ба меҳнат, мавриди амал қарор дода мешаванд. Ҳангоми сабтиномкунии созишномаҳо мақоми дахлдор оид ба меҳнат ҳолатҳое, ки вазъи кормандонро нисбат ба шароити тибқи қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраргардида бадтар мегардонанд, ошкор мекунад ва дар ин бора намояндагони Тарафҳо, ки созишномаро имзо кардаанд, инчунин хадамоти дахлдори давлатии назорат дар соҳаи меҳнатро огоҳ менамояд. Шартҳои созишномаҳое, ки вазъи кормандонро бадтар мекунанд, эътибор надоранд ва татбиқ карда намешаванд. Дастуруламали сабтиномкунии маълумотии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективиро

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ менамоянд” [52].

Мутобиқи боби VII Низомномаи зикршуда, ки дар он сухан дар бораи назорати иҷрои созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ меравад, назорати ҷараёни иҷрои созишномаҳо дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, намояндагии онҳо ва мақомоти дахлдор оид ба меҳнат ба амал баровардa мешавад [52].

Ҳангоми ба амал баровардани назорати мазкур, намояндагони тарафҳо вазифадоранд, ки ба ҳамдигар, инчунин ба мақоми дахлдор оид ба меҳнат на дертар аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ аз рӯзи гирифтани дархости марбута, иттилооти заруриро манзур кунанд.

Натиҷаи иҷрои талаботи созишномаҳо на камтар аз ду маротиба дар як сол ё дар муҳлатҳое, ки дар созишномаҳо муқаррар карда шудаанд, бо иштироки Тарафҳо дар маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Сарфи назар аз ҳама, бояд иброз дошт, ки қонунгузор асосҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро муқаррар намуда, нақши махсуси мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар низоми шарикии иҷтимоиро таъкид менамояд. Иштироки онҳо дар низоми шарикии иҷтимоӣ ба таври зарурӣ ва бо назардошти манфиатҳои умумии ҷомеа баён мегардад, ки ин ҳамчунин мутобиқ намудани рушди механизми танзими шартномавии коллективии муносибатҳои меҳнатиро дар сатҳҳои гуногун ва ҳамоҳангсозии танзими давлатию шартномавӣ фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, қонунӣ будани қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат дар соҳаи меҳнат, аз муқаррароти Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ ва Қонунҳои дар боло зикргардида дар бораи принсипҳои ташкили мақомоти

давлатӣ, бармеояд. Мутаассифона, дар бораи моҳияти масъалаи танзими меҳнат ва муносибатҳои бевосита ба он алоқаманд дар байни минтақахо фаҳмиши умумӣ мавҷуд нест ва роҳи ягонаи ҳуқуқии ҳалли он вуҷуд надорад. Ҷой доштани камбудиҳо дар қонунгузории ҶТ то ҳол ба субъектҳои минтақавӣ имкон медиҳад, ки танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа, масалан, дар масъалаи таркиби субъектии муносибатҳои шарикии иҷтимоиро амалӣ намоянд.

Бояд тазаккур дод, аз соли 2009 инҷониб Комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати механизми ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои муколамаи иҷтимоии сетарафа байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд ва давра ба давра Созишномаи генералӣ бо мақсади илова намудан ба санадҳои меъёрии қонунгузорию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқаррар кардани шароити меҳнат, шуғл ва кафолати иҷтимоӣ баста мешавад, ки айни замон барои солҳои 2024-2026 баста шуда, мавриди амал қарор дорад ва иҷрои он таҳти назорати тарафҳо мебошад.

Созишномаи генералӣ, ки маҳаки асосии яке аз намудҳои созишномаро дар бар мегирад, Созишномаи Генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 маҳсуб мешавад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №591 тасдиқ шудааст.

Созишномаи генералӣ ҳамчун шакли асосии созишномавӣ дар низоми танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ хизмат мекунад. Аз ҷумла, “Созишномаи Генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 -2026” [54] аз 10 фасл иборат буда, 38 бандро дар бар мегирад, ки мавзӯъҳои асосии онро муқаррароти умумӣ, принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, сиёсати иқтисодӣ, музди меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагии аҳолӣ,

рушди бозори меҳнат ва шуғли пурмаҳсул, ҳифзи иҷтимоӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи меҳнат, бехатарии саноат ва муҳити зист, рушди саёҳӣ ва ҳунармандӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва муқаррароти хотимавӣ ташкил медиҳанд.

Дар муқоиса бо Созишномаи Генералии барои солҳои 2021–2023, ки аз 9 фасл ва 31 банд иборат буд ва мавзӯъҳое ба монанди сиёсати иқтисодӣ, музди меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагии аҳолӣ, рушди бозори меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи меҳнат, рушди саёҳӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, шарикии иҷтимоӣ ва муқаррароти хотимавиро дарбар мегирифт, созишномаи соли 2024–2026 масъалаҳоро бо фарогирии васеътар ва таҳлилӣ танзим менамояд.

Илова бар ин, 13 майи соли 2024 Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Созишномаи генералӣ барои солҳои 2024–2026 тасдиқ карда шуд, ки ба иҷрои самараноки муқаррароти созишнома заминаи ҳуқуқӣ ва институционалӣ фароҳам меорад.

Хулоса, таҳлили муҳтавои Созишномаҳои Генералӣ дар солҳои мазкур нишон медиҳад, ки онҳо ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ равона гардида, таҷрибаи пешинаи татбиқи сиёсати меҳнат ва шарикии иҷтимоиро пурра дар бар гирифтаанд ва низоми ҳуқуқии устувори ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳоро таъмин менамоянд.

Ҳамин тариқ, созишнома ҳамчун санади ҳуқуқӣ маънидод мешавад, ки дар натиҷаи музокиротҳои муфассал байни намояндагони ваколатдори кормандон, корфармоён ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва дар доираи соҳаҳои шарикии иҷтимоӣ ба тасвиб мерасад. Ин санад муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар асоси принсипҳои умумии танзими муносибатҳои иқтисодӣ мутаносибона танзим намуда, заминаи ҳуқуқӣ ва механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳои шарикро фароҳам меорад.

Ин созишнома ҳамчун механизми асосии татбиқи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ амал карда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро муқаррар намуда, барои

ҳамоҳангсозии сиёсати меҳнатӣ дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият ва соҳа заминаи ҳуқуқии устувор фароҳам меорад.

Таҳқиқ ва омузиши мазмун ва муҳтавои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти шарикии иҷтимоӣ имкон дод то хулосаи зерин бароварда шавад:

1.Бинобар сабаби такмилталаб будани танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, бахусус номукаммалии дастгоҳи мафҳумии он ва то охир коркард нашудани механизмҳои ҳуқуқии равандҳои шарикии иҷтимоӣ айни замон дар мамлакат муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ниҳоятан суст инкишоф ёфта истодаанд. Принсипҳои он амалӣ намегарданд, механизмҳои шарикӣ – комиссияҳои сетарафа, дутарафа, мақомоти арбитражӣ, мақомоти созишу оштикунонӣ ва ё ризоиятӣ самараи дилхоҳ надоранд, дурнамои самтҳои рушди онҳо муайян нестанд ва заминаҳои муносиби ҳуқуқӣ таҳия нашудаанд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки бо назардошти самтҳо ва равишҳои рушди муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат таҳия шуда, қабул гардад.

2. Аз мазмуни қисми 1 моддаи 303 КМ ҶТ бармеояд, номгӯи шартҳои дар он сабтшуда нотамом ва номукаммал мебошанд. Масалан, ҷиҳати рушди шарикии иҷтимоӣ, аз ҷумла иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот. Мутобиқи сархати бистучоруми қисми 1 моддаи 18, ки сухан дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии корманд меравад, корманд ҳуқуқ ба иштирок намуданро дар идоракунии ташкилот дар шаклҳои пешбининамудаи КМ ҶТ, дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дорад, ки шарти асосӣ ба ҳисоб меравад на шарти иловагӣ. Зеро, ӯ хусусияти омирона дошта, ҳамчун шарти асосӣ маҳсуб меёбад ва дар созишнома бояд инъикоси худро ёбад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар қисми 1 моддаи 303 КМ ҶТ сархати ёздаҳум бо мазмуни зайл илова карда шавад: «- ҷиҳати рушди шарикии иҷтимоӣ, аз ҷумла иштироки

кормандон дар идоракунии ташкилот».

## 2.3. Шартномаҳои коллективӣ ва моҳияти онҳо дар низоми шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи локалӣ

Низоми ташаккулёфтаи шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироти куллӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ, бо эҷоди механизми нави бастани шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ, истифодаи расмиёти мутамаддини ҳалли баҳсҳо ва мунокишаҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ алоқаманд аст.

Амали ҳуқуқии кормандон, коллективҳо ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти давлатӣ дар заминаи меъёрҳои ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам иҷтимоӣ сурат мегирад. Аз ҷумла, амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар иртибот бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад.

Ҳуқуқ дар шакли муқарраротӣ меъёрӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон арзи вуҷуд дорад. Муқарраротӣ меъёрӣ дар конститутсия, қонунҳо, кодексҳо, одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ, ва ғайра ифода мегарданд, аз ҷумла, дар шартномаҳои коллективӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ заминаи нави қонунии шарикии иҷтимоӣ ташаккул меёбад. 25 ноябри соли 1992, №725 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаю шартномаҳои коллективӣ» [37] қабул шуд, баъдан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006, №202 «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ»[36] дар таҳрири нав қабул гардида буд. Ҳоло бошад, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 июли соли 2016 қабул ва 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ки дар он чунин фасл, Фасли IV бо номи Шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат, бобҳои нав, боби 29 коллективи меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат, боби 30 тартиби бастани созишнома байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, боби 31 шартномаи коллективӣ ва боби 32 назорат ва бақайдгирии созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, ҷой дода

шудаанд, меъёрҳои он ба институти шарикии иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд.

Дар низоми қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнат маҳсуб ба муҳимтарин манбаи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва равобити мустақими он мебошад. Ин санад ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокдорони муносибатҳои меҳнатӣ равона гардида, муқаррар намудани сатҳи минималии кафолатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро дар соҳаи меҳнат таъмин мекунад.

Мутобиқи сархати нуҳуми моддаи 4-и КМ ҶТ, ки принсипҳои асосии қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд, яке аз принсипҳои асосӣ таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифз ва татбиқи манфиатҳои худ мебошад. Ҳамзамон, тибқи сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 18-и Кодекс, корманд ҳақ дорад муттаҳид шуда, ҳуқуқи таъсис додан ва узвият дар иттифоқи касаба ё дигар иттиҳодияҳоро ба хотири муаррифӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии худ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода намояд.

Дар баробари ҳуқуқ ва принсипҳои мазкур, бояд қайд намуд, ки барои амалӣ сохтани онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ, бахусус дар танзими муносибатҳои байни корфармо ва кормандон, нақши асосиро шартномаҳои коллективӣ соҳибанд. Ин созишномаҳо ҳамчун механизми ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ заминаи ҳамоҳангсозӣ ва ҳифзи манфиатҳои тарафҳои шарикро таъмин намуда, устувории низоми шарикии иҷтимоӣ ва самаранокии муносибатҳои меҳнатиро таҳким мебахшанд.

Тибқи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 “Шартномаи коллективӣ усули асосии танзими шарикии иҷтимоии муносибатҳои меҳнатӣ бевосита дар ниҳодҳои хоҷагидорӣ мебошад. Мазмуну моҳияти он бояд мунтазам ба муносибатҳо ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мутобиқ гардонида шаванд” [50, 113].

Мутобиқи сархати ҳафтоду якуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ “шартномаи коллективӣ ин санади ҳуқуқиест, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар ташкилот ё дар назди соҳибкори инфиродӣ ба танзим медарорад ва аз ҷониби намояндагони корфармо ва кормандон баста мешавад” [26].

Мафҳуми шартномаи коллективӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки диққати муҳаққиқони ватаниро ба худ ҷалб намудааст ва нисбат ба он дар илм андешаҳо ва назарҳои мухталиф иброз гардидаанд. Аз ҷумла, ба андешаи Н. Шонасридинов  ва Р.Б. Бозоров, «шартномаи коллективӣ санади меъёрие мебошад, ки муносибатҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоиро дар байни кордеҳ ва меҳнаткашон дар муассиса, ташкилот новобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ танзим мекунад» [112, с.163].

Ба назари Алимзода Ш.А. бошад «шартнома ва созишномаи коллективӣ санади меъѐрие мебошанд, ки муносибатҳои иҷтимоӣ–меҳнатиро ба танзим медароранд ва байни коргарон ва корфармои муассисаи корхона баста мешаванд» [117, с.33-34].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода ”Шартномаи коллективӣ ҳамчун санади дохилии меҳнатӣ ба ҳайси сарчашмаи танзимкунандаи фаъолиятӣ соҳибкорӣ баромад менамояд"[92].

Д.Қ. Назаров ишора менамояд, ки “шартномаи коллективӣ хусусияти маҷмӯӣ дошта, қабули он, муҳтаво, муҳлати амалаш ба иродаи мувофиқашудаи тарафайн вобаста аст” [155].

Н.Р. Маҳмадуллозода, С.Х. Наботов доир ба мафҳуми шартномаи коллективӣ чунин ақида доранд: «шартномаи коллективӣ ба яке аз намудҳои асосии санадҳои меъѐрии дохилии ташкилотҳо мубаддал гашта, тавассути он ҳамкории иҷтимоии корфармо ва мақомоти намояндагии кормандони кироя дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва касбӣ таъмин мегардад. Дар шартномаи коллективӣ манфиати ду гурӯҳи иҷтимоӣ, яъне кормандони кироя ва корфармоён инъикос ёфта, он ба принсипи бипартизм (дуҷониба) асос ёфтааст» [83].

Ҳамзамон, ҷои дигар муҳаққиқони ватанӣ Н.Шонасридинов, Ғ.М. Бобокалон, Э.Б. Буризода қайд менамоянд, ки “пайдоиш ва ташаккули бозори қувваи корӣ ва робитаҳои табиатан нави ҷамъиятӣ дар раванди татбиқи меҳнат ба мазмун ва моҳияти шартномаи коллективӣ бетаъсир намонданд, Шартномаи коллективӣ ба яке аз намудҳои асосии санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) мубаддал гашта, тавассути он шарикии иҷтимоии корфармо ва мақомоти намояндагии кормандони кироя дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва касбии байни корфармо ва кормандон таъмин мегардад” [149,с. 128].

Бо дарназардошти ин гуфтан мумкин аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назари баръакс ҳам вуҷуд дорад, ки тибқи он “шартномаи коллективӣ ин танҳо шартномаест, ки табиати дугонаро, ки хоси санадҳои коллективӣ-шартномавӣ мебошад, доро нест” [149,с. 128].

Шартномаи коллективӣ ҳамчун институти бунёдии ҳуқуқи меҳнат ва ҳамзамон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ (локалӣ) дар системаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи хоси худ ва хусусияти фарқкунандаро соҳиб аст. Меъёрҳо ва муқаррароти шартномаи коллективие, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ ба имзо расидаанд, барои ташкилот ҳатмӣ ҳисобида шуда, наметавонанд сатҳи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандонро дар муқоиса бо муқаррароти қонунии амалкунанда паст ё коста гардонанд [104, с.12-18].

Масоили марбут ба моҳияти шартномаи коллективӣ на танҳо диққати таҳқиқотчиёни ватаниро ба худ ҷалб намудаанд, балки аз ҷониби олимони байналмилалии соҳаи ҳуқуқи меҳнат низ ба таври ҷиддӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтаанд.

Олими украин Л. С. Таль, ҳануз дар ибтидои асри гузашта барои инкишофи назарияи муосири шартномаҳои коллективӣ ва дар меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат татбиқ намудани амалии онҳо асосҳои илмӣ гузошта буд.

Шартномаи тарифӣ ё коллективиро, ки Л.С. Таль чунин меномид: “шартномаи байни гурӯҳ ё иттифоқи кормандон ва корфармоёни алоҳида ё

иттифоқи онҳо мебошад, ки мазмуни шартномаҳои оянлаи кормандонро ҳангоми бастани онҳо аз тарафи ин корфармоён ё аъзоёни гурӯҳ ё иттиҳодия муқаррар менамояд” [100, с. 7].

Назар ба шартномаи тарифӣ ҳамчун ухдадории бастани шартномаҳои меҳнатии фардӣ дар шароити муайян дар давраи сиёсати нави иқтисодӣ тағйир наёфт.

Я.А. Канторович шартномаи коллективиро, ки ба тарзи дигар шартномаи тарифӣ низ меноманд, ҳамчун “созишномаи байни иттифоқи касабаи меҳнат (гуруҳи кормандони ин ташкилот) ва корфармо ё гурӯҳи корфармоён дар бораи мазмуни шартномаҳои шахсӣ (меҳнатӣ), ки дар оянда дар байни ин корфармоён ва аъзоёни алоҳидаи ҳамин иттифоқ ё гурӯҳи кормандон баста мешаванд” [72], муайян кардааст.

Хулоса, дар адабиёти муосир ҳангоми муайян намудани ин шартномаҳо ба ҷузъи меъёрии онҳо, ки ба андозаи муайян шартҳои шартномаҳои меҳнатии инфиродиро иваз мекунад диққат медиҳанд, яъне меъёрҳои дахлдор муносибатҳои меҳнатии фардиро бевосита ба танзим медароранд ва дар шартномаҳои меҳнатии инфиродӣ тасдиқро талаб намекунанд, диққат дода мешавад.

Р.З. Лившиц шартномаи коллективиро ҳамчун “санади коллективӣ-шартномавии ба ёдоварандаи созишномаи меъёрии байни кормандон ва корфармо (корфармоён) басташуда, созишномаи меъёриро ҳамчун ин шакли махсуси санади ҳуқуқии бо тартиби шартномавӣ қабул шуда ва дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ буда” [102, с.65], мефаҳмад.

Ба андешаи М.В. Шихаев, “мафҳуми шартномаи коллективӣ ва мафҳуми шарикии иҷтимоӣ бо ҳам ҳаммаъноянд” [148, с. 56-62].

С.Ю. Чуча бошад, чунин зикр намудааст, ки «шартнома ва ё созишномаи коллективӣ санади бо ҳам алоқаманди шарикии иҷтимоӣ мебошад” [144, с. 237].

Ба андешаи И.К. Дмитриева «дар шартномаи коллективӣ, ҳамчунин

уҳдадориҳои тарафайн, ки хусусияти мушаххас доранд (масалан, уҳдадории корфармо оид ба беҳтар намудани шароити ҳифзи меҳнат бо нишондоди шахси масъул ва муҳлати иҷрои он), ҷой дода мешаванд» [68, С. 58]. Аз ин дидгоҳ бармеояд, ки уҳдадориҳои зикршуда асосан табиати дугонаи шартномаи коллективиро таҷассум мекунанд; яъне он ҳамзамон ҳамчун санади шарикии иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқи меҳнат ва ҳам ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ), ки дар доираи корфармои мушаххас ё ташкилот татбиқ мегардад, мавқеи хоси худро соҳиб аст.

Ба назари мо, шартномаи коллективӣ, ки бо ризоияти тарафҳо ба тасвиб мерасад ва муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчунин равобити мустақими вобаста ба онҳоро танзим менамояд, ба ҳайси санади ҳуқуқӣ арзёбӣ мешавад. Дар он меъёрҳо ва шартҳое дарҷ гардидаанд, ки хусусияти маҳаллӣ (локалӣ) дошта, заминаи ҳуқуқии танзими фаъолияти ташкилот ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳои шарикро фароҳам меоранд. Илова бар ин, "шартномаи коллективӣ ҳамчун созишномаи (шартномаи) шарикони иҷтимоӣ ҳамкории онҳо ва кӯшиши канорагирии онҳоро аз бархӯрд" [68, с.59] ифода мешавад.

С.В. Макарова низ ишора мекунад, ки "шартномаи коллективӣ ҳуҷҷати меъёрии локалии дорои табиати оммавӣ-ҳуқуқиест, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи меҳнат пешбинӣ шудааст" [129, с. 82-83]. Бо вуҷуди ин, шартномаи коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатиро дар бар мегиранд, ҳамчун ду шакли мухталифи танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар сатҳи ташкилот маънидод мешаванд [158, с.109]. Ин фарқият, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки шартномаи коллективӣ дар асоси ҳамоҳангсозӣ ва мутаносиб намудани манфиатҳои корфармо ва кормандон таҳия ва қабул карда мешавад, ки он заминаи ҳуқуқии мувофиқсозии ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои тарафҳои шарикро фароҳам меорад.

Е.Р. Веселова менависад, ки “шартномаи коллективӣ дар бисёр ташкилотҳо пойгоҳест барои танзими меъёрии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ” [151, с.138].

А.Ф. Нуртдинова мафҳуми умумии санади шартномавӣ- коллективиро муаррифӣ намуда ишора мекунад, ки “шартномаи меъёрии аз ҷониби корфармо (корфармоён) ва мақомоти намояндагии (мақомотҳои намояндагии кормандон) кормандон оид ба шароити меҳнат ва қоидаҳои ҳамкорӣ бacтaшуда мебошад” [134, с.11].

Г.А. Рогалева созишномаи меъёрии байни кормандон ва корфармоёнро ҳамчун як намуди махсуси санади ҳуқуқие мебошад, ки дар асоси шартнома қабул карда мешавад, муайян намудааст. Ба андешаи ӯ “Он дорои аломатҳои шартнома ва санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, ухдадориҳои тарафайнро дар бар мегирад ва дар муҳлати муайян амал мекунад (санади меъёрии ҳуқуқии муваққатӣ мебошад)” [91, с. 130].

Мо ба нуктаи назари он муҳаққиқони ҷӣ ватанӣ ва ҷӣ хориҷӣ ҳамфикр буда метавонем, ки шартномаи коллективиро ҳамчун санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар ташкилот ё дар назди соҳибкори инфиродӣ ба танзим медарорад ва аз ҷониби намояндагони корфармо ва кормандон баста мешавад, меҳисобанд.

Чӣ тавре зикр гардид, муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқие, ки феълан мавриди амал қарор дошта, масъалаҳои ба шартномаи коллективӣ алоқамандро ба таври мукаммал танзим менамояд, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳсуб мебошад. Дар моддаи 1 КМ ҶТ чунин таърифи шартномаҳои коллективӣ дода шудааст: “шартномаи коллективӣ - санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар ташкилот ё дар назди соҳибкори инфиродӣ ба танзим медарорад ва аз ҷониби намояндагони корфармо ва кормандон баста мешавад”[26]. Албата таърифи мазкур аз таърифҳои шартномаи коллективӣ, ки қаблан бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1992, № 725 “Дар бораи шарикии иҷтимоӣ,

созишн омаҳо ва шартномаҳои коллективӣ"[28] дода шуда буд, аз лиҳози мазмун ва мундариқа ба куллӣ фарқ мекунад. Бо қонуни зикршуда, таърифи шартномаҳои коллективӣ нисбатан маҳдуд ифода ёфта, аз ҷумла он муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар назди соҳибкори инфиродиро дар бар намегирифт.

Дар Кодекси амалкунандаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаи коллективӣ боби алоҳида - боби 31 бахшида шудааст, ки аз як қатор моддаҳои танзимкунандаи тартиби бастани шартномаи коллективӣ (м. 306), тарафҳои шартномаи коллективӣ (м. 307), тартиб ва муҳлати бастани шартномаи коллективӣ (м. 308), мазмуни шартномаи коллективӣ (моддаи 309); муҳлати амали шартномаи коллективӣ (м. 310), тағйиру иловаҳо ба шартномаи коллективӣ (м. 311), кафолатҳо дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ кардани шартномаи коллективӣ (м. 312), ӯҳдадории шахсони мансабдор дар музокироти коллективӣ (м. 313) иборат мебошад.

Ҳамчунин, дар боби 32 КМ ҶТ масъалаҳои назорати татбиқи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, бақайдгирии созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, масъулияти тарафҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ба таври муфассал танзим шудаанд.

Қобили зикр аст, ки муносибатҳои соҳаи шартномаҳои коллективӣ ба гурӯҳи муносибатҳои маҳсул ва бо муносибатҳои меҳнатӣ зич алоқаманд мансуб мебошанд. Аз ҷумла, ба доираи онҳо муносибатҳои марбут ба соҳаи шарикии иҷтимоӣ, ки бо ташкил ва баргузории музокироти коллективӣ, бастан ва татбиқи шартномаҳои коллективӣ алоқаманданд, дохил мешаванд. Ҳамзамон, ба ин гурӯҳ муносибатҳои вобаста ба иштироки кормандон дар идоракунии раванди истеҳсолот, инчунин муносибатҳое, ки ба муайян намудани шароити меҳнат равона гардидаанд, мансуб дониста мешаванд. Илова бар ин, муносибатҳои марбут ба омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар доираи ташкилотҳо низ ҷузъи муҳими ин низом ба ҳисоб мераванд. Ҳамчунин, муносибатҳо дар самти назорат аз риоя

ва иҷрои талаботи қонунгузории меҳнат ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ҳамчун унсури муҳимми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ шомил мегарданд.

Ба доираи субъектҳои чунин муносибатҳо корфармоён, намояндагони онҳо, иттифоқҳои касаба, инчунин мақомоти назорати давлатии риояи қонунгузории меҳнат, иттифоқҳои касаба ва нозироти техникию меҳнатии онҳо, инчунин мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ваколатдор шомил мешаванд.

Дар қисми 1 моддаи 307 КМ ҶТ доираи муассиса ва ташкилотҳое, ки дар онҳо шартномаҳои коллективӣ баста мешаванд, муайян гардидааст: "Шартномаи коллективӣ дар ташкилот, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди фаъолият, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, инчунин дар воҳидҳои таркибии ташкилотҳо оид ба масъалаҳое, ки марбут ба салоҳияти ин воҳидҳои сохторӣ мебошанд, баста мешаванд" [26].

Дарвоқеъ, шартномаи коллективӣ шартҳои меъёрӣ ва ҳатмиро дар бар мегирад. Шартҳои меъёрӣ шартҳои ҳуқуқии дохилиро дар бар мегиранд. Нисбат ба шартҳои меъёрӣ, шартҳои ҳатмӣ уҳдадориҳои мушаххаси тарафҳоро бо нишон додани муҳлати иҷрои онҳо ва шахси масъул пешбинӣ мекунанд. Ба шартҳои меъёрии шартномаи коллективӣ низ як қатор талаботҳо гузошта мешаванд. Дар шартномаи коллективӣ меъёрҳои дохилӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда амалӣ карда мешавад. Ин маънои онро ифода мекунад, ки якум, дар шартномаи коллективӣ наметавонад шароитҳое муқаррар карда шаванд, ки ба меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат карда бошанд.

Дуюм, тарафҳо уҳдадоранд, ки ба матни шартномаи коллективӣ муқаррароти меъёриро ворид намоянд, дар ҳолате ки қонунгузории амалкунанда зарурати ҳатмии дарҷ намудани чунин муқарраротро пешбинӣ карда бошад.

Сеюм, шартҳое, ки ба қонунгузории ҷорӣ мухолифат намекунанд ва вазъи ҳуқуқии кормандонро нисбат ба муқаррароти қонун бадтар намесозанд, метавонанд дар асоси ризоияти тарафҳо ба мазмуни шартномаи коллективӣ шомил карда шаванд.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 309 КМ ҶТ “шартномаи коллективӣ метавонад масъалаҳои дар бораи ташкили меҳнат, шаклҳо, низоми пардохти музди меҳнат, мукофотпулиҳо, кумакпулиҳо, ҷубронпулиҳо ва пардохтҳои иловагӣ, андозаҳои тарифии маош ва маошҳои вазифавӣ (мансабӣ) вобаста ба касб, дараҷаи тахассуси кормандон, мушкилот ва шароити корӣ, ки онҳо иҷро менамоянд, давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳат, ташкил намудани шароити бехатарии меҳнат, беҳтар намудани ҳифзи саломатӣ, кафолатҳои суғуртаи тиббии аъзои коллективи меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо, дигар намудҳои суғурта, таъмини шуғл, омодасозии кадрҳо, бо кор таъминкунии кормандони аз кор озодшуда, танзими тартиботи дохилии меҳнат, тартиби таъсис ва фаъолияти комиссияҳои созиш оид ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ, тартиби огоҳонидани намояндагони кормандон ва гузаронидани машварат ҳангоми ба таври оммавӣ озод намудани кормандон бо сабаби такмил додани ташкили кор, барҳам додани ташкилот, пурра ва ё қисман аз кор бозмондани истеҳсолотро дар бар гирад” [26].

Гуфтан мумкин аст, ки яке аз бахшҳои шартномаи коллективӣ ба масъалаҳои беҳтар гардонидани шароити меҳнат ва таъмини бехатарии кормандон, аз ҷумла занон ва ноболиғон, ихтисос дода мешавад. Дар доираи ин бахш метавонанд масъалаҳои таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон ҳангоми хусусигардонии ташкилот, фароҳам овардан ё ҳифзи манзили хизматӣ (идоравӣ) барои кормандони аз кор озодшуда, инчунин тадбирҳои марбут ба таъмини амнияти экологӣ инъикос гарданд. Доир ба масъалаи синни ба кор қабул намудани кормандон муқаррароти шартномаи колективӣ бояд муқаррароти Конвенсияи ТБМ аз 26.06.1973 №138 «Дар бораи ҳади аққали сину соли қабул ба кор” [10], нишондодҳои Фармони Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» [48] ва “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020” [56] ба инобат гирифта шавад.

Дар шартномаи коллективӣ, бо дарназардошти имкониятҳои иқтисодиву молиявии корфармо, метавонанд кафолату имтиёзҳои иловагӣ пешбинӣ гарданд. Аз ҷумла дар ин шартнома таъини рухсатиҳои иловагӣ, иловапулиҳо ба нафақа, ҷуброни хароҷоти нақлиёт ва сафари хизматӣ, таъмин намудани кормандон бо хӯроки ройгон ё қисман пардохтшаванда дар истеҳсолот, инчунин дастгирии фарзандони онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва томактабиро фаро гирад. Ҳамзамон он метавонад дигар имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳои иловагӣ, ки сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандонро боло мебардоранд, муқаррар карда шаванд.

Дар шартномаи коллективӣ барои кормандоне, ки корро бо таҳсил муттаҳид мекунанд, нисбат ба кафолатҳои дар қонунгузории амалкунанда пешбинишуда кафолату имтиёзҳои иловагӣ муқаррар кардан мумкин аст. Инчунин, дар шартномаи коллективӣ оид ба гузаронидани чорабиниҳои солимгардонӣ ва ташкили истироҳати кормандон ва аъзоёни оилаи онҳо шартҳо муқаррар кардан мумкин аст.

Дар баробари муқаррароти болозикр, шартномаи коллективӣ, чун қоида, муқарраротеро дар бар мегирад, ки тартиби ҳамкории шарикони иҷтимоӣ, яъне, муносибатҳои меҳнатии коллективиро ба муратаб менамояд. Масалан, дар он тартиб ва давраи назорати иҷрои шартномаи коллективӣ, тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он, масъулияти тарафҳо, таъмини шароити муътадили фаъолияти намояндагони кормандон муқаррар карда шудааст. Вай инчунин метавонад уҳдадории кормандонро дар бораи даст кашидан аз корпартоӣ дар сурати риоя шудани шартҳои дахлдори шартномаи коллективӣ муқаррар намояд.

Биёед дида бароем, ки ба қувваи ҳуқуқии шартномаи коллективӣ чӣ дахл

дорад. Дар таҷрибаи байналмилалӣ одатан қувваи ҳуқуқии шартномаи коллективӣ аз рӯи се гурӯҳи асосӣ (категория) муайян карда мешавад, ки вобаста ба сатҳи эътироф, доираи амал ва таъсири ҳатмии он фарқ мекунанд.

1) робитаи байни шартномаи коллективӣ ва шартномаи меҳнатии инфиродӣ;

2) эътибори шартномаи коллективӣ нисбат ба аъзои иттифоқи касаба;

3) имконияти татбиқи муқаррароти шартномаи коллективӣ тавассути суд.

Таносуби байни шартномаи меҳнатӣ ва шартномаи коллективӣ. Таҷрибаи байналмилалӣ аз рӯи ин меъёр қариб ба як қоидаи умумӣ омада расидааст. Тибқи Тавсияи №163 ТБМ оид ба пешбурди музокироти коллективӣ (1981), таносуби зикршуда ба қоидаҳои зерин кам карда мешавад:

1) Шартномаи коллективӣ барои тарафҳое, ки онро ба имзо расонидаанд, инчунин барои шахсоне, ки аз номи онҳо ин санад баста шудааст, дорои хусусияти ҳатмӣ мебошад. Дар ин замина, шартномаҳои инфиродии меҳнатӣ набояд муқарраротеро дар бар гиранд, ки ба шартҳои пешбинишудаи шартномаи коллективӣ мухолифат дошта бошанд;

2) Дар ҳолате ки муқаррароти шартномаи меҳнатӣ ба талаботи шартномаи коллективӣ мухолиф буда, вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандро бадтар менамояд, чунин муқаррарот эътибори ҳуқуқии худро аз даст дода, бояд бо шартҳои дахлдори шартномаи коллективӣ иваз карда шаванд.

Ба ақидаи Н.М. Пархоменко «шартномаи меҳнатӣ танҳо ҳамчун шакли татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ, ки хусусияти нисбатан меъёрӣ дорад ва ин ба он маънӣ аст, ки шартҳои дар шартномаи меҳнатӣ дарҷгардида минбаъд қувваи ҳуқуқӣ касб мекунанд ва барои иҷро ҳатмӣ мегарданд» [156, с.11].

Р.З. Лившиц зикр менамояд, ки «Шартномаи меҳнатӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ду субъекти муносибатҳои меҳнатӣ – корфармо ва корманди мушаххасро муайян мекунад» [102, с.108].

О.В. Смирнов, қайд кардааст, ки «шартномаи коллективӣ, яке аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии дохилӣ (локалӣ) буда, бо мақсади ташкили низоми худфаъолияти шароити меҳнат дар ташкилотҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо татбиқ карда мешавад» [95, с. 30-35].

Ба андешаи С.В. Макарова «шартномаи коллективӣ ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ, вижагиҳои хоси зеринро доро мебошад: ба қабули он намояндагони кормандон ва корфармоён ҳуқуқ доранд; баъди муваффақона анҷом додани гуфтушунидҳои коллективӣ қабул карда мешавад; санади амали муваққатан мебошад; дар силсиламартабаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол намуда, дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ нақши хосро иҷро мекунад; ҳифзи ҳуқуқҳои дар санади мазкур пешбинишуда бо тартиби умумӣ ва мусолиҳа сурат мегирад» [130, с. 75-78].

Яке аз вижагиҳои хоси шартномаи коллективиро С.В. Макарова дар он мебинад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои дар санади мазкур пешбинишуда бо тартиби умумӣ ва мусолиҳа сурат мегирад.

С.Ғ. Бобокалонова ва А. Назридинзода қайд менамоянд, ки «Дар баробари ин, агар мақомоти мусолиҳа ихтилофи байни ҷонибҳоро бартараф карда натавонад, дар ин хусус коллективи меҳнатӣ, иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандонро огоҳ менамояд. Коллективи меҳнатӣ, иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандони ташкилот бошад, ҳуқуқ доранд баҳри иҷрои талаботҳои гузоштаашон, аз тамоми восита ва василаҳои пешбининамудаи қонун, то пурра ё қисман қатъ намудани кор дар ташкилот, яъне аз корпартоӣ истифод намоянд» [65, с. 70].

Чуноне ки қаблан ишора гардид, муносибатҳои вобаста ба соҳаи шартномаҳои коллективӣ ба гурӯҳи муносибатҳои ҳамроҳ ва зич алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ мансуб диниста мешаванд. Ин ба он вобаста аст, ки муносибатҳои марбут ба шарикии иҷтимоӣ равандҳои ташкил ва баргузории музокироти коллективӣ, бастан ва татбиқи шартномаҳои коллективӣ, инчунин иҷрои муқаррароти онҳоро дар бар мегиранд. Ҳамзамон, ба ин доира

муносибатҳое дохил мешаванд, ки бо иштироки кормандон дар идоракунии истеҳсолот, муайян намудани шароити меҳнат, инчунин омодасозии мустақими кадрҳо, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар доираи ташкилотҳо алоқаманд мебошанд. Илова бар ин, муносибатҳои вобаста ба назорати риоя ва иҷрои қонунгузории меҳнат ва талаботи ҳифзи меҳнат низ ҷузъи таркибии ин низом ба ҳисоб мераванд.

Шартномаи коллективӣ аз ҷониби бисёр муаллифони дигар низ ҳамчун санади меъёрӣ эътироф шудааст [107, с.121].

Аз рӯи таҳлили назарҳо ва консепсияи илмии шартномаи коллективӣ бармеояд, ки он ҳамчун санади шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи локалӣ дорои хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар низоми шарикии иҷтимоӣ нақши муҳимро иҷро мекунад: якум, доира ва амали меъёрҳои қонунгузории меҳнат ва меъёрҳои дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мушаххас менамояд; дуюм, мақоми санадҳои меъёрии дорои қувваи баландтари ҳуқуқидоштаро возеҳу маълум менамояд; сеюм, сатҳи кафолатҳои меҳнатии кормандон ва ҳифзи онҳоро дар ташкилот тақвият медиҳад, дар қиёс ба меъёрҳои қонунгузории меҳнат имтиёзҳо ва афзалиятҳои иловагиро барои кормандон муқаррар мекунад.

Дар маҷмӯъ, шартномаҳои коллективӣ санади асосии ҳуқуқӣ мебошанд, ки музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддии кормандонро дар ташкилотҳо мушаххас ба танзим медароранд. Амалияи шартномавӣ-коллективӣ ба вуҷуд омад ва инкишоф ёфт. Ба иттифоқҳои касаба лозим омад, ки дар ин самт муқовимати якравона, гоҳо хушунатонаи соҳибкорон ва ниҳодҳои давлатиро паси сар кунанд.

Имрӯз дар ташкилоту муассисаву корхонаҳое, ки ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба амал мекунанд, бо туфайли кушиши онҳо ба механизми реалии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ табдил додани шартномаҳои коллективӣ анҷом дода мешавад, ки дар он фаъолони намояндагиҳои дар кори тартиб додани шартномаи коллективӣ ёрӣ

расониданд. Воқеияти муосири иқтисодӣ ва гуногунҷанбаи муносибатҳои меҳнатӣ тарафҳоро ба бастани шартномаи коллективӣ водор мекунад ва ба он дар иерархияи санадҳои меъёрии дохилии (локалӣ) корфармо аҳамияти махсус медиҳад.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки шартномаи коллективӣ бевосита ба сохти сиёсию иқтисодии давлат вобаста аст. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар баъзе ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди фаъолият шартномаҳои коллективӣ баста нашудаанд ё хусусияти қолабию рӯякӣ дошта, дар мақомоти меҳнат ба қайд гирифта нашудаанд.

Вобаста ба ин, масъалаи мазкур зимни санҷиш аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мисол овардан мумкин аст.

Аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар 38 корхонаю муассисаҳо ҳуқуқвайронкуниҳои меҳнатию иҷтимоӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ошкор карда шуд. Аз ҷумла, дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Раёсати сохтмони асосии шаҳри Душанбе, Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикгаз», Корхонаи воҳиди давлатии мусофиркашонии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», ҶДММ «Чжунда» ва боз даҳҳо муассисаю корхонаҳо шартҳои шартномаҳои коллективии ба имзо расидаро иҷро накарданд. Коргарон бошанд, бо ин васила аз кафолатҳои иловагии меҳнатӣ бенасиб гардиданд. Дар 44 корхонаву ташкилот шартномаҳои коллективӣ хусусияти қолабию рӯякӣ дошта, дар мақомоти меҳнат ба қайд гирифта нашудаанд [128].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон, изҳор намуданд, ки “Мутобиқи маълумоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳолати якуми июни соли 2019 дар кишвар зиёда аз 91 ҳазор корхона бо шаклҳои гуногуни моликият вуҷуд дошта, аз ин шумора беш аз 20 ҳазор корхона ҳуқуқи бастани шартномаро дорад. Ҳоло

қариб 13 400 корхона шартномаи коллективӣ дорад, ки 67 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад” [113].

Аз суханрониҳои Пешвои миллат чунин хулоса бароварда мешавад, ки дар сатҳи зарурӣ шартномаи коллективӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин нашуда истодааст.

Баъд аз суханрониҳои Пешвои миллат эҳсос мегардад, ки шартномаи коллективӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин шуда истодааст. Масалан, тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 ноябри соли 2024 дар маҷмуъ 28 адад созишнома, 15 адад Созишномаи соҳавӣ ва 13 адад минтақавӣ ба қайд гирифта шудааст. Мутобиқи маълумоти манзурнамудаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ соли равон дар ҷумҳурӣ 363030 адад корхонаву ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият арзи вуҷуд дошта, ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 34 924 адад корхонаҳо, муассисаву ташкилотҳо, 179 739 ададаш хоҷагиҳои деҳконӣ, 50 733 тариқи патент, 60 711 адад тариқи шаҳодатнома бо шароити махсус ва 36 923 ададаш тариқи шаҳодатнома мебошанд. Аз ин шумора 34 924 адади корхона, муассисаву ташкилотҳо дар давраи ҳисоботӣ фаъол буда, 18902 адади он ҳуқуқи бастани шартномаи коллективиро дороанд. Дар давраи ҳисоботӣ теъдоди 17 255 корхонаҳо бо шартнома ва созишномаҳои коллективӣ фаро гирифта шудаанд, ки 91,2,% -ро ташкил додааст [121].

Ҳанӯз соли 2002 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буданд: «Бо боварӣ гуфта метавонем, ки давраи нави инкишофи иқтисодӣ – иҷтимоии кишвар фаро расидааст, ки муносибати комплексиро дар бунёди низоми инкишофи миллӣ талаб менамоянд» [115].

Вобаста ба ҳисоботи мазкур ҳаминро бояд тазаккур дод, ки имрӯзҳо дар як қатор корхона, муассисаву ташкилотҳо шартномаи коллективӣ баста намешаванд. Асосан инҳо дар корхонаҳои тиҷоратии хурду миёна, хусусан соҳаи кишоварзӣ ва савдо мебошанд. Зеро теъдоди шартномаҳои коллективӣ

дар корхонаҳои моликияти омехта ва хусусӣ бошад ночиз буда, онро наметавон ҳамчун василаи ботартибдарории танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ эътироф намуд. Аз нигоҳи мазкур қонунгузор имрӯз ба танзимнамоии муносибатҳои кори кироя ва меҳнат тавассути шартномаи коллективӣ бартарият додааст.

Дар шароити имрӯз, таҳия ва қабули шартномаи коллективӣ ба талаботи муносибатҳои шароити муосир аҳамияти муҳимро ишғол намуда, ки байни коллективи меҳнатӣ ва корфармо дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ баста шаванд.

Ҳамзамон, зарур аст таъкид карда шавад, ки уҳдадориҳо бояд на танҳо дар шакли ибораҳои умумӣ ва ғайримушаххас ифода гарданд, балки бо тадбирҳои мушаххас ва амалӣ таъмин карда шаванд, ки воқеан ба беҳтар гардидани шароити иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ҳам дар сатҳи ташкилот ва ҳам дар доираи раванди истеҳсолот мусоидат менамоянд.

Ин ҳолат маънои онро дорад, ки таваҷҷуҳ бояд на танҳо ба худи уҳдадориҳо, балки ба масъалаҳои воқеии мавҷуда дар муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ равона гардад, ки ҳаллу фасли онҳо маҳз тавассути иҷрои самараноки ин уҳдадориҳо таъмин карда мешавад. Дар ин замина, аҳамияти ҳалкунанда надорад, ки кадом тараф - кормандон, корфармоён ё намояндагони давлат — уҳдадориҳоро ба зимма мегиранд, зеро самаранокии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ пеш аз ҳама аз иҷрои воқеии уҳдадориҳои қабулшуда вобаста мебошад.

Нуктаи муҳими масъалаи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки дар созишнома ва шартномаҳо на уҳдадориҳои умумӣ ва на меъёрҳое, ки қоидаҳои қонунгузориро такрор мекунанд, балки уҳдадориҳое ҷой гирифтаанд, ки ин меъёрҳоро ба таври пурра ва мушаххас шарҳ дода, ба такмил ва таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо мусоидат менамоянд.

Аз таҳлил ва омузиши моҳият ва ҷойгоҳи шартномаҳои коллективӣ дар

низоми шарикии иҷтимоӣ чунин хулоса бармеояд:

1. Таҳлили анҷомдода нишон медиҳад, ки шартномаҳои коллективӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми калидӣ дар низоми шарикии иҷтимоӣ доранд, онҳо на танҳо ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ хизмат мекунанд, балки механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон ва корфармоён низ мебошанд. Дар шароити ташаккули иқтисоди бозаргонӣ ва тағйирёбии муносибатҳои меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ вазифаҳои муҳимро ба иҷро мерасонанд: ҳуқуқ ва кафолатҳои кормандонро муқаррар менамоянд, ба беҳтаршавии шароити меҳнат, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоӣ ва риояи меъёрҳои қонунгузории меҳнат мусоидат мекунанд.

2. Навовариҳои илмии ин бахши таҳқиқот дар банизомдарории нақши шартномаҳои коллективӣ ҳамчун институти ҳамгирокунандаи муқарраротӣ ҳуқуқӣ ва ҳавасмандкунандаи иҷтимоию иқтисодӣ барои иштирокчиёни равандҳои меҳнатӣ ифода мешавад. Муайян гардид, ки татбиқи самараноки шартномаҳои коллективӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои қонунгузории миллӣ, имкониятҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва таҷрибаи ҳуқуқи байналмилалиро талаб мекунад. Заминаҳои шартномаҳои коллективӣ барои рушди шаклҳои демократӣ дар идораи ташкилотҳо, таҳкими субот ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ошкор карда шуданд.

3. Ҳамин тариқ, шартномаҳои коллективӣ на танҳо воситаи ҳуқуқӣ, балки василаи иҷтимоиву идорӣ мебошанд, ки ба ташаккули низоми устувор ва ҳамоҳангшудаи муносибатҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Такмил ва васеъ намудани доираи татбиқи онҳо имкон медиҳад, ки сифати ҳамкории иҷтимоӣ беҳтар шуда, мавқеи кормандон дар музокирот бо корфармоён таҳким дода шавад. Шартномаи коллективӣ дар замони муосир яке аз василаҳои самраноки ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон дар сатҳи ташкилот мебошад. Афзалияти танзимнамоии ҳуқуқии масъалаҳои меҳнатӣ тавассути шартҳои шартномаҳои коллективии мувофиқи қонунгузории амалкунанда басташуда дар он аст, ки муқарраротионҳо барои корфармоён

ҳатмӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ба назари мо дар шароити кунунӣ бастани шартномаҳои коллективӣ ва мутобиқати онҳо ба меъёрҳои конститутсионӣ, санадҳои байналмилалӣ, КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи амалию воқеии онҳо барои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сатҳи локалӣ воситаи муҳимтарини муосири ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад.

# БОБИ 3. СУБЪЕКТҲОИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Мафҳум, аломатҳо ва таснифи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ

Шарикии иҷтимоӣ яке аз институтҳои бунёдии ҳуқуқи меҳнат буда, ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон, корфармоён ва давлат дар ҷараёни танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо бевосита алоқаманд равона шудааст. Дар доктринаи ҳуқуқи меҳнат шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли махсуси ҳамкории иҷтимоӣ ва муколамаи фаъоли тарафҳои манфиатдор баррасӣ мешавад, ки асоси он принсипҳои баробарҳуқуқӣ, ихтиёрӣ будани иштирок ва масъулияти тарафҳо барои иҷрои уҳдадориҳои қабулшударо ташкил медиҳанд. Ин шакли ҳамкорӣ имконият фароҳам меорад, ки манфиатҳои кормандон ва корфармоён дар муҳокима ва қабули қарорҳо ҳамоҳанг гарданд, баҳсу музокираҳо дар сатҳи ташкилот ва соҳаҳо дар асоси қонунгузории меҳнат амалӣ шаванд ва ҳуқуқу кафолатҳои тарафҳо таъмин карда шаванд.

Тазаккур бояд дод, ки дар адабиёти илмӣ таърифи ягонаи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ мавҷуд нест. Бо вуҷуди ин, аксари муҳаққиқон зери ин мафҳум иштирокчиёни муносибатҳои коллективии меҳнатиро мефаҳманд, ки тибқи қонунгузорӣ бо ҳуқуқи намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ таъмин шудаанд. Ба ин гурӯҳ корфармоён, кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар субъектҳои ваколатдор шомил мешаванд, ки дар таҳия, музокира ва татбиқи шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолона иштирок мекунанд. Масалан, Е.А. Смирнов субъектҳои шарикии иҷтимоиро ҳамчун «ташкилот ва мақомоти ваколатдоре, ки манфиатҳои коллективии кормандон, корфармоён ва давлатро дар соҳаи меҳнат ва шуғл ифода менамоянд» [95], муайян мекунад. С.С. Кузнецова низ чунин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунад, ки субъектҳои шарикии иҷтимоӣ иштирокчиёни фаъоли фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат мебошанд [70].

Фаҳмиши байналмилалӣ-ҳуқуқии субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар санадҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат мустаҳкам гардидааст. Мувофиқи Конвенсияи ТБМ № 144 «Дар бораи машваратҳои сеҷониба ҷиҳати мусоидат ба татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат», шарикии иҷтимоӣ ба ҳамкории ташкилотҳои намояндагии кормандон ва корфармоён бо мақомоти давлатӣ асос ёфта, модели классикии «трипартизм»-ро инъикос менамояд.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ ва стандартҳои байналмилалии меҳнат нишон медиҳад, ки субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дорои аломатҳои асосии зерини мушаххас мебошанд:

1. Қонуният ва эътирофи ҳуқуқӣ - субъект бояд тибқи қонунгузорӣ ё меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчун намояндаи тарафи дахлдор эътироф карда шавад. Ин аломат аз Конвенсияи №87 (1950) ТБМ «Дар бораи озодии иттиҳодия ва ҳифзи ҳуқуқ ба ташкилёбӣ» бармеояд, ки ҳуқуқи кормандон ва корфармоёнро ба таъсиси ташкилотҳо бо интихоби озоди худ кафолат медиҳад.

2. Хусусияти намояндагӣ - субъектҳои шарикии иҷтимоӣ аз манфиатҳои коллективӣ намояндагӣ мекунанд, на манфиатҳои инфиродӣ, ки ин нуқта дар Конвенсияи ТБМ № 98 (1949) «Дар бораи ҳуқуқ ба мутаҳҳидшавӣ ва пешбурди музокироти коллективӣ» махсус таъкид шудааст.

3. Иштирок дар муколамаи иҷтимоӣ - субъектҳо дар музокирот, машваратҳо ва танзими коллективӣ-шартномавӣ иштирок менамоянд. Тавсияи ТБМ №152 муколамаи иҷтимоиро ҳамчун воситаи калидии пешгирии низоъҳои меҳнатӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ муайян мекунад.

4. Самтгирӣ ба ҳамоҳангсозии манфиатҳо - фаъолияти субъектҳо ба муқовимат равона нашуда, балки ба ноил шудан ба мувофиқат ва ризоияти иҷтимоӣ равона мегардад, ки ба муқаррароти Эъломияи ТБМ оид ба принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат (соли 1998) мувофиқат менамояд.

Дар назарияи ҳуқуқи меҳнат якчанд равишҳои таснифи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ истифода мешаванд. Маъмултарини онҳо таснифи сесатҳаи он (трипартизмӣ) мебошад, ки ба стандартҳои ТБМ мувофиқ аст:

1. Кормандон ва мақомоти намояндагии онҳо - иттифоқҳои касаба, федератсияҳо ва конфедератсияҳои иттифоқҳои касаба, инчунин дигар мақомоти ваколатдори коллективҳои меҳнатӣ. Мақоми ҳуқуқӣ ва вазифаҳои онҳо дар Конвенсияҳои ТБМ № 87 ва № 98 муқаррар шудаанд.

2. Корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо - ташкилотҳои корфармоён, ассотсиатсияҳои соҳибкорон, иттиҳодияҳои соҳавӣ, ки дар музокироти коллективӣ ва бастани созишномаҳо иштирок менамоянд.

3. Мақомоти давлатӣ - мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки дар соҳаҳои меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ ваколатдор мебошад, татбиқи сиёсати давлатиро таъмин ва риояи қонунгузории меҳнатро назорат мекунад, ки ин ба Конвенсияи ТБМ № 150 (1978) «Дар бораи танзими масъалаҳои меҳнат» мухолифат надорад.

Бархе олимон аз ҷумла: В.И. Сафонов, А.М. Лушников таснифи васеътарро пешниҳод намуда, ба он мақомоти шарикии иҷтимоӣ (комиссияҳои сеҷониба, шӯроҳо оид ба муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ) ва инчунин институтҳои миёнаравӣ, ки фаъолияти муколамаи иҷтимоиро таъмин менамоянд, дохил мекунанд.

Субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар ташаккули низоми танзими шартномаҳои коллективӣ, рушди қонунгузории меҳнат ва амалӣ намудани стандартҳои байналмилалии меҳнат дар сатҳи миллӣ мақоми калидӣ ва нақши муҳими стратегӣ доранд.Тавре ки маълум аст, Кумитаи коршиносони ТБМ оид ба татбиқи конвенсияҳо ва тавсияҳо доимо таъкид менамояд, фаъолияти самараноки шарикии иҷтимоӣ ба рушди устувори бозори меҳнат ва таҳкими сулҳи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Вазифаҳои асосии қонунгузории меҳнат ба фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқии муассир равона шудаанд, то манфиатҳои кормандон ва

корфармоён мувофиқ гарданд. Ин вазифаҳо, ҳамзамон, фарогири маҷмӯи васеи самтҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ва равандҳои вобаста ба ташкил ва идоракунии меҳнат мебошанд. Аз ҷумла, онҳо ба таъмини шароити мусоиди меҳнат, омодасозӣ ва такмили ихтисоси кормандон, инчунин ба роҳ мондани музокироти коллективӣ равона гардидаанд. Илова бар ин, дар доираи ин вазифаҳо татбиқи назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои риояи қонунгузории меҳнат, баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ, инчунин бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо пешбинӣ мегардад.

Ноил шудан ба мақсадҳои шарикии иҷтимоӣ бештар аз мақоми иштирокчиёни ҳамкорӣ дар ин самт ва аз равишҳои онҳо дар иҷрои уҳдадориҳои худ вобаста аст. Дар соҳаи таҳқиқоти илмии соҳаи ҳуқуқи меҳнат барои муайян кардани таркиби предмети шарикии иҷтимоӣ муносибати умум эътирофшуда вуҷуд надорад. Омӯзиши таҳқиқоти мавҷуда дар ин соҳа ба мо имкон медиҳад чунин хулосабарорӣ кунем, ки ин ба шаклҳои шарикии иҷтимоӣ вобастагии калон дорад. Дар баробари ин, дар адабиёти илмӣ доир ба шаклҳои шарикии иҷтимоӣ нуктаҳои бисёре баён карда шудаанд. Масалан, М.В. Молодцов ва С.Ю. Головин чунин мешуморанд, ки “ин бояд гуфтушуниди коллективӣ, машваратҳои байниҳамдигарии тарафҳои шарикии иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд, инчунин кафолати ҳуқуқҳои кормандон ва такмил додани қонунгузорӣ оид ба меҳнатро дар бар гирад. Илова бар ин, ба ин иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот ва иштироки намояндагони кормандон ва корфармоён дар ҳалли берун аз судии баҳсҳои меҳнатӣ дохил мешаванд” [88, с. 640].

С.Ю. Чуча “шаклҳои шарикии иҷтимоиро ба танзимкунанда (аз қабили машваратҳо ва гуфтушунидҳо байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ) ва муҳофизатӣ (низомҳои ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ) [108, с. 212] тасниф мекунад. Мо низ бо назари зикршудаи С.Ю. Чуча ҳамфикрем ва бар ин назарем, ки ҳангоми бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ бояд «шаклҳои

танзимӣ» аз ҷониби тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар онҳо ворид гарданд.

Дар муносибатҳои бахши шарикии иҷтимоӣ, субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ накши муҳим дошта, онҳо ба сифати тарафҳои шарикии иҷтимоӣ баромад мекунанд.

Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат, пеш аз ҳама кормандон, инчунин корфармоён мебошанд, ки онҳоро намояндагони ба таври дахлдор ваколатдоршуда намояндагӣ мекунанд. Шакли фаъолияти мутақобилаи ин категорияҳо бастани шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ, таъсиси мақомоти шарикии иҷтимоӣ, ба зимма гирифтани уҳдадориҳо ва ҳамоҳангсозии манфиатҳо мебошад.

Масъалаи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар заминаи ҳуқуқи меҳнат муҳим арзёбӣ мешаванд, зеро шарикии иҷтимоӣ ба натиҷаҳои иқтисодии меҳнат таъсири назаррас мерасонад. Шарикии иҷтимоӣ, ин ҳамкории байни корфармоён, кормандон ва давлат мебошад, ки ба танзими муштараки муносибатҳои меҳнатӣ ва масъалаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Аҳамияти ин мавзуъ дар он аст, ки он ба муҳайё намудани муҳити нисбатан устувор ва пешбинишавандаи иқтисодиёт ва муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунад. Шарикии иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки барои раванди пурсамар ва инноватсионии меҳнат шароит фароҳам оварда шавад.

Муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, хусусан дар доираи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, асосан дар хусусияти шахсӣ ва мустақими муносибатҳои иштирокчиёне таҷассум меёбад, ки тарафҳои ин санадҳо мебошанд.

Субъектҳои шарикии иҷтимоӣ вобаста ба сатҳҳои он фарқ доранд. Мутобиқи муқаррароти моддаи 301-и КМ ҶТ, намудҳои асосии ҳамкории иҷтимоӣ дар сатҳҳои болоӣ, аз ҷумла дар доираи соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ (иқтисодиёти миллӣ), инчунин дар сатҳи минтақавӣ ва умумидавлатӣ муайян гардидаанд. Ин шаклҳои ҳамкорӣ таҷассумгари худро дар созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ) ва

ҷумҳуриявӣ (генералӣ) меёбанд. Аз нуқтаи назари сохтори институтсионалии шарикии иҷтимоӣ, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ намояндагии сеҷониба амал мекунад, ки дар он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои корфармоён ва намояндагони кормандон иштирок намуда, байни онҳо созишномаи генералӣ ба имзо мерасад. Дар сатҳи соҳавӣ, ҳамчун қоида, тарафҳои шарикро мақомоти дахлдори давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти соҳавии намояндагии кормандон ташкил медиҳанд. Дар сатҳи минтақавӣ (вилоятӣ) бошад, иштирокчиён аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон иборат мебошанд.

Бояд гуфт, ки агар шартномаҳои коллективӣ дар асоси принсипи бипартизм (дуҷониба) аз ҷониби коллективи меҳнатӣ дар симои мақомоти намояндагии он ва корфармо ё намояндаи он баста шаванд, дар он сурат созишномаҳо дар асоси принсипи трипартизм (сеҷониба) баста мешаванд.

Н.Г. Хорошкевич қайд менамояд, ки “вобаста ба шумораи тарафҳои иштироккунанда, шарикии иҷтимоӣ метавонад дуҷониба, сеҷониба ва бисёрҷониба бошад. Шарикии дуҷонибаи иҷтимоӣ одатан байни кормандон ва корфармоён ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид, шарикии иҷтимоӣ ба принсипи дуҷониба, яъне ба робитаҳои шарикони анъанавии иҷтимоӣ асос меёбад. Шарикони анъанавӣ бошад, ҳамчун иттифоқҳои касаба ва корфармоён фаҳмида мешаванд” [105, с. 16].

Созишномаҳо, инчунин дар сатҳҳои гуногун қабул карда мешаванд ва аз ҳудуди ташкилот берун мебароянд, ки ин ҳолат дар моддаи 301 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Н.Р. Маҳмадуллозода, С.Х.Наботов қайд намудаанд, ки “бо мувофиқаи ҷонибҳои дар музокиротбуда, мавзуъҳои созишномаҳо муайян карда мешаванд, ки метавонанд дуҷониба бошанд ва дар онҳо намояндагони кормандон ва корфармоён иштирок намоянд ва сеҷониба бошанд, ки дар он мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ низ

ширкат меварзанд. Онҳо намояндагони худро барои ташкили комиссияҳои доимии сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимою меҳнатӣ дар сатҳи дахлдор пешбарӣ менамоянд.

Ин комиссияҳои сетарафа дар асоси принсипи трипартизм фаъолият мекунанд, яъне дар асоси ҳамкории сеҷониба, ки дар он се тараф намояндагӣ мекунанд: аз кормандон-иттифоқҳои касаба, аз корфармоён-иттиҳодияҳои онҳо, аз ҷониби давлат-мақомоти ваколатдор” [83, с. 122].

Ба таҳқиқи М. Сафаров дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009 инҷониб Комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба сифати механизми ниҳодӣ (институтсионалӣ) фаъолият менамояд [136, с. 4].

Дар мамлакати мо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №173 дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[53] амал менамояд.Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мақсад, усул, низом, салоҳият ва масъулияти тарафҳоро оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Ҳамкории кормандон ва корфармоён ҳамчун тарафҳои шарикии иҷтимоӣ бо ёрии намояндагони ваколатдори онҳо сурат мегирад. Аммо, намояндагон тарафҳои шарикӣ нестанд. Онҳо танҳо иштирокчиёни шарикӣ буда, аз номи кормандон ва корфармоён ва танҳо ба манфиати онҳо амал мекунанд.

Бояд таъкид намуд, ки шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат на танҳо ба кормандон ва корфармоён маҳдуд намегардад, балки доираи таъсири он ба намояндагони онҳо, инчунин ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ паҳн мешавад. Ҳар як иштирокчӣ дар шарикии иҷтимоӣ, мавқеъ ва нақши худро дорад, ки вобаста ба доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои он муайян карда мешавад. Иштирокчиёни шарикии

иҷтимоӣ метавонанд танҳо дар доираи меъёрҳои мавҷуда амал кунанд, муносибатҳои ҳуқуқиро тариқи созиши тарафайн ҳал намоянд.

А.И. Сайдахмедов қайд менамояд, ки “моҳияти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли нави муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар он аст, ки корманд дар ин муносибатҳо на ҳамчун объект, балки дар баробари соҳибмулк–корфармо субъекти фаъоли ин муносибатҳо мегардад, ки танзими онҳо дар сатҳҳои гуногун ба амал бароварда мешавад, дуюм, муҳимтарин принсипи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ин раванд иштироки баробари мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, намояндагони корфармоён ва кормандон мебошад” [157, с. 4].

Аз таҳлилҳои дар боло зикргардида чунин хулосабардорӣ намудан ҷоиз аст, ки ба ҳайси тарафҳои муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ дар асоси принсипи трипартизм (сеҷониба) давлат, корфармоён, намояндагони кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар мақомотҳои намояндагии кормандон, маҳсуб меёбанд.

Ин тақсимот ба модели классикии трипартизм, ки дар санадҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат пешбинӣ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

Кормандон дар низоми шарикии иҷтимоӣ бо воситаи иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии ваколатдор баромад менамоянд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти иттифоқҳои касабаро ҳамчун шакли асосии намояндагии манфиатҳои коллективии кормандон эътироф намуда, ба онҳо ҳуқуқи иштирок дар музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, инчунин назорат аз болои иҷрои онҳо медиҳад.

Корфармоён ҳамчун субъекти мустақили шарикии иҷтимоӣ метавонанд ҳам мустақиман ва ҳам тавассути иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳои корфармоён дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ иштирок намоянд.

Ба иттиҳодияҳои корфармоён тибқи қонунгузории меҳнат ҳуқуқ дода

шудааст, ки манфиатҳои умумии аъзои худро ҳимоя намуда, дар таҳия ва амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ҳамчунин дар танзими шартҳои меҳнат иштирок намоянд.

Бояд гуфт, ки мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти махсуси шарикии иҷтимоӣ вазифаи таъмини ҳамоҳангсозии манфиатҳо, мусоидат ба музокироти коллективӣ ва назорат аз болои риояи қонунгузории меҳнатро иҷро мекунад. Иштироки давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ хусусияти ҳамзамон танзимкунанда ва кафолатдиҳанда дошта, ба таҳкими суботи иҷтимоӣ ва пешгирии низоъҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин шаклҳои институтсионалии амалигардонии шарикии иҷтимоӣ пешбинӣ гардидаанд. Вобаста ба ин комиссияҳои сесатҳӣ (сеҷониба) оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ фаъолият менамоянд. Ин комиссияҳо ҳамчун мақомоти муколамаи иҷтимоӣ баромад намуда, таҳия ва мувофиқаи созишномаҳои генералии соҳавӣ ва минтақавиро таъмин менамоянд.

Бо ин роҳ, қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба субъектҳои шарикии иҷтимоӣ низоми мукаммали ҳуқуқиро шакл додааст, ки он ба стандартҳои байналмилалии меҳнат мутобиқ буда, барои рушду ташаккули самаранокии муколамаи иҷтимоӣ ва такмили танзими муносибатҳои меҳнатӣ заминаи устувор фароҳам месозад.

Таҳлили анҷомдода нишон медиҳад, ки субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони асосии муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд, ки вазифаҳои ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон ва корфармоён, амалӣ намудани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ва таъмини риояи қонунгузории меҳнатро бар уҳдаи худ доранд. Субъектҳои шарикии иҷтимоӣ тарафҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ташаккулёфтаи муколамаи иҷтимоӣ буда, дорои ваколатҳои намояндагӣ мебошанд ва фаъолияти худро

дар асоси қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалии меҳнатии ТБМ ба роҳ мемонанд.

Дар ин бахши таҳқиқот аломатҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи меҳнат ошкор карда шуданд, ки иборатанд аз ҳуқуқи намояндагӣ, иштирок дар музокироти коллективӣ ва масъулият барои иҷрои ӯҳдадориҳои қабулшуда.

Классификатсияи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ, мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо, ҳамчунин кормандон ва намояндагони онҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои иштироккунанда дар танзими муносибатҳои меҳнатиро фаро мегирад. Ҳамин тариқ, муайян гардид, ки фаҳмиши дурусти моҳият, аломатҳо ва таснифи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ асоси фаъолияти самараноки музокироти коллективӣ, таҳия ва амалӣ намудани сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва ташаккули низоми устувори муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

### 3.2. Ҷойгоҳи давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ

Муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои ҳар як давлат мебошад. Ба гурӯҳи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ давлат мансуб аст, ки дар симои он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми ҳокимияти иҷроияи давлатӣ мебошад [1], дохил мешавад. Иштироки фаъоли давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ барои мувозинати манфиатҳои тарафҳо, таъмини ризоияти иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии ҷомеа аҳаммияти хос дорад. Дар шароити имрӯз, рушди шарикии иҷтимоӣ, ҳамчун омили муҳимми таҳкими суботи иҷтимоӣ, боло бурдани сатҳи ҳифзи иҷтимоӣ ва ниҳодисозии муколамаи иҷтимоӣ миёни кормандон, корфармоён ва мақомоти давлатӣ баромад менамояд. Дар чунин шароит давлат нақши танзимкунанда, миёнрав ва кафили риояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонро дар соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ иҷро мекунад. Омӯзиши нақши давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҳкими заминаҳои ҳуқуқии миллӣ, таҷрибаи ҳамкории сегона (трипартизм) ва

мутобиқсозии меъёрҳои байналмилалии муколамаи иҷтимоӣ ба амалияи миллӣ аҳаммияти махсус дорад. Бинобар ин, таҳлили ҳамаҷониба вазифаҳои давлат дар ин низом ва ҷанбаҳои амалии татбиқи он аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Маъмулан вазифаҳои давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ аз вазифаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ; вазифаи танзимнамоӣ; вазифаи миёнаравӣ ва вазифаи иҷтимоӣ- стратегӣ иборат мебошад. Вазифаи меъёрӣ – ҳуқуқии давлат дар шарикии иҷтимоӣ ин таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти шарикии иҷтимоӣ мебошад. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки давлат қабул мекунад, заминаи ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои кормандон ва корфармоёнро ташкил дода, ба таъмини шарикии иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Вазифаи танзимнамоии давлат дар шарикии иҷтимоӣ ин назорати риояи қонунгузории меҳнат, иҷрои шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ буда, дар сурати вайрон гардидани ҳуқуқҳои яке аз тарафҳои шарикии иҷтимоӣ давлат чораҳои дахлдор меандешад ва барои бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамояд. Вазифаи миёнравии давлат дар шарикии иҷтимоӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми ба миён омадани баҳсҳои меҳнатии коллективӣ давлат ҳамчун миёнрав баромад намуда, барои ташкили музокирот, расидан ба созиш ва ҳаллу фасли осоиштаи муноқишаҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Вазифаи иҷтимоӣ ва стратегии давлат дар ин раванд бошад аз иштироки бевоситаи давлат дар таҳия ва татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, сиёсати шуғли аҳолӣ, ҳифзи меҳнат ва таъмини иҷтимоӣ мебошад. Ба сифати намуна метавон Барномаи ҳамкорӣ оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020–2024 [51]-ро зикр намуд, ки байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти байналмилалии меҳнат ба имзо расидааст.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия дар фаъолияти комиссияҳои сетарафа иштироки фаъолона дошта, бо дарназардошти мавқеъ ва пешниҳодҳои шарикони иҷтимоӣ дар раванди қабули қарорҳои муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ

саҳми назаррас мегузоранд. Ҳамзамон, онҳо ба намояндагони кормандон ва корфармоён дар ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои мутақобилан қобили қабули ҳаллу фасли масъалаҳо ва расидан ба созиш мусоидат менамоянд.

Давлат барои таҳкими ҳамкории байни кормандон ва корфармоён ва рушди шаклҳои гуногуни шарикии иҷтимоӣ фаъолона кӯмак мерасонад. Инчунин, дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои асосии ҳамкории тарафҳоро мустаҳкам намуда, кафолатҳоро барои иштирокчиёни музокироти коллективӣ муқаррар мекунад, масъулиятро барои саркашӣ аз иштирок дар музокирот, вайрон ё иҷро накардани шартномаи коллективӣ таъин менамояд ва ба самаранокӣ ва устувории равандҳои гуфтушунид мусоидат мекунад.

Мутобиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2001, №28 "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон"[25], Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди марказии роҳбарии давлат вазифадор аст, ки роҳбарии самараноки соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин намояд, яъне фаъолиятро дар тамоми самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳамоҳанг ва ба самти таҳкими устувории ҷомеа равона кунад. Ҳамзамон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи давлатии иҷтимоиро таҳия ва татбиқ намуда, амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ таъмин менамояд. Аз ҷумла, ин раванд фарогири таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, низоми нафақа, пардохтҳои кӯмакпулии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин, ҳукумат ба рушди низоми таъминоти иҷтимоӣ, таъсиси барномаҳо ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ, ташкили чорабиниҳои хайру эҳсон ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ фаъолона мусоидат мекунад. Ин тадбирҳо на танҳо барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва ҳифзи иҷтимоӣ равона шудаанд, балки он ба таҳкими суботи иҷтимоӣ, мустаҳкам намудани ҳамбастагии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеа ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мусоидат мекунанд.

Қонунгузор идоракунии давлатии ҳифзи меҳнатро аз ҷониби давлат ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор кардааст. Тибқи талаботи моддаи 328 Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати кишвар дорои салоҳиятҳои калидӣ дар самти ҳифзи меҳнат мебошад, ки ба татбиқ ва амалӣ сохтани самтҳои сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муайян намудани асосҳои идоракунии давлатӣ, таҳия ва назорати барномаҳои ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ равона шудаанд. Ҳукумат инчунин масъул аст барои таъмини ҳамкории мақомоти давлатӣ ва иҷроияи маҳаллӣ, корфармоён, иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба, ҳамчунин дигар ташкилотҳои намояндагии кормандон, ҳамкории байналмилалӣ дар самти ҳифзи меҳнат ва иҷрои дигар вазифаҳои марбут ба ҳифзи меҳнат [26].

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[49], Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шудааст. Вазорати мазкур дар навбати худ доир ба танзими масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ як қатор салоҳияту вазифаҳо дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки дар низоми танзими шартномавӣ-коллективии муносибатҳои меҳнатӣ, давлат нақши махсус - нақши шарики иҷтимоиро мебозад. Дар баробари ин, ба он таъкид мешавад, ки давлат ҳамчун шарики иҷтимоӣ дар механизми ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар амалия вазифаҳои ҳокимиятиро иҷро намекунад.

А.Ф. Нуртдинова қайд менамояд, ки «тадбирҳои давлатие, ки баҳри дастгирии низоми самарабахши гуфтушунидҳои меҳнатии коллективӣ нигаронида шудаанд, инчунин аз тариқи қонунгузорӣ таҳкими ҳадди ақалли ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон ва иштироки институтҳои давлатиро дар ҳалли

самараноки баҳсҳои меҳнатии коллективӣ дар бар мегиранд. Кафолатҳои давлатӣ бояд ҳамчун таҳкурсии устувори гуфтушунид баромад карда, як навъ нуктаи ибтидоӣ хизмат кунанд. Кафолатҳои аз тарафи давлат барои кормандон муқарраршуда, бояд ҳавасмандгардонии онҳоро дар зиёд кардани ҳуҷҷатҳои шартномавӣ – коллективӣ баланд бардоранд» [134, с. 21].

Ба ақидаи С.Ю. Чуча, давлат ихтиёран ба муносибатҳои шарикӣ ворид шуда, таъсири худро дидаву диниста кам мекунад, аммо ҳамчун шарики иҷтимоӣ ягон мақоми махсуси ҳуқуқӣ надорад ва аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, коҳиши самаранокии тамоми низоми шарикии иҷтимоӣ мушоҳида мешавад. Феълан вазифаи давлат дар бахши бастани шартномаҳои меҳнатӣ, ифода ва ҳифз намудани манфиатҳои ҷамъиятӣ, яъне манфиатҳои тамоми ҷамъият мебошад. “Давлат, албатта, нақши шарики махсуси иҷтимоиро мебозад, вале ин як навъ шарикии махсус аст, ки дар тафовут аз корфармоён ва кормандон, ки манфиатҳои гурӯҳҳои дахлдори иҷтимоиро ифода мекунанд ва барои қонеъ кардани ин манфиатҳо мекӯшанд, мавқеъи тамоми тарафҳоро ба инобат мегирад ва бо манфиатҳои миллӣ ҳамоҳанг месозад” [144, с. 19].

Илова бар ин, дар доктринаи илмии ҳуқуқи меҳнат мавқеи устуворе ташаккул ёфта истодааст, ки мувофиқи он давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун тарафе бо ҳуқуқҳои баробар, балки ҳамчун ҳомили манфиати оммавӣ баромад намуда, мувозинати манфиатҳои хусусии кормандон ва корфармоёнро таъмин мекунад. Аз ҷумла, С. Ю. Головина иброз намудааст, ки: «Давлат дар шарикии иҷтимоӣ нақши махсуси кафили татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ-ро иҷро намуда, ҳамчун ифодаи манфиати оммавӣ баромад мекунад ва устувории тамоми низоми танзими меҳнатро таъмин менамояд»[90, с.214]. Дигар муҳаққиқон низ аз ин мавқеъ ҷонибдорӣ намуда, чунин назар пешниҳод намудаанд, ки давлат наметавонад ҳамчун иштирокчии оддии шарикии иҷтимоӣ баррасӣ гардад, зеро вазифаҳои он аз доираи ҳамоҳангсозии манфиатҳо берун рафта, таъмини адолати иҷтимоиро низ дар бар мегиранд. Гурӯҳи дигари олимон давлатро пеш аз ҳама ҳамчун танзимгари

меъёрӣ, ки чорчӯбаи ҳуқуқии шарикии иҷтимоиро фароҳам меорад, тавсиф мекунанд. Аз ҷумла, ба андешаи Ю. П. Орловский, «нақши давлат дар шарикии иҷтимоӣ пеш аз ҳама дар ташаккули қоидаҳои ҳатмии рафтор зоҳир мегардад, ки дар доираи онҳо тарафҳои муколамаи иҷтимоӣ танзими мустақилро амалӣ менамоянд» [101, с.52]. Дар ин асос давлат танзими шартномавиро иваз намекунад, балки меъёрҳои ҳадди ақали иҷтимоиро муқаррар менамояд, ки бо созишномаҳои тарафҳо наметавонанд ин меъёрҳо паст карда шаванд. Табиист, ки давлат тавассути қонунгузорӣ самти рушди шарикии иҷтимоиро муайян намуда, ҳамбастагии ибтидоии шартномавӣ ва ҳатмии ҳуқуқи меҳнатро таъмин мекунад. Гуфтан ба маврид аст, ки давлат дар равиши ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ, ҳамчун ҳакам ва миёнарав донистa мешавад, ки вазифаи пешгирӣ ва ҳаллу фасли низоъҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро ба зиммаи худ дорад. Ҳангоми ба миён омадани низоъҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ давлат вазифаи миёнаравиро иҷро намуда, механизмҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳалли ихтилофҳоро таъмин мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки бе иштироки фаъолонаи давлат шарикии иҷтимоӣ қобилияти иҷрои вазифаи суботбахши худро аз даст дода, ба муколамаи расмӣ табдил меёбад.

Дар доираи трипартизм як қатор олимон давлатро ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи раванди музокирот арзёбӣ мекунанд. Ба андешаи А. М. Лушников «Давлат дар низоми трипартизм на болои тарафҳо, балки дар баробари онҳо баромад намуда, дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ ва шуғл уҳдадориҳои мушаххасро ба зимма мегирад» [79, с. 73]. Муҳаққиқи зикршуда, ҳамзамон ба дугонагии нақши давлат: давлат ҳамчун иштирокчӣ ва ҳам давлат ҳамчун кафил ишора мекунад.

Дар баробари ин, бархе аз муҳаққиқон ба зарурати маҳдуд намудани дахолати аз ҳад зиёди давлат дар шарикии иҷтимоӣ ишора мекунанд. Масалан, А. В. Куренной ҳушдор медиҳад, ки «Нақши аз ҳад зиёди ҳукмрони давлат дар шарикии иҷтимоӣ метавонад ба расмиятнок шудани музокирот ва коҳиш ёфтани сатҳи мустақилияти шарикони иҷтимоӣ оварда расонад» [76, с. 61]. Аз

ин лиҳоз, модели муносиби шарикии иҷтимоӣ он аст, ки дар он давлат шароити заруриро фароҳам меорад, аммо иродаи тарафҳоро иваз намекунад.

Дар доктринаи байналмилалии шарикии иҷтимоӣ, ки таҳти роҳбарии ТБМ ташаккул ёфтааст, давлат ҳамчун иштирокчии калидии институтсионалии муколамаи иҷтимоӣ баррасӣ мешавад. Дар шарҳҳои расмии ТБМ масъалаи мазкур чунин тавсиф мешавад: «Давлат барои ташкили механизмҳои самараноки муколамаи иҷтимоӣ ва таъмини иштироки баробари ҳамаи тарафҳо масъулияти асосӣ дорад» [5]. Ин мавқеъ ба муқаррароти Конвенсияи ТБМ № 144 (1976) асос ёфта, уҳдадории давлатро оид ба таъмини машваратҳои сетарафа муқаррар менамояд.

Бо назардошти мавқеъҳои илмӣ ва назарҳои муҳаққиқон метавон чунин ҷанбаҳои калидии нақши давлат дар шарикии иҷтимоиро ҷудо намуд: 1) давлат ҳамчун кафили манфиатҳои оммавӣ ва адолати иҷтимоӣ; 2) давлат ҳамчун қонунгузор ва танзимгар; 3) давлат ҳамчун миёнарав ва ҳакам дар низоъҳо; 4) давлат ҳамчун тарафи баробарҳуқуқи трипартизм; 5) давлат ҳамчун ташкилкунанда ва ҳамоҳангсози институтсионалии муколамаи иҷтимоӣ. Маҳз омезиши мукаммали ин нақшҳои давлат имкон медиҳад, ки шарикии иҷтимоӣ вазифаи суботбахш ва иҷтимоӣ-иқтисодии худро самаранок иҷро намояд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар равандҳои вобаста, аз ҷумла муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, нақши калидӣ ва ташаккулдиҳандаро мебозанд. Аз ҷиҳати назарияи ҳуқуқ ва амалияи меъёргузорӣ, санадҳои меъёрии ин мақомот аксаран ба масъалаҳои мушаххас равона шудаанд, аз ҷумла: муайян намудани намудҳои гуногуни иловапулиҳои кормандони минтақаҳои дахлдор, тартиби оғоз ва анҷоми фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи савдо, нақлиёт ва хизматрасонӣ, инчунин танзими дигар омилҳои муҳим дар фазои меҳнатӣ.

**Аз таҳқиқи ҷойгоҳи давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ чунин хулосаҳо бармеоянд:**

1. Муайян гардид, ки давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми шарикии иҷтимоӣ нақши калидиро соҳиб буда, ҳамчун қонунгузор, ҳамоҳангсоз ва кафили риояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ баромад менамояд. Тавассути ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, иштирок дар комиссияҳои сеҷониба ва назорат аз иҷрои созишномаҳо давлат мувозинати манфиатҳои кормандон ва корфармоёнро таъмин месозад. Ҳамзамон, самаранокии шарикии иҷтимоӣ аз таҳкими минбаъдаи механизмҳои институтсионалӣ, тақвияти масъулияти тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ва тавсеаи амалияи танзими шартномавию коллективӣ вобастагии зич дошта, омили муҳими суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

2. Ҳамин тариқ, давлат бо иҷрои нақши шарики муҳими иҷтимоӣ мавқеи худро «болотар аз ҷомеа» нигоҳ дошта, вазифаи асосии он дар танзими муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, вазифаи миёнаравӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқасозии манфиатҳо мебошад. Дар номгӯи вазифаҳои асосие, ки давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ иҷро мекунад, метавон ҳамоҳангсозии амал ва саъю кӯшиши муштараки шарикони иҷтимоӣ, мусолиҳаи тарафҳо, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятиро махсусан таъкид кард. Табиист, ки чунин вазифаҳоро танҳо шарики махсусе иҷро карда метавонад, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи бартариятнокро ишғол менамояд.

**3.3. Намояндагони кормандон ва корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ**

1. Намояндагони кормандон дар шарикии иҷтимоӣ.

Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ кормандон ва корфармоён мебошанд, ки дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ тавассути намояндагони тибқи қонунгузорӣ ваколатдоршудаашон иштирок мекунанд.

Мақомотҳои намояндагии кормандони ташкилотҳо дар асоси интихобот ташкил ёфта, дар фаъолияти худ комилан мустақил буда, ба ягон мақомоти давлатӣ, хоҷагӣ ё дигар созмонҳои сиёсию ҷамъиятӣ тобеъ нестанд. Ин

мақомотҳо махсусан барои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии кормандон таъсис ёфта, тамоми фаъолиятҳои худро бо риояи муқаррароти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оинномаҳои тасдиқшуда дар сатҳи дахлдор, инчунин созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ба роҳ мемонанд. Ғайр аз ин, мақомотҳои намояндагӣ вазифадоранд, ки иштироки фаъолонаи кормандонро дар музокирот, баҳсу баррасии масоили меҳнатӣ ва қабули қарорҳои коллективӣ таъмин намоянд, ба таъмини мутобиқат ва ҳамоҳангии манфиатҳои тарафҳо мусоидат кунанд ва бо ин роҳ сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандонро баланд бардоранд. Онҳо инчунин вазифадоранд, ки тавассути механизмҳои қонунӣ назорат аз риояи ҳуқуқи меҳнатӣ ва иҷрои шартномаҳои коллективиро ба роҳ монанд, бо корфармоён ва дигар субъектҳои ваколатдор ҳамкорӣ намуда, таҳкими шарикии иҷтимоиро дар сатҳи ташкилот таъмин созанд.

Фаъолияти намояндагони кормандони ташкилотро меъёрҳои КМ ҶТ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [34], «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [39], ҳамчунин созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ заминаи ҳуқуқӣ мегузоранд. Ин санадҳо доираи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои амалро муайян карда, фаъолияти намояндагони кормандонро дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои меҳнатӣ бо корфармоён таъмин менамоянд.

Дар танзими намояндагони кормандон дар шарикии иҷтимоӣ мавқеи муҳимро меъёрҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ишғол менамояд.

Тибқи банди 36-и моддаи 1 КМ ҶТ, намояндагони кормандон шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки бо мақсади ҳимояи манфиатҳои коллективи кормандон аз ҷониби худи коллектив тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешаванд.

Чи тавре аз мазмуни банди 46 моддаи 1 КМ ҶТ бармеояд, мавқеи марказиро дар таъсис ва интихоби намояндагони кормандон, коллективи меҳнатӣ ишғол мекунад.

Назарияи субъекти коллективиро як зумра олимони соҳаи ҳуқуқи меҳнат таҳлилу таҳқиқ намудаанд, аз ҷумла, О.А. Красавчиков [74], В.Д. Шахов [109], В.А. Масленников [82], А.И. Цепин [143] ва дигарон.

Кормандони ташкилот тавассути иттифоқҳои касаба ва мақомоти интихобии онҳо, ҳамчунин аз ҷониби мақомоти ҷамъиятии худфаъолиятие, ки бо қарори маҷлиси умумӣ ё конференсияи коллективи меҳнатӣ интихоб шудаанд, намояндагӣ карда мешаванд.

Ба ақидаи О.А. Красавчиков, “маҷлиси умумии кормандон ҳамчун субъекти коллективӣ дорои мақоми муайяни ҳуқуқӣ мебошад, ки мазмуни онро қобилияти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ) ташкил медиҳад” [74, с. 27].

Маҷлиси умумии кормандон ҳамчун субъекти ҳуқуқи меҳнат дар лаҳзаи ба кор қабул кардани на камтар аз ду ё зиёда кормандон қобилияти ҳуқуқдорӣ пайдо намуда, онҳо дар навбати худ метавонанд қарорҳои муайян қабул намоянд. Қобилҳуқуқии маҷлиси умумӣ дар ҳудуди ҳама гуна ташкилот новобаста аз шакли моликиятдорӣ дар сурате имконпазир аст, ки шумораи кормандон бинобар зиёд будани шумораи кормандон барои гузаронидани маҷлиси умумии воқеии кормандон имкон диҳад. Дар маҷлиси умумии (конференцияи) кормандон интихоб кардани вакилон, интихоб кардани мақоми намояндагии кормандон амалӣ мешавад.

Ба фикри мо, маҷлиси умумиро дар шароити муосир ҳамчун субъекти коллективии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд ҳисобидан мумкин аст, зеро ба ғайр аз субъектҳои асосии муносибатҳои меҳнатӣ, аз қабили корманд ва корфармо, субъектҳои коллективӣ, аз қабили намояндагони кормандон дар ташкилотҳо низ шоёни таваҷҷӯҳи махсус мебошанд.

Хусусияти танзими меҳнати кормандоне, ки аз ҷониби соҳибмулки шахси ҳуқуқӣ ё шахси ваколатдошта аз ҷониби ӯ ва ё мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ таъйиншуда (интихобшуда) ба кор ҷалб гардидаанд, на танҳо дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян ва муқаррар карда шудааст, масалан, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» [32] аз 5 марти соли 2007, № 237, «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» [42] аз 10 майи соли 2002, № 53 ва ғайра.

Масалан, тибқи сархати 3 қисми 2 моддаи 69 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», мақомоти иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ сараввал бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон таъсис дода мешавад, агар ҳалли ин масъала ба салоҳияти Шӯрои директорони (Шӯрои нозирони) ҷамъият мансуб дониста нашуда бошад.

Мутобиқи моддаи 70 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ» [41], ки дар он сухан дар бораи мақомоти дастаҷамъии ичроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) меравад, мақомоти дастаҷамъии ичроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) дар асоси оинномаи ҷамъияти саҳомӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои дохилии ҷамъияти саҳомӣ, ки Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ менамояд (низомнома, дастур ё дигар ҳуҷҷат) ва дар онҳо муҳлат ва тартиби даъват кардан ва гузаронидани маҷлисҳои онҳо, инчунин тартиби қабули қарор муқаррар мегарданд, амал мекунад.

Бар асоси оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ё дигар санадҳои дохилии он, кворум барои баргузории маҷлисҳои мақомоти дастаҷамъии иҷроия (раёсат, маъмурият) муайян гардида, набояд аз нисфи аъзоёни интихобгардидаи мақомоти дастаҷамъии иҷроия камтар бошад. Ин талабот барои таъмини қонуният, легитимӣ ва самаранокии қарорҳои қабулшудаи мақомот пешбинӣ шудааст. Дар ҳар як маҷлиси мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) протокол тартиб дода мешавад, ки таърих ва ҷараёни муҳокимаҳои баргузоршударо сабт менамояд. Протоколи маҷлис тибқи

дархости аъзоёни Шӯрои директорон (Шӯрои нозирон), Комиссияи тафтишотӣ (ревизор) ё аудитори ҷамъияти саҳомӣ ба онҳо пешниҳод карда мешавад, то шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ таъмин гардад. Баргузории маҷлисҳои мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) бо ташаббус ва роҳбарии шахсе сурат мегирад, ки вазифаҳои мақоми инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ, аз ҷумла директор ё директори генералиро иҷро мекунад. Ҳуқуқи овоздиҳӣ, ки ба узви мақомоти дастаҷамъии иҷроия мансуб аст, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ба шахси дигар, аз ҷумла ба узви дигари ҳамон мақомоти дастаҷамъии иҷроия, интиқол ё супорида шавад, зеро он хусусияти шахсӣ ва бевоситаи иштирок дар қабули қарорҳоро дорад. Ин меъёр барои таъмини масъулияти инфиродӣ ва шаффофият дар қабули қарорҳо зарур аст. Ин тартиботҳо, ҳамчунин, ба кафолати ҳамоҳангӣ ва қонуният дар фаъолияти мақомоти иҷроия, таъмини назорат ва масъулияти шахсони мансабдор ва ҳифзи манфиатҳои саҳомон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор равона шудаанд.

Маҷлиси умумии кормандон субъекти муносиби шарикии иҷтимоӣ барои соҳибкории хурду миёна мебошад, ки дар кишвари мо бартарият дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки маҷлиси умумии кормандон барои қонунгузории муосири меҳнати кишвари мо шакли қобили қабули иштироки кормандон дар шарикии иҷтимоӣ мебошад, зеро он як қатор афзалиятҳо ва бартариятҳоро соҳиб мебошад. Пеш аз ҳама, дар ҳар ташкилот маҷлиси умумии кормандон гузарондан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, маҷлиси умумӣ ҳамчун субъекти коллективии муносибатҳои меҳнатӣ бояд қонунан муайян ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мақоми ҳуқуқии он аниқу равшан муқаррар карда шавад, то ки кормандон ва корфармоён тавонанд ҳарчи бештар ва самараноктар муколама ва гуфтушунидҳои ба масъалаҳои иҷтиморо анҷом диҳанд.

Маҷлиси умумии кормандон ҳамчун субъекти воқеии коллективии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд,

имконият медиҳад, ки кафолатҳои асосии давлатӣ, ки ба амалӣ гардондани ҳуқуқҳои кормандон нигаронда шудаанд, дуруст муайян карда шаванд, ғайр аз ин, он метавонад дараҷаи шуури ҳуқуқии кормандонро баланд бардошта, ба инкишофи шарикии иҷтимоӣ дар асоси ҳамкории кормандон ва корфармоён такони нав бахшад.

Намояндагони кормандон дар шарикии иҷтимоӣ, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ва дигар намояндагони аз тарафи кормандон дар ҳолатҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида, интихобшуда мебошанд.

Масъалаҳои марбут ба иттифоқҳои касаба аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Л.С.Таль мавқеи иттифоқҳои касабаро таъкид карда, қайд менамояд, ки «ҳифзи коллективҳои меҳнатиро аз бесарусомонию беқонуниятӣ на тавассути қонунҳои махсус, на бо роҳи назорати маъмурӣ ва на бо роҳи инспексияҳои фабрикӣ имконпазир мебошад, зеро на ҳамаи воқеият дар ҳуҷҷатҳо инъикоси худро меёбанд, бинобар ин, ҳифзи манфиатҳои кормандон (мақомотҳои давлатиро аз ин дур накарда) масъала қабл аз ҳама ба худи кормандон, ки намояндагони онҳо иттифоқҳои касаба мебошанд ҳалли худро меёбанд» [100, с. 60].

Л.Я. Гинцбург иттифоқҳои касабаро ҳамчун звенои сохтории ташкилот, ки дар он паҳлӯи иҷтимоии он таҷассум ёфтааст, медонад [120, с. 58].

К.Д.Крылов қайд мекунад, ки хусусияти асосии иттифоқҳои касаба, ки онҳоро аз дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунад, ҳуқуқи онҳо ба намояндагӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоию меҳнатии кормандон мебошад [75, с. 5].

Т.Ю. Коршунова қайд мекунад, ки ба даст овардани манфиатҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касабаро аз иҷрои вазифаи бевоситаашон баҳри иҷрои онҳо ташкил карда шудаанд, яъне намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои кормандон дур карда метавонад [124, с. 8].

Ба андешаи З.Г. Дзуцев ин як далели эътирофи умум аст, ки иттифоқҳои касаба ҳамчун танзимгари иҷтимоӣ дар ҷомеа нақши муҳим доранд. “... самти асосии фаъолияти иттифоқҳои касаба бо мақсади асосии иттифоқҳои касаба ҳамчун иттиҳодияҳои ихтиёрии ҷамъиятии шаҳрвандон, ки бо манфиатҳои умумии истеҳсолӣ ва касбӣ аз рӯи намуди фаъолият алоқамандaнд, муайян карда мешаванд, ки бо мақсади намояндагӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таъсис ёфтаанд ва вазифаи ҳимоявӣ бояд аз ҳама вазифаҳои дигар ҷудо бошад, ин бо он тасдиқ карда мешавад, ки он аз дигар вазифаҳо диққати махсус дорад ва бо шаклҳои дигар равона карда мешавад” [152, с. 161-162].

О.В. Мацкевич қайд менамоянд, ки “агар кормандон аъзои иттифоқи касаба набошанд, онҳо ба ҳар ҳол ҳуқуқ доранд ба мақоми ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ваколат диҳад, ки манфиатҳои онҳоро дар муносибатҳо бо корфармо тибқи шартҳои муқаррарнамудаи ин ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, намояндагӣ намояд” [85, с. 113-114].

Ба гуфтаи Т.Ю. Коршунова, «мақомотҳои намояндагӣ, ки кормандон интихоб мекунанд, бештар нақши ёрирасон мебозанд ва ба иттифокҳои касабаи анъанавӣ ягон рақобат ташкил намекунанд» [124, с. 62].

Ба назари Д.С. Слюсарев “Чунин механизм, аввалан, ба кормандон ҳуқуқи мустақилона интихоб намудани шакли зарурии мақомоти намояндагӣ медиҳад, дуюм, масъалаи рақобатро дар намояндагии кормандон ҳал мекунад” [95].

Дар танзими фаъолияти иттифоқҳои касаба ҳамчун намояндагони кормандон дар шарикии иҷтимоӣ, нақши муҳимро меъёрҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ мебозанд.

Дар асоси меъёрҳои қонунгузории меҳнат, намояндагони манфиатҳои кормандон дар низоми шарикии иҷтимоӣ метавонанд танҳо чунин субъектҳоро дар бар гиранд:

а) иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои он ва дигар ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, ки дар оинномаҳои иттифоқҳои касабаи умумиҷумҳуриявӣ ва байниминтақавӣ пешбинӣ шудаанд;

б) дигар намояндагони кормандон, ки дар ҳолатҳои махсус ва пешбинишудаи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби худи кормандон интихоб мешаванд.

Ин меъёрҳо ба таъмини ҳуқуқ ва намояндагии қонунии кормандон дар музокироти коллективӣ ва дигар шаклҳои шарикии иҷтимоӣ равона шудаанд.

Исботи худро меъёри зикргардида дар қисми 2 моддаи 190 КМ ҶТ ёфтааст.

Меъёрҳои зикргардида хусусияти умумидошта, намояндагони манфиатҳои кормандонро барои ҳамаи шаклу сатҳҳои шарикии иҷтимоӣ муайян мекунад. Масалан, мутобиқи қисми 1 моддаи 319 КМ ҶТ, “мақомоти иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, ки мувофиқи оинномаҳояшон намояндаи ваколатдоранд, дигар намояндагони кормандон, ки маҷлиси (конференсияи) кормандон интихоб намудааст ва ваколатдор сохтааст, намояндагони кормандон мебошанд”[26].

Мутобиқи моддаи 306 КМ ҶТ, “қарор дар бораи зарурати дар ташкилот новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди фаъолияти он бастани шартномаи коллективиро, иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон ва корфармо қабул менамоянд” [26].

Дар баробари ин, КМ ҶТ мафҳуми иттифоқи касабаро муқаррар кардааст, ки ин иттифоқ ба муттаҳидсозии ҳамаи кормандон ё аксари онҳо равона шудааст ва дар ҳамон замон ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба низ ҷорӣ карда мешавад, ки вазифа ва мақоми махсуси ҳуқуқӣ дорад. Ин ба он мақсад аст, ки фаъолияти иттифоқҳо дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатии кормандон, иштироки фаъолона дар музокироти коллективӣ ва амалӣ намудани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба таври қонунисту шаффоф анҷом дода шавад. Ғайр аз ин, КМ ҶТ иттифоқҳои касабаро ҳамчун

субъекти ваколатдори намояндагӣ муқаррар мекунад, ки имконият доранд ҳуқуқ ва манфиатҳои коллективии кормандонро дар сатҳи ташкилот, соҳа ва давлат ҳимоя намоянд, дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои иҷтимоӣ ва дигар чорабиниҳои меъёрӣ ва ҷамъиятӣ фаъолона иштирок кунанд. Аз ин бармеояд, ки танҳо кумитаи иттифоқи касабаи намояндагии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба тибқи КМ ҶТ мақоми мақоми намояндагии ҳамаи кормандонро дар ташкилотҳо, сарфи назар аз мансубияти онҳо ба иттифоқҳои касаба мегирад. Ягон мақомоти дигари интихобшудаи намояндагии кормандон мақоми барои мақоми иттифоқи касаба муайяншударо надорад.

Тибқи банди бисту сеюми моддаи 1 КМ ҶТ, “иттифоқи касаба – ташкилоти ҷамъиятии ихтиёриест, ки шаҳрвандонро вобаста ба манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳояшон муттаҳид менамояд” [26].

Тибқи банди якуми моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» [34], ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02. 01. 2020, №1673 илова гардид, зери мафҳуми иттифоқи касаба “ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрие фаҳмида мешавад, ки шаҳрвандонро аз лиҳози манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзои худ муттаҳид менамояд” [43].

Фаъолияти мақомоти иттифоқҳои касаба ва органҳои худфаъолие, ки дар доираи муассисаҳо ва ташкилотҳо амал мекунанд, мутобиқи меъёрҳо ва тартиби муқарраргардида дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [39] муайян ва қатъ карда мешавад. Ба таври мушаххас, тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 33-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [39], фаъолияти чунин

мақомот метавонад тавассути қарори анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ, мутобиқ бо оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ё бо қарори суд манъ ва қатъ карда шавад, ки ин амалӣ намудани назорати ҳуқуқӣ ва кафолати риояи меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунии ташкилотро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, иттифоқҳои касаба дар доираи иҷрои уҳдадориҳои худ нисбат ба дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (шаҳрак ва деҳот), корхонаҳо ва ташкилотҳо ва баръакс, онҳо нисбат ба уҳдадориҳои иттифоқҳои касаба ҷавобгарӣ надошта, аз ӯҳдаи онҳо озоданд. Дар ҳамин замина, корфармоён ва дигар шахсони ваколатдор, ки ба фаъолияти қонунии мақомоти намояндагии кормандон дахолат карда, онро халалдор мегардонанд, боиси боздошту манъи фаъолияти онҳо мешаванд, ва тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки ин кафолати риояи ҳуқуқ ва мустақилии мақомотҳои намояндагии кормандонро таъмин менамояд. Ба таври мисол, моддаи 158 Кодекси ҷиноятии ҶТ "барои монеъ шудан ё дахолат ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба таври назаррас ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо халал мерасонад, ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрумият аз озодӣ ба муҳлати то се сол" [26]  муқаррар кардааст.

Тазаккур бояд дод, ки вазифаҳои корфармо дар назди мақомоти намояндагии кормандон, ки дар моддаи 294 КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд ба таври умумӣ дарҷ ёфтаанд. Ҳол он ки дар дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин уҳдадориҳои корфармо дар назди намояндагони кормандон нисбатан мушаххас ва пурратар муайян шудаанд, бахусус дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» (моддаи 11).

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" "иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон ҳуқуқ доранд дар таҳияи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ иштирок намоянд" [35].

Мақомоти идораи давлатӣ, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар доираи татбиқи сиёсати шуғл мунтазам машваратҳои муштарак доир менамоянд, ки натиҷаҳои он метавонад ба бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ замина фароҳам орад. Дар ин раванд, онҳо ҳамзамон тадбирҳои амалӣ барои нигоҳдорӣ ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ҳимояи кормандоне, ки аз кор озод шудаанд, ва меҳнаткашони ниёзманд ба ҳимояи иҷтимоӣ, инчунин иҷрои уҳдадориҳои дигар мақомоти идораи давлатӣ оид ба пешниҳод намудани маълумот дар бораи шароити иқтисодӣ ва молиявӣ ва амалӣ намудани сиёсати шуғли аҳолӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба манфиатҳои меҳнаткашон дар соҳаи шуғл фаро мегиранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба ҳайси намояндаи кормандон дар низоми шарикии иҷтимоӣ амал мекунад. Ҳамкории иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо (аз ҷумла иттифоқҳо ва ассосиатсияҳо) дар заминаи шарикии иҷтимоӣ, муносибатҳои ҳамкории тарафҳо ва намояндагони онҳо, ҳамчунин бо риояи шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ ба роҳ монда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2019 изҳор намуда буданд: “Мақсади асосии иттифоқҳои касаба муттаҳид намудани фаъолият ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзоёни иттифоқҳои касаба, кормандон ва аъзоёни оилаи онҳо мебошад” [113].

Дар роҳи ноил шудан ба ин дастовардҳо, иттифоқҳои касаба, ҳамроҳ бо сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, нақши муҳим мебозанд. Онҳо ҳамчун созмонҳои оммавии мардумӣ масъулияти фаъолият дар идоракунии ҷомеа, тарбияи кадрҳо, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёт ва таъмини адолати

иҷтимоиро бар дӯш доранд, ҳамзамон барои фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кормандон дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ тадбирҳои зарурӣро амалӣ мекунанд. Яъне, дар канори мақомоте, ки ваколатдори давлатӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон вазифаҳои қонунии худро ҳамчун ҳомии ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳли заҳмат иҷро менамояд. Иттифоқҳои касаба бояд бо тартиби муқарраргардида тавассути намояндагони ваколатдори худ дар кори ҳайатҳои мушовараи вазоратҳо ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия (ғайр аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ), инчунин дар ҷаласаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунии корхонаҳо фаъолона иштирок кунанд, то ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои меҳнатӣ дар сатҳҳои гуногуни давлату соҳа таъмин гардад.

Дар ҳамин замина, бояд тазаккур дод, ки иттифоқҳои касаба вазифадоранд манфиатҳои кормандони ташкилотро дар тамоми марҳилаҳои равандҳои меҳнатӣ ҳифз намоянд. Ин функсия аз таҳияи ва гузаронидани музокироти коллективӣ, бастан ва тағйир додани шартномаҳои коллективӣ то назорати қатъӣ аз болои иҷрои онҳо паҳн мешавад. Илова бар ин, иттифоқҳои касаба дар раванди татбиқи ҳуқуқи кормандон барои иштирок дар идоракунии ташкилот, баррасии баҳсҳои меҳнатӣ байни кормандон ва корфармо, ҳамчунин тавассути ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ё дигар намояндагони интихобшуда аз ҷониби кормандон, манфиатҳои онҳоро ба таври фаъол, қонунӣ ва муассир ҳимоя мекунанд. Ин раванд, аз нигоҳи систематикии низоми шарикии иҷтимоӣ, ҳамчун кафолати намояндагии ҳуқуқии кормандон ва воситаи асосии ҳифзи манфиатҳои онҳо арзёбӣ мегардад.

Ба ақидаи мо, барои амалӣ намудани ваколатҳои ташкилоти иттифоқи касаба мавҷудияти дигар мақоми намояндагии кормандон низ наметавонад монеъ бошад, чунки моддаи 166 КМ ҶТ имконияти ба корманд муқаррар

намудани кафолатҳо барои иҷрои уҳдадориҳои ба манфиати кормандони ташкилот равонашударо пешбинӣ намудааст, бинобар ин, ҳангоми бастани шартномаи коллективӣ, тарафҳои он бояд ин масъаларо ҳамаҷониба омӯхта, мувофиқи фикри ҳар як аъзои коллективи меҳнатӣ, мақомоти намояндагии кормандон, шарту шароити меҳнат ва вазъи иқтисодии ташкилотро ба инобат гиранд.

Ҳамин тариқ, тарафҳои шарикии иҷтимоиро вобаста ба шаклҳои шарикии иҷтимоӣ гуногуншакл муайян кардан мумкин аст.

Тарафҳои муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, ки кормандон ва корфармоён мебошанд, дар раванди шарикии иҷтимоӣ тавассути намояндагони худ иштирок мекунанд. Намояндагони кормандон бошанд, инҳо мебошанд: иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, дигар ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, ки дар Оинномаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ё дигар намояндагоне, ки аз ҷониби кормандон дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМ ҶТ интихоб шудаанд.

Дар Оинномаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон чунин дарҷ гардидааст: «Иттифоқҳои касаба кӯшиш менамоянд, ки ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар шаҳрвандро бидуни мансубияти он ба миллат ва дин, ба меҳнат, озодии интихоби касбу кор, шароити одилонаи меҳнат ва манфиатҳои бекорон ҳифз шаванд, низоми иҷтимоии одилонаи музди меҳнат ва шароити кор татбиқ шавад, риояи қонунҳои меҳнат, қоидаву меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва муҳити зист таъмин шавад, замина ва маблағ барои беҳдошти сиҳатии кормандон, аъзои оилаи онҳо, инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба вуҷуд оварда шавад, созишномаю шартномаҳои коллективӣ баста шаванд ва иҷрои онҳо таҳти назорат қарор гирад» [142].

Вобаста ба ин, мо чунин мешуморем, ки ҳуқуқи умумии иттифоқҳои касаба, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоию меҳнатии кормандон мебошад. Ин аз мақсади иттифоқҳои касаба ҳамчун ташкилоте бармеояд, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон даъват карда шудааст.

Дигари ҳуқуқи умумии иттифоқҳои касаба, ки бо ҳуқуқи муҳофизат зич алоқаманд аст, ин ҳуқуқи ифода намудани манфиатҳои кормандон мебошад. Бе ҳуқуқи намояндагӣ, ҳуқуқи иттифоқҳои касаба ба ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон муваффақ буда наметавонад. Ҳуқуқи намояндагӣ натиҷаи аз ҷониби давлат эътироф шудани ҳуқуқи иттифоқҳои касаба барои ҳифзи ҳуқуқи меҳнатии кормандон мебошад. Доираи субъектҳоеро, ки иттифоқҳои касаба дар муносибатҳо бо онҳо манфиатҳои кормандонро ифода мекунанд, қонун маҳдуд намекунад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқи намояндагии манфиатҳои кормандон дар муносибатҳо бо корфармоён, дақиқ муайян кардани доираи намояндагони қонунӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо буда, шарти муҳимтарини таъмини ҳифзи воқеии манфиатҳои кормандон дар соҳаи меҳнатро дар бар мегирад.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар канори иттифоқҳои касаба манфиатҳои кормандони ташкилотро мақомотҳои ҷамъиятии худфаъолиятӣ низ намояндагӣ менамоянд, ки онҳоро маҷлиси умумӣ ё конференсияи коллективи меҳнатӣ интихоб намуда, бо ваколат таъмин мекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми Шӯрои коллективи меҳнатӣ бо мазмуни зайл илова карда шавад: “Шӯрои коллективи меҳнатӣ мақоми ихтиёрии намояндагии кормандони ташкилот буда, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон ташкил карда мешавад”.

Мутобиқи моддаи 291-и Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони кормандон дар ташкилот нақши калидӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои коллективии кормандон доранд ва фаъолияти онҳо тамоми марҳилаҳои равандҳои меҳнатиро фаро мегирад. Ҳуқуқҳои намояндагон инҳоро дар бар мегиранд: гузаронидани гуфтушунидҳои коллективӣ, бастан ва тағйир додани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии дохилии меҳнатӣ ва пешниҳоди лоиҳаҳои он ба корфармо; иштирок дар баррасии масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ташкилот, ки

ба беҳбудии фаъолияти коллектив ва муҳити кор равона шудаанд, ҳамзамон назорат аз болои риояи қонунҳо, шартномаҳои меҳнатӣ ва созишномаҳои коллективӣ, то иҷрои онҳо ба таври комил таъмин гардад. Илова бар ин, намояндагон вазифадоранд, ки манфиатҳои кормандонро дар мақомоти баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ҳимоя намоянд ва дар ҳолатҳои поймол гардидани ҳуқуқҳои онҳо шикоят ба суд пешниҳод кунанд. Ҳамзамон, онҳо ҳуқуқ доранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корпартоӣ эълон кунанд ва дигар амалҳои қонуниро дар доираи вазифаҳои намояндагӣ амалӣ намоянд. Ин меъёрҳо на танҳо барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон, балки барои таъмини равандҳои демократӣ ва шаффоф дар идоракунии ташкилот, ҳамоҳангсозии муносибатҳои меҳнатӣ ва рушди низоми устувори шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим мебозанд. Таваҷҷуҳи намояндагони кормандон ба иҷрои вазифаҳои худ кафолат медиҳад, ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳли заҳмат ҳифз шуда, имкониятҳои фаъоли иштирок дар идоракунии ташкилот ва таҳкими ҳамкорӣ бо корфармо ва мақомоти давлатӣ таъмин гарданд.

Ҳамаи намояндагони ваколатдоршудаи кормандон ҳуқуқҳои баробар доранд.

Мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 292 КМ ҶТ, “дахолат ба фаъолияти қонунии намояндагони кормандон дар кадом шакле, ки зоҳир нагардад, манъ аст ва ба қатъ намудани фаъолияти намояндагони кормандон бо ташаббуси корфармо ва ё шахсони ваколатдори ӯ роҳ дода намешавад” [26].

Мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», “корфармо вазифадор аст оид ба муҳайё намудани шароити муносиб барои фаъолияти иттифоқҳои касаба дар корхона мусоидат намояд” (қ.1) [34]. Нақши назаррасро дар мукаммал ва мушаххасгардонии ӯҳдадориҳои корфармо дар назди мақомоти намояндагии кормандон, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ мебозанд. Масалан, қонунгузорӣ ҳамчунин аз ҷониби корфармо бо бино ва таҷҳизоти корӣ,

воситаи нақлиёт ва дигар шароитҳои зарурии корӣ таъмин намудани намояндагони кормандонро ба созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ҳавола намудааст (қ.2) [34].

Пардохти ҳаққи узвият ба иттифоқи касаба барои кормандон танҳо бо розигии хаттии онҳо сурат мегирад ва ҳар моҳ аз музди меҳнати аъзои иттифоқ тибқи тартиби муқаррарнамудаи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба суратҳисоби иттифоқи касаба интиқол дода мешавад. Ин раванд кафолат медиҳад, ки иштирок дар иттифоқҳои касаба ихтиёрӣ ва шаффофона буда, ҳуқуқи молиявии кормандон ҳифз мегардад. Мутобиқи моддаи 294 КМ ҶТ намояндагони кормандон дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои намояндагӣ аз ҳар гуна таъқиб ва фишор аз ҷониби корфармо ҳимоя мешаванд, ки ин кафолат шарти асосии амалкунӣ ва мустақилияти фаъолияти намояндагӣ мебошад. Қонунгузорӣ, ҳамзамон, кафолатҳои иловагӣ барои кормандоне, ки узви мақомоти намояндагии кормандон ҳастанд, муқаррар намудааст. Масалан, кормандоне, ки дар давраи фаъолияти намояндагӣ аз иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ канор мераванд, пас аз анҷоми ваколатҳои интихобӣ ҷои кори пештараашон нигоҳ дошта мешавад. Дар ҳолатҳои номумкин, иттифоқи касаба вазифадор аст, ки кормандонро бо ҷойи кор ва вазифае, ки ба онҳо баробар аст, дар ҳамон ташкилот таъмин намояд. Дар ҳолати барҳам дода шудани ташкилот ё ғайримумкин будани пешниҳоди ҷойи кор, иттифоқи касаба уҳдадор аст, ки музди миёнаи меҳнати кормандонро барои тамоми давраи бекорӣ, вале на бештар аз шаш моҳ, ё барои давраи таҳсил ва азнавкасбомӯзӣ таъмин намояд. Илова бар ин, тибқи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», кормандоне, ки ба ҳайати мақомоти иттифоқи касаба интихоб шудаанд ва аз иҷрои вазифаҳои асосӣ озод нашудаанд, ҳуқуқ ва кафолатҳои махсусро соҳиб мегарданд, аз ҷумла: татбиқи муҷозоти интизомӣ нисбати онҳо бе ризоияти пешакии мақомотҳои дахлдори иттифоқи касаба манъ аст; озодкунии онҳо аз кор бе ризоияти пешакии мақомотҳои иттифоқ манъ мебошад; иштирок дар

анҷуманҳо ва конференсияҳои иттифоқи касаба ҳамчун вакил бо пардохти музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои иттифоқ кафолат дода шудааст. Ин меъёрҳо на танҳо ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандонро таъмин мекунанд, балки фаъолияти мустақил ва самараноки иттифоқҳои касабаро дар низоми шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ таҳким мебахшанд, ки барои рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодии ташкилотҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои аҳли заҳмат аҳамияти калидӣ доранд.

**2. Намояндагони корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ**

Дар давраи кунунии ташаккули иқтисоди бозорӣ дар мамлакат, шарикии иҷтимоӣ боз ҳам ривоҷу равнақ ёфта, инкишоф ва такмили минбаъдаи низоми ҳифзи манфиатҳои ҳамаи иштироккунандагони муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ҳамоҳангӣ ва мувозинати мафиати онҳо, аз ҷумла пурзур намудани вазъи ҳуқуқии намояндагони корфармоёнро тақозо мекунад.

Месазад, қабл аз он ки иштироки намояндагони корфармоёнро дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем, истилоҳи худи “корфармо”-ро баррасӣ намоем.

Мутобиқи сархати сиюпанҷуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ, “корфармо – шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои он, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахси воқеие мебошад, ки тибқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бо корманд бастан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатиро доранд” [26]. Айнан чунин мафҳум дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» низ пешбинӣ шудааст.

Корфармоёнро дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ намояндагони онҳо муаррифӣ менамоянд, ки ба сифати онҳо иттиҳодияҳои дахлдори корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд.

Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи оғози ислоҳоти муносибатҳои бозоргонӣ дар Тоҷикистон ташкил ёфт. Дар замони шӯравӣ (ИҶШС) ба ин гуна иттиҳодияҳо зарурат набуд, зеро худи давлат

иқтисодиётро комилан назорат мекард. Хар як корхона тобеи як вазорат ё идора буд ва роҳбариро кормандони вазорат ва мақомотҳои партиявӣ ба ҷо меоварданд. Корхонаҳо ягон қарори мустақилона қабул карда наметавонистанд.

17 майи соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» қабул карда шуд, ки мавзуи танзими он “муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми татбиқи ҳуқуқи корфармоён барои таъсиси иттиҳодияҳо ба мақсади муаррифи ва ҳимояи манфиату ҳуқуқҳои худ дар рафти танзими шартномавии муносибатҳои иҷтимоию меҳнати пайдо мешаванд”[38]. Дар моддаи 5 Қонун омадааст, ки “фаъолияти иттиҳодияи корфармоён дар асоси принсипи ихтиёран дохил шудан ва аз он баромадани корфармоён ва (ё) иттиҳодияҳои онҳо ба амал бароварда мешавад” [38].

Соли 2006 дар конфронси ҷумҳуриявии муассисон, Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Феълан ба он ба сифати аъзо ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттидодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохиланд. Иттиҳодия дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ буда, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои корфармоён ва фаъолияти муштараки онҳо, ки ба татбиқи ислоҳот дар муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию меҳнатӣ нигаронида шудааст, дар натиҷаи ихтиёран муттаҳид шудани онҳо таъсис дода мешавад. Иттиҳодия дар фаъолияти худ ҳадафҳои сиёсиро пайгирӣ намекунад.

Чи тавре зикр гардид, намояндагии корфармоёнро иттиҳодияҳои корфармоён ба амал мебароранд. Иттиҳодияҳои корфармоён, ташкилотҳои ғайритиҷоратие мебошанд, ки аз ҷониби корфармоён баҳри намояндагӣ ва ҳифз намудани манфиатҳои аъзоёнашон дар бахши шарикии иҷтимоӣ созмон дода мешаванд.

Мутобиқи банди бистучоруми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ, “иттиҳодияи корфармоён – ташкилоти ғайритиҷоратиест, ки корфармоён ихтиёрона барои намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои аъзои худ дар доираи шарикии иҷтимоӣ

таъсис медиҳанд” [26]. Айнан чунин мафҳум дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи моддаи 9-и қонуни мазкур иттиҳодияҳои корфармоён дар асоси қарори муассисон ташкил карда мешаванд.

Муассисони иттиҳодияи корфармоён на кам аз се корфармо ё се иттиҳодияи корфармоён шуда метавонанд.

Дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои корфармоён ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқи мебошад, ки дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии ҳуқуқӣ мебошанд.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, қобилҳуқуқии иттиҳодияҳои корфармоён аз замони шӯравӣ то имрӯз истифода мешаванд.

Е.А. Агеева. зикр намудааст, ки “омӯзиши масъалаи қобилҳуқуқии иттиҳодияҳои корфармоён ҳанӯз дар замони шӯравӣ дар илм шурӯъ шуда буд, аммо қобилсубъекти муносибатҳои меҳнатӣ будан, бо ҳуқуқи ташкилот оид ба кор қабул намудан, инчунин ҳуқуқҳои вобаста ба он (фонди музди меҳнат, суратҳисоби алоҳидаи бонкӣ, тавозуни мустақил) алоқаманд буд” [58, с. 78].

Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев) қайд менамояд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ вобаста ба мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинигардида, муайян мешаванд. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи таъсиси он ба миён омада, дар лаҳзаи барҳам додани он қатъ мегардад. Шахси ҳуқуқӣ дар мақомоти адлия ба қайд гирифта мешавад [98, с. 379-385].

Н. Шонасридинов зикр намудааст, ки “корфармо ҳамчун субъекти муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ бояд дорои қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатӣ бошад.

Қобилияти субъектҳуқуқии ташкилот ҳамчун субъекти муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ, аниқтараш ҳамчун корфармо аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифтани он, қобилияти субъектҳуқуқии шахси воқеӣ ҳамчун корфармо бошад, аз лаҳзаи ба сифати соҳибкори фардӣ ба қайд гирифтани ӯ ба вуҷуд меояд” [111, с. 36].

Мутобиқи қисми сеюми моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён», қобилҳуқуқии иттиҳодияи корфармоён ба сифати шахси ҳуқуқи аз лаҳзаи қайди давлатии он бо тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" пешбини намудааст, ба вуҷуд меояд.

Қобилҳуқуқии иттиҳодияи корфармоён ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи қайди давлатии он бо тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [45] пешбинӣ намудааст, ба вуҷуд меояд (м. 9 ҚҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён») [38].

Ҳадафи асосии Иттиҳодия дар он ифода меёбад, ки манфиатҳои тамоми корфармоёни мамлакатро дар доираи Комиссияи сеҷонибаи ҷумҳуриявӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва меҳнатиро фаро мегирад. Ҳамзамон, Иттиҳодия вазифадор мебошад, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди соҳибкорӣ ва рушди фаъолияти иқтисодӣ тадбирҳои зарурииро роҳандозӣ намуда, фаъолияти соҳибкорииро тақвият бахшад, сиёсати иҷтимоиро таҳким диҳад ва сохторҳои иҷтимоиро бозсозӣ намояд.

Иқтидори Иттиҳодия, инчунин дар барқарор кардани робита бо мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва дигар ҷонибҳои манфиатдор мебошад.

Корфармоён дар ташкили ҷойҳои корӣ, истеҳсол ва афзун намудани сарвати миллӣ, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва меҳнат нақши асосиро мебозанд. Ташкилотҳои тавоно ва мустақили корфармоён, ки мувофиқи принсипҳои ТБМ оид ба озодии иттиҳодияҳо таъсис ва фаъолият мекунанд, дар раванди муколамаи иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои меҳнат ва иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд.

Иттиҳодияҳои корфармоён ҳамзамон барои фароҳам овардани муҳити мусоид ба рушди соҳибкории муваффақ ва афзоиши самаранокии иқтисодӣ фаъолият менамоянд. Онҳо ин вазифаро тавассути таъсир расонидан ба

муҳити фаъолият барои соҳибкорон ва пешниҳоди хидматҳое, ки ба муваффақияти тиҷорат ва рушди корхонаҳои онҳо кӯмак мерасонанд, амалӣ мекунанд. Ин раванд на танҳо рушди соҳибкориро тақвият мебахшад, балки ба беҳтар гардидани самаранокии иқтисодӣ ва устувории соҳа низ мусоидат мекунад.

Дар назди Иттиҳодия вазифа меистад, ки корхонаҳоро аз ҷиҳати стратегӣ тараққӣ дода, базаи аъзогии худро васеъ намуда, дар айни замон иқтидори худро мустаҳкам намояд, то ки дар баробари ҳукумат ва иттифоқҳои касаба дар таҳияи сиёсати меҳнатӣ ва иҷтимоӣ иштирок намояд. Барои ин, ба онҳо зарур аст, ки сифати хизматрасонии мавҷударо ба аъзоён беҳтар намуда, ба онҳо хизматҳои нав расонанд, иқтидори касбиро аз рӯи доираи васеи масъалаҳои соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ баланд бардоранд.

Ғояҳои асосии иттиҳодияҳои корфармоён аз он иборат мебошад, ки корфармоён бояд дар муҳокима ва қабули қарор оид ба масъалаҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ фаъолона ширкат варзида, ин масъалаҳо бевосита ба манфиати онҳо, инчунин ба манфиати кормандони онҳо дахл дорад.

Мутобиқи моддаи 295 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корфармоён ҳуқуқ доранд, дар иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муттаҳид гарданд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии корфармоён ҳамчун субъектҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ таъсис ёфта, фаъолияти худро амалӣ менамоянд ва мақсади асосии онҳо мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт ва ташаббуси соҳибкорӣ мебошад. Ҳамзамон, ин иттиҳодияҳо бо истифодаи механизми ифодаи манфиатҳои ташкилотҳо ва моликони молу мулк, ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо дар соҳаи муносибатҳои хоҷагӣ ва меҳнатӣ дар сатҳи мақомоти давлатӣ ва дар ҳамкории мустақим бо намояндагони кормандон, амалӣ намудани принсипҳои шарикии иҷтимоиро таъмин менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки меъёри зикргардида ба КМ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2022, №1897 ворид карда шуд.

Иттиҳодияҳои корфармоён ҳамчун шакли институтсионалии иштироки корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ баромад менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосиро Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон мебозад, ки манфиатҳои корфармоёнро дар комиссияҳои сегона, музокироти коллективӣ ва бастани Созишномаи генералӣ намояндагӣ мекунад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки мавҷудияти иттиҳодияҳои устувор ва мустақили корфармоён яке аз омилҳои муҳими рушди муколамаи иҷтимоӣ ва сиёсати самараноки меҳнат мебошад[101].

Корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ тавассути шаклҳои зайл иштирок менамоянд: иштирок дар фаъолияти комиссияҳои сегонаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ; гузаронидани музокироти коллективӣ бо иттифоқҳои касаба; бастан ва татбиқи шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ; назорат ва мониторинги иҷрои уҳдадориҳои қабулшуда.

Шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ дар илми ҳуқуқи меҳнат ҳамчун сарчашмаҳои муҳими танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ арзёбӣ гардида, имкон медиҳанд хусусиятҳои соҳавӣ ва ташкилотҳо ба эътибор гирифта шаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми муассири пешгирии баҳсҳои меҳнатӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, як қатор олимон ба сатҳи пасти иштироки корфармоён, бахусус субъектҳои соҳибкории хурду миёна, дар равандҳои муколамаи иҷтимоӣ ишора мекунанд [159].

Ба назари муҳаққиқон, омили асосии ин вазъ нокифоя будани танзими меъёрии ҳуқуқӣ, надоштани иқтидори зарурии институтсионалии иттиҳодияҳои корфармоён ва сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии корфармоён мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» дар маҷмуъ барои фаъолияти ин иттиҳодияҳо заминаи мусоид гузошта, принсипҳои умумии ин самтро муқаррар намудааст, аммо механизмҳои самаранокро барои таъмини намояндагии воқеии ин иттиҳодияҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ эҷод намекунад. Омили мазкур ба тавлиди шумораи зиёди иттиҳодияҳои корфармоёни иқтидорашон паст имкон додааст, ки дар амалия чунин иттиҳодияҳо метавонанд дар шарикии иҷтимоӣ ҷониби корфармоёни як соҳаи калонро намояндагӣ карда бошанд. Чунин иттиҳодияҳо дар асл масъулияти ҷониби корфармоёнро тибқи созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ иҷро карда наметавонанд. Ба назари мо зарур аст, ки барои интихоби намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ дар сатҳои соҳавӣ ва минтақавӣ аз меъёрҳои «иттиҳодияи намояндаи аксарият» кор гирифта шавад. Чунин меъёри миқдорӣ ва сифатии намояндагӣ бояд бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён” муқаррар карда шавад. Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шарикии иҷтимоӣ низ зарурати ворид намудани чунин меъёрҳо ногузир аст. Бо назардошти ин шумораи умумии кормандони ташкилотҳои аъзои иттиҳодия, фарогирии минтақаҳо, соҳаҳои фаъолият, таҷрибаи иштирок дар музокиротҳо ба сифати меъёрҳои интихоби иттиҳодияҳо ҳамчун намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ин имкон медиҳад, ки доираи муайяни ташкилотҳое, ки ҳаққи интихобии овоздиҳӣ ва имзои созишномаҳоро дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ доранд, муайян карда шавад.

Ба андешаи мо, вақти он фаро расидааст, ки таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат бо таври ҳатмӣ бо корфармоён машварат карда шавад. Чунин шарт бояд мунтаззам ва мутаасил бошад. Ин тартибро метавон бо Дастури кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ворид намудани меъёрҳои дахлдор ба он ҷорӣ намуд. Дар баробари ин, муҳим аст то мақоми институти “созишномаҳои сеҷонибаи шарикии иҷтимоӣ” баланд бардошта

шавад ва меъёру шартҳои дар онҳо муқарраркарда набояд бо санадҳои сатҳи поёнии шарикии иҷтимоӣ, аз ҷумла созишномаҳои дуҷониба ва шартномаҳои коллективӣ истисно шаванд. Чунин талабот ва оқибати риоя накардани онро бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муқаррар намуд. Ин метавонад ба санадҳои шарикии иҷтимоӣ ва аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии он мақоми воқеӣ бахшад ва масъулияти иштироки иттиҳодияҳои корфармоёнро дар музокиротҳо баланд бардорад.

Дар робита ба ин, ҳамчунин зарур шуморида мешавад, ки масъулиятҳои иловагӣ (ҷавобгариҳо) барои иҷро накардани созишномаҳо ва шартномаҳо аз ҷониби корфармоён, аз қабили ҷаримаҳо, маҳдуд кардани дастрасӣ ба харидҳои давлатӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд.

Аз ҷониби дигар содда кардани тартиби ташкили мақомоти ягонаи намояндагии кормандон, бахусус барои ташкилотҳои хурд, ки таъсиси иттифоқи касаба дар онҳо имкон надорад, шаклҳои алтернативии намояндагӣ масалан, маҷлиси гурӯҳи меҳнатӣ, шӯрои интихобшаванда дар қонунгузорӣ ба таври расмӣ мустаҳкам карда шавад. Ин тартиби гузаронидани музокиротро бо корфармо дар сатҳи ташкилот осон мекунад. Мушкилоти дигар таъмин нашудани шаффофият дар фаъолияти иттиҳодияҳои корфармоён аст. Фаъолияти бисёре аз иттиҳодияҳо барои аъзоҳояшон ва ҷомеа номаълум аст, ки боварии ба онҳоро коҳиш медиҳад. Бинобар ин салоҳ мешуморем, ки тавассути қонун иттиҳодияҳоеро, ки намояндагӣ аз аксарияти корфармоёни як соҳа ва ё минтақаро ба уҳда доранд, ҳар сол аз натиҷаи фаъолияташон вобаста бо шарикии иҷтимоӣ дар манбаҳои кушод ва дастрас ҳисобот нашр намоянд. Чунин ҳисоботҳо бояд теъдоди корхонаҳои аъзои иттиҳодия ва шумораи кормандони онҳоро дар бар гирад.

Омузиши масъалаи мазкур ошкор намуд, ки қонунгузории миллӣ ҳануз ҳам ба принсипҳо ва стандартҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат аз ҷумла Конвенсияи ТБМ “Оид ба машваратҳои сеҷониба барои мусоидат ба татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат” (№144, соли 1976)  пурра мутобиқ

нашудааст, ки ин ҳолат омузиши меъёрҳои қонунгузории меҳнат ва ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба он тақозо мекунад. Ба назари мо зарур аст, ки масъалаи аз ҷониби Тоҷикистон тасдиқ намудани Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат №154 “Дар бораи мусоидат ба музокироти коллективӣ” баррасӣ карда шавад. Тасдиқи ин Конвенсия чорчӯбаи иловагии ҳуқуқии байналмилалиро эҷод мекунад, ки субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва мақомоти давлатиро барои инкишофи фаъоли институти шарикии иҷтимоӣ вазифадор менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқи мавзуи мазкур нишон медиҳанд, ки корфармоён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз субъектҳои асосии шарикии иҷтимоӣ буда, нақши онҳо дар танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ҳалкунанда мебошад. Иштироки фаъоли корфармоён дар музокироти иҷтимоӣ ба таъмини тавозуни манфиатҳои тарафҳо ва суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Новобаста аз ин, таҷрибаи амалии татбиқи қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки сатҳи иштироки корфармоён дар низоми шарикии иҷтимоӣ то ҳол қонеъкунанда нест ва барои таҳкими заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии он ва таҳия ва татбиқи механизмҳои самараноктар барои ҳамкорӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ ниёз ба такмил ва рушди минбаъда вуҷуд дорад.

**Аз натиҷаи таҳлили мавзуи мазкур хулоса ва пешниҳоди зерин манзур мегарданд:**

1. Таҳқиқот нишон дод, ки намояндагони кормандон дар низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дошта, ҳамчун ниҳоди асосии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии кормандони кироя баромад мекунанд. Иштироки онҳо дар музокироти коллективӣ, бастани созишномаҳо ва шартномаҳо, инчунин дар фаъолияти мақомоти сеҷониба ба мувофиқа расидани манфиатҳои тарафҳо ва пешгирии баҳсҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, имконияту иқтидори намояндагони кормандон ба таври пурра истифода намешавад, ки ин ҳолат ба нокифоя будани устувории ташкилӣ, маҳдуд будани захираҳо ва сатҳи пасти огоҳии

ҳуқуқии кормандон вобаста аст. Вобаста ба ин, мувофиқи мақсад аст, ки мақоми ҳуқуқӣ ва институтсионалии намояндагони кормандон таҳким дода шавад, иштироки онҳо дар равандҳои таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ васеъ гардонида шавад, ҳамчунин дастгирии мунтазами давлатӣ дар самти омӯзиш ва баланд бардоштани ихтисос ва малакаи кадрҳои иттифоқҳои касаба таъмин карда шавад. Амалӣ намудани чунин тадбирҳо ба баланд бардоштани самаранокии шарикии иҷтимоӣ, таҳкими муколамаи байни меҳнат ва сармоя, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳли заҳмат, ва рушди устувори муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи қавӣ фароҳам хоҳад овард.

2. Ҳамоно мавқеи иттифоқҳои касаба ҳам дар бозори меҳнат ва ҳам дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат бояд баланд бардошта шавад, ки ин барои ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланди сатҳи иҷтимоии аҳолӣ имконият медиҳад.

3. Дар ҷараёни иҷрои ваколатҳои коллективи меҳнатии ташкилот, Шӯрои коллективи меҳнатӣ, ки аз ҷониби маҷлиси умумӣ ё конференсияи коллективи меҳнатӣ интихоб гардида ва дар назди он ҳисобот медиҳад, нақши калидӣ мебозад. Ҳуқуқу вазифаҳо ва ваколатҳои Шӯрои коллективи меҳнатӣ тавассути низомнома ва дигар санадҳои меъёрии дохилии ташкилот муайян ва тартиб дода мешаванд, ки амалӣ намудани онҳо ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон дар сатҳи ташкилот мусоидат менамояд. Мақомоти зикршуда ҳуқуқ дорад тамоми масъалаҳои ба манфиати коллективи меҳнатӣ дахлдорро ҳаллу фасл менамояд, ғайр аз масъалаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо ваколати истисноии маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатӣ мебошад. Бо назардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми Шӯрои коллективи меҳнатӣ бо мазмуни зайл илова карда шавад: “Шӯрои коллективи меҳнатӣ мақоми ихтиёрии намояндагии кормандони ташкилот буда, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон ташкил

карда мешавад”.

4. Намояндагони корфармоён яке аз субъектҳои калидии низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравацд. Иштироки онҳо дар музокироти коллективӣ, таҳия ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, инчунин дар фаъолияти мақомоти сеҷонибаи муколамаи иҷтимоӣ ба ташаккули муносибатҳои мутавозини иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва рушди устувори иқтисод мусоидат менамояд. Намояндагони корфармоён манфиатҳои соҳибкориро ифода ва ҳифз намуда, робитаи байни ҳадафҳои иқтисодии ташкилотҳо ва ӯҳдадориҳои иҷтимоии онҳо нисбат ба кормандонро таъмин месозанд.

5. Ҳамзамон, самаранокии иштироки намояндагони корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ бо як қатор омилҳо маҳдуд мегардад, аз ҷумла нокифоя будани ҳамгироии иттиҳодияҳои корфармоён, нобаробар будани сатҳи фаъолият дар сатҳҳои соҳавӣ ва минтақавӣ, инчунин камтаҷрибагии онҳо дар соҳаи танзими шартномавию коллективӣ. Дар ин замина, мувофиқи мақсад аст, ки иқтидори институтсионии иттиҳодияҳои корфармоён таҳким бахшида шуда, иштироки онҳо дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии иҷтимоӣ-меҳнатӣ густариш ёбад, инчунин механизмҳои омӯзиш ва дастгирии машваратӣ дар соҳаи муколамаи иҷтимоӣ рушд дода шаванд. Татбиқи ин пешниҳодҳо ба баланд бардоштани масъулияти корфармоён, таҳкими боварӣ байни шарикони иҷтимоӣ ва афзоиши самаранокии умумии низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд.

### 3.4. Таҳаввули нақши субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонӣ ва платформаҳои меҳнат

Дар бахшҳои қаблии диссертатсия мо чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва амалияҳои шарикии иҷтимоиро дар сатҳҳои миллӣ, соҳавӣ, ҳудудӣ ва локалӣ баррасӣ карда, хусусиятҳои хоси модели миллии онро муайян намудем. Дар зербоби мазкур мо кушиш менамоем, ки хусусияти ҳуқуқӣ, вазифаҳои асосӣ ва нақшҳои субъектҳои асосӣ: давлат, иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои

касабаро дар шароити гузариш ба рақамикунонии соҳаи меҳнат таҳқиқ намоем. Таваҷҷӯҳи махсус ба мушкилоти кунунии марбут ба табдили рақамии соҳаи меҳнат равона карда мешавад. Вазифаҳои таҳқиқотӣ дар ин бахш аз баровардани хулосаҳо дар бораи зарурати рафъи номутавозинии институтсионалӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои мутобиқ кардани нақшҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ба шароити нави иқтисоди рақамӣ барои таъмини рушди устувор ва суботи иҷтимоӣ иборат аст.

Тавре ки қаблан қайд карда шуд, шарикии иҷтимоӣ як низоми ташаккулёфтаи ҳамкории байни кормандон, корфармоён ва мақомоти давлатӣ буда, барои ҳамоҳангсозии манфиатҳо, пешгирӣ ва ҳаллу фасли низоъҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнат маҳсуб мешавад. Низоми мазкур бахусус, дар шароити иқтисоди тағйирёбандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо динамикаи баланди таҳаввулот, бо суръат зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатӣ ва зарурати навсозии истеҳсолот тавсиф меёбад, аҳамияти махсус пайдо мекунад ва ба таҳкими муносибатҳои устувори меҳнатӣ, пешбурди рушди иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аҳли заҳмат мусоидат менамояд. Он на танҳо ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқи кормандон, балки ҳамчун омили суботи иҷтимоию иқтисодӣ, балки ба афзоиши сармоягузорӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои иқтисод хизмат мекунад.

Табдили рақамии иқтисоди ҷаҳонӣ муҳити муносибатҳои меҳнатиро ба таври куллӣ тағйир дода, шаклҳои нави ташкили меҳнат ва шуғлро ба вуҷуд оварда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба занҷираҳои глобалии арзиш саъй дорад, низ таҳти таъсири ин раванд қарор мегирад. Рақамикунонӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва чандирии меҳнат имконият фароҳам меорад, бо дараназардошти ин хавфҳои ҷиддии иҷтимоӣ-меҳнатиро ба миён меорад, аз ҷумла: аз доираи танзими ҳуқуқи берун мондани меҳнат, коҳишёбии сатҳи таъмини кафолатҳои меҳнатӣ ва номуайянии ҳудуди вақти корӣ ва истироҳат. Аллакай аввалин чолишҳо аз истифодаи барномаҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи

муносибатҳои меҳнатӣ ба назар мерасанд. Мисоли рушани он шикояти ронандагони ширкатҳои мусофирбар (таксӣ) дар шаҳрҳо мебошад, ки танзими меҳнати онҳо тавассути барномаҳои махсуси зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шудааст. Дар барномаҳои танзимкунандаи меҳнатӣ ин гуруҳи кормандон баинобатгирии ҳолатҳои узрноки ҳозиршавӣ дар корро, мисол бинобар беморӣ ва дигар ҳолатҳо, инчунин танзими дурусти вақти истироҳати онҳо истисно карда шудааст.

Дар чунин шароит низоми анъанавии шарикии иҷтимоӣ, ки бар модели сеҷонибаи ҳамкории давлат, иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба асос ёфтааст, бо зарурати мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав рӯ ба рӯ мегардад. Аҳаммияти таҳқиқи масъалаи мазкур бо зарурати таҳлили илмии вазифаҳои нави шарикони иҷтимоӣ ва таҳияи механизмҳои ҳамгиросози «кормандони рақамӣ» ба низоми кафолатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар заминаи ба Тоҷикистон хосу муносиб муайян мегардад.

Тавре ки маълум аст, вазифаҳои классикии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, ки дар КМ ҶТ  муқаррар гардидаанд, асосан ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар доираи шуғли стандартӣ, пешгирии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ, таъмини афзоиши музди меҳнат ва беҳтарсозии шароити меҳнат равона гардидаанд.  Рақамикунонӣ ба номгуи вазифаҳои шарикии иҷтимоӣ тағйироти ҷиддӣ ворид менамояд.

Тавре муҳаққиқи рус В.А. Сафонов зикр мекунад, рақамикунонӣ ба «тафриқабандӣ ва инфиродигардонии муносибатҳои меҳнатӣ боис мегардад, ки он аз низоми шарикии иҷтимоӣ тағйироти сохториро тақозо намуда, барои гузариш аз усули танзими ягона ба усули ҳифзи чандирӣ замина мегузорад, ки дар он кафолати стандартҳои калидии иҷтимоӣ, новобаста аз шакли шартномаи меҳнатӣ, асос меёбад” [137, с.33].

Чунин тағйирот дар вазифаҳои низоми шарикии иҷтимоӣ бо иҷрои вазифаҳои зерин зоҳир мегардад:

**1) Вазифаи қонунигардонӣ ва танзими шаклҳои нави шуғл.** Меҳнати платформаӣ, кори фосилавӣ ва берун аз объекти корфармо, инчунин фрилансҳо аксаран дар «минтақаҳои ноаёни» ҳуқуқӣ амал мекунанд. Ҳуқуқшиноси рус Е.В. Орлова таъкид мекунад, ки «фиксияи ҳуқуқии худиштиғолии кормандони платформа аксаран муносибатҳои вобастагии иқтисодиро пинҳон месозад, ки таҳияи мақоми миёнарави ҳуқуқиро (“корманди вобаста”, “корманди платформа”) бо татбиқи интихобии кафолатҳои ҳуқуқи меҳнат талаб мекунад» [122]. Низоми шарикии иҷтимоӣ бояд ташаббускор ва иштирокчии ташаккули заминаи ҳуқуқии чандир, вале ҳамзамон самаранок бошад.

**2) Вазифаи ҳимоя аз идоракунии алгоритмӣ.** Муҳаққиқони хориҷӣ М. Келлогг, П. Валерио ва дигарон хавфҳои ғайриинсонӣ шудани назорат, ошкор набудани қарорҳои алгоритмӣ ва фишори доимии равониро аз ҳисоби метриизатсияи ҳамаҷониба муайян мекунанд [125]. Ин боиси пайдо шудани вазифаи нави шарикии иҷтимоӣ - таҳияи шартномаҳои коллективӣ оид ба ахлоқи рақамӣ мегардад, аз ҷумла ҳуқуқ ба муоширати инсонӣ, шарҳи мантиқи алгоритмҳо ва маҳдуд кардани мониторинги рақамӣ.

**3) Вазифаи пешгирии нобаробарии рақамӣ.** Муҳаққиқони тоҷик: Г. Мирзоева, А. Сатторов ба ташаккули «маҳдудиятҳои рақамӣ» байни шаҳр ва деҳот, наслҳо ва ҷинсҳо ишора мекунанд [133]. Шарикии иҷтимоӣ бояд барои ворид намудани тадбирҳо  ба созишномаҳо ва шартномаҳо оид ба таъмини саводнокии умумии рақамӣ мусоидат намояд, ки ин бевосита ба рушди сармояи инсонӣ алоқаманд аст.

Рақамикунонӣ на танҳо таҷдиди вазифаҳо, балки бознигарии нақшҳои иштирокчиёни шарикии иҷтимоиро низ талаб мекунад, ки онро ҳам олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ таъкид менамоянд.

Иттифоқҳои касаба бо бӯҳрони амиқи аҳамиятнокӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Коршиноси рус А.В. Черных ба ин омил чунин ишора мекунад: «Рақамикунонӣ, аз як тараф, имкониятҳои техникиро барои худиштиғолии

кормандон фароҳам меорад, вале аз тарафи дигар, коллективҳои меҳнатиро пароканда намуда, заминаи анъанавии фаъолияти иттифоқи касабаро заиф мегардонад» [146, с.58]. Ба ақидаи ӯ, роҳи баромад дар татбиқи стратегияи «адвокатсия ва хизмат» мебошад. Ин равиш бо андешаҳои муҳаққиқи қазоқ У.К. Каримов низ мувофиқ аст, ки номбурда зарурати гузариши иттифоқҳои касабаи Осиёи Марказиро аз вазифаҳои тақсимотӣ ба мониторинги воқеии ҳуқуқӣ ва лоббизм дар муҳити рақамӣ таъкид менамояд [123].

Иқтисоддони рус С.Ю. Рощин ба нақши нави давлат ҳамчун эҷодкунандаи заминаҳои эътимод таваҷҷуҳ мекунад. Чунин заминаҳо аз таъиси платформаҳои рақамӣ барои ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ, низомҳои муайянсозии фосилавӣ ва таъмини шаффофияти идоракунии алгоритмиро дар бар мегирад [132]. Аз ин бармеояд, ки барои танзим ва назорати таъмини ҳуқуқҳои меҳнатӣ зарур аст, ки ҳамзамон рақамикунонии худи институтҳои танзими ҳуқуқии соҳаи меҳнат таъмин карда шаванд.

Ба назари бархе аз муҳаққиқони аврупоӣ дар чунин шароит ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ бояд роҳнамои масъулияти иҷтимоии корпоративии нав шаванд, ки ахлоқи истифодаи зеҳни сунъӣ, сиёсати киберамният ва таъмини тавозуни кору ҳаёти шахсиро барои кормандони фосилавӣ дар бар мегирад. Вазифаи онҳо ташаккули «ҳуқуқи нарм» дар соҳаҳое мебошад, ки танзими анъанавӣ аз рушд қафо мемонад.

Мутобиқсозии низоми шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар заминаи чолишҳои махсус ва ба ҳам алоқаманд сурат мегирад, ки аз ҷониби олимон таҳлил шудаанд. Иқтисоддон С.М. Хасанов қайд мекунад, ки «муколамаи сеҷониба аксаран ба тасдиқи шаклии қарорҳое маҳдуд мешавад, ки қаблан аз ҷониби давлат таҳия гардидаанд» [106, с.78]. Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус КМ ҶТ меъёрҳои махсуси танзимкунандаи меҳнати платформавӣ ва фосилавиро дар бар намегирад, ки ин омил боиси аз доираи амалии шартномаҳои коллективӣ берун монадани чунин кормандон мебошад.

Муҳаққиқи рус С.П. Поляков ҳушдор медиҳад, ки рақамикунонӣ метавонад нақши давлатро ҳамчун маркази рақамӣ бо арзиши иловагии паст (иҷрокунандагони микро-вазифаҳо, аутсорсинги одӣ) мустаҳкам намояд [135]. Бидуни иштироки фаъолонаи шарикони иҷтимоӣ ҷиҳати «баланд бардоштани сатҳ»-и сармояи инсонӣ кишвар аз иқтисоди рақамии ҷаҳонӣ канор мемонад.

Муҳаққиқони соҳаи муҳоҷират ба он таъкид менамояд, ки манфиатҳои садҳо муҳоҷири меҳнатии тоҷик, ки ба иқтисоди рақамии кишварҳои қабулкунанда ҷалб шудаанд, амалан дар муколамаи иҷтимоии миллӣ намояндагӣ надоранд. Ҳамзамон, бахши калони шуғли ғайрирасмӣ муҳите фароҳам меорад, ки рақамикунонӣ метавонад ҳам барои барасмиятдарорӣ (тавассути шартномаҳои меҳнатии рақамӣ) мусоидат намояд ва ҳам шаклҳои нави гибридии шуғли ғайрирасмиро тавлид намояд. Аз ҷумла. Н.Р. Маҳмадуллозода мушкилоти асосии гузариш ба рақамикунонии меҳнатро дар соҳаҳои идоракунии алгоритмӣ, табъиз, ҳифзи меҳнат ва ҳифзи маълумоти кормандон рабт медиҳад. Ба андешаи номбурда "ҳалли онҳо на тағйироти ҷузъӣ, балки таҳия ва татбиқи равиши ҳамаҷониба ва байнисоҳавиро талаб мекунад, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ, маданӣ, маъмурӣ ва иттилоотиро бояд муттаҳид созад" [132].

Вобаста ба ин, нақши шарикии иҷтимоӣ дар шароити таъсири зеҳни сунъӣ ба соҳаи меҳнат ва василаҳои нави танзими муносибатҳои иҷтимою меҳнатӣ таваҷҷуҳи олимонро ҷалб намудааст. Тавре В.А. Сафонов таъкид мекунад, ояндаи шарикии иҷтимоӣ ба қобилияти он ҷиҳати «қонуният бахшидан ба шаклҳои нави ҳамбастагӣ ва ҳифз дар ҷомеаи шабакавӣ» вобаста аст [137, с.41].

Бо ин назардошт метавон гуфт, ки низоми шарикии иҷтимоӣ зери таъсири тавсеаи зеҳни сунъӣ ва таъсири он ба соҳаи меҳнат ба мушкилот ва чолишҳои нав рӯ ба рӯ аст. Дар чунин шароит метавон иброз намуд, ки танҳо тавассути низоми навшуда, чандир ва фарогири шарикии иҷтимоӣ кишвар, раванди рақамикунонии меҳнатро ба самти рушди устувор равона созад ва

пешрафти иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва меҳнати арзандаро барои ҳамаи гуруҳҳои кормандон дар воқеияти нави рақамӣ таъмин намояд.

Нақши иштирокчиёни шарикии иҷтимоӣ низ дар заминаи рақамикунонии меҳнат таҳавулпазир аст. Зеро, гузариш ба иқтисоди рақамӣ барои низоми шарикии иҷтимоӣ мушкилоти нав эҷод мекунад ва тақозо мекунад, ки нақши ҳамаи иштирокчиёни он аз нав дида баромада шавад.

Дар ин марҳила, ҷиҳати таъмини ҳамгироии низоми шарикии иҷтимоӣ ба равандҳои муосир, аз ҷумла гузариш ба рақамисозии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ вазифаҳои шарикони иҷтимоӣ аз инҳо иборат хоҳад буд: 1) давлат ҳамчун субъекти шарикии иҷтимоӣ вазифаи таҳия ва татбиқи чаҳорчӯбаи стратегии танзимкунандаи шуғли фосилавӣ ва платформавӣ, таъмини инфрасохтори рақамӣ ва таҳияи барномаҳои бозомӯзии кормандонро ба зимма дошта, бояд ҷиҳати муқаррар кардани кафолатҳо барои "кормандони рақамӣ" ва усулҳои ҳимояи онҳо муколамаи сеҷонибаро тақвият диҳад; 2) иттиҳодияҳои корфармоён бояд ба марказҳои фаъоли тиҷорати рақамӣ табдил ёбанд. Нақши нави онҳо таҳияи стандартҳои ахлоқӣ барои истифодаи зеҳни сунъӣ ва идоракунии алгоритмӣ, лоббигарӣ барои ҳалли мутавозини танзимкунанда ва таблиғи беҳтарин таҷрибаҳо дар истифодаи кори фосилавӣ мебошад; 3) азбаски иттифоқҳои касаба дар ҳифзи ҳуқуқҳои қувваи кории "ноаён" (кормандони фосилавӣ) бо мушкилоти асосӣ мувоҷеҳ ҳастанд, вазифаи онҳо таҳияи шаклҳои нави ҷалб ва намояндагӣ барои кормандони платформаҳои рақамӣ, гуфтушунид дар бораи ҳуқуқҳои рақамӣ (ҳуқуқи қатъ кардани алоқа, ҳуқуқи махфияти рақамӣ) ва назорати хатарҳои равонӣ-иҷтимоии марбут ба назорати рақамиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо рақамисозӣ моҳият ва рисолати шарикии иҷтимоиро аз байн намебарад, балки равишҳо ва усулҳои фаъолияти онро дигаргун мекунад. Муваффақиятҳои ин гузариш ва мутобиқшавӣ ба ин раванд аз қобилияти субъектҳои шарикии иҷтимоӣ барои гузаштан аз моделҳои анъанавӣ ва якҷоя ташаккул додани "шартномаи иҷтимоии электронӣ"-и нав

вобаста хоҳад буд. Гуфтан мумкин аст, ки танҳо тавассути муколамаи фаъол ва пурмазмун метавон кафолат пешниҳод намуд, ки пешрафти технологӣ ба таъсиси ҷойҳои кории муносиб ва суботи иҷтимоӣ дар асри муосири рақамикунонӣ оварда мерасонад.

Демократикунонии минбаъдаи муносибатҳои меҳнатӣ, васеъ кардани фарогирии шартномаҳои коллективӣ барои корхонаҳои бахши хусусӣ ва мутобиқ кардани ин низом ва тадбирҳои ба ҳалли мушкилоти рақамикунонӣ нигаронидашуда, шартҳои муҳими баланд бардоштани нақши шарикии иҷтимоӣ ҳамчун омили рушди устувори Тоҷикистон мебошанд.

Бо мақсади таъмини гузариш ба иқтисоди рақамӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №460 «Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»[57] тасдиқ гардидааст. Барномаи мазкур татбиқи як қатор лоиҳаҳоро дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ низ пешбинӣ мекунад, аз ҷумла «рақамикунонии масъалаҳои мушоракати иҷтимоию меҳнатӣ вобаста ба шартномаҳои меҳнатӣ; рақамикунонии хизматрасониҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ (бақайдгирии электронии шаҳрвандони корҷӯ, таъин ва пардохти кумакпулӣ барои давраи бекорӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор барои машғул шудан ба соҳибкорӣ, пардохти стипендияи хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии касбӣ ва маблағгузории иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок ва ғайра); табодули иттилоот миёни дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ; таъсис додани харитаи электронии интерактивии шуғли аҳолӣ ва бекорӣ; баҳисобгирии электронии рафту омади муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвар» [57].

Мавриди зикр аст, ки дар доираи Барномаи мазкур доир ба таъсиси платформаҳои рақамии меҳнат, аз ҷумла доир ба ҷойҳои кории холӣ, хизматрасониҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ, баҳисобгирии электронии корҷуён ва муҳоҷирони меҳнатӣ оғоз гардидаанд.

Аммо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз дарки муҳиммияти мавзуъ, ҳануз танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ ҳалли худро наёфтааст. Аз мақсадҳои Барномаи зикршуда бармеояд, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла рақамикунонии муносибатҳои иҷтимою меҳнатиро низ фаро мегирад. Табиист, ки ҳамагуна гузариши муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тарзу усулҳои нав заминаҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои мушаххаси танзимкунандаро тақозо мекунад. Вале, айни замон барои гузариш ба рақамикунонии муносибатҳо дар бахши шарикии иҷтимоӣ заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда нашудаанд. Ба андешаи мо рақамикунонӣ дар ин бахш пеш аз ҳама ҳамкории шарикони иҷтимоиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ дар назар дорад. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани шартномаи коллективии электронӣ барои танзими муносибатҳои иҷтимою меҳнатӣ байни корфармоён ва кормандони фосилавӣ ва флирансҳо яке аз чунин механизмҳои нави танзими ҳуқуқӣ дар ин бахш хоҳад буд. Бинобар ин, ба назари мо, ба роҳ мондани таҳқиқоти илмӣ барои омӯхтани усулу воситаҳои мушаххаси танзимкунанда барои иқтисоди платформавӣ муҳим буда, дар заминаи хулоса ва пешниҳодҳои асосноки илмӣ таҳия намудани созишномаҳо ва шартномаҳои соҳавии рақамии озмоишӣ дар бахшҳое, ки бештар ба рақамикунонӣ осебпазиранд, ногузир аст. Ҳамчунин, бо мақсади таъмини заминаҳои ҳуқуқии гузариш ба рақамикунонӣ, бояд дар КМ ҶТ чаҳорчубаи танзими ҳуқуқии воситаҳои рақамии танзими муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла муносибатҳо дар бахши шарикии иҷтимоӣ, шароитҳо, тартиби таҳия ва доираи амали санадҳои электронии шарикии иҷтимоӣ муқаррар карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, рақамикунонии меҳнат дар Тоҷикистон раванди ҷорӣ мебошад, ки мутобиқсозии фаврӣ ва фаъолонаи институти шарикии иҷтимоиро низ тақозо мекунад. Бо назардошти таҳқиқи масъалаи мазкур чунин хулоса манзур карда мешавад:

1. Ба КМ ҶТ меъёрҳои махсус доир ба танзими меҳнати кормандони рақамӣ ворид карда шавад. Ба назари мо зарур аст, ки дар асоси ғояи «мақоми

миёнарав» дар КМ ҶТ кафолатҳои ҳадди ақал барои кормандони фосилавӣ ва платформаӣ муқаррар карда шуда, заминаи ҳуқуқии ҳамгироии ин гуруҳи кормандон ба низоми шарикии иҷтимоӣ фароҳам оварда шавад. Дар робита ба ин, мундариҷаи шартномаҳои анъанавии коллективӣ, ки асосан танҳо масъалаҳои музди меҳнат ва шароити корро танзим менамоянд, бояд тағйир дода шуда, он ба муҳити рақамии меҳнат (ахлоқи алгоритмӣ, ҳифзи маълумот, ҳуқуқ ба қатъи иртибот) мутобиқ карда шавад. Чунин муқаррарот бояд дар КМ ҶТ пешбинӣ карда шавад.

2. Ҳавасмандгардонии иттифоқҳои касаба ҷиҳати татбиқи модели нави намояндагӣ тавассути рушди хизматрасониҳои рақамӣ барои кормандон ва ҷалби шаклҳои нави шарикии иҷтимоӣ тавассути мутаҳидшавии кормандон ба иттифоқҳои касабаи кормандони фосилавӣ, фрилансҳо амсоли ин.

3. Ба рӯзномаи муколамаи шарикони иҷтимоӣ ворид намудани барномаҳои миллии бартарафсозии нобаробарии рақамӣ, махсусан барои занони деҳот ва кормандони калонсол.

4. Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дефинитсияи “шартномаи коллективии электронӣ” пешниҳод карда мешавад, ки ба назари мо он барои истифода дар таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, муҳокима ва баррасии он дар муколамаҳои шарикии иҷтимоӣ, инчунин истифодаи он ҳамчун заминаи консептуалии дастгоҳи мафҳумии қонунгузорӣ муҳим аст: **Шартномаи коллективии электронӣ** - шакли электронии шартномаи коллективӣ мебошад, ки дар асоси қонунгузории меҳнат байни корфармо ва намояндагони кормандон бо истифода аз технологияҳои рақамӣ баста шуда, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла шароити меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии тарафҳоро танзим менамояд.

# ХУЛОСА

Натиҷаи таҳқиқоти мазкур, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистонро фаро мегирад, барои таҳияи хулосаҳои зерин замина гузошт:

1. Таърихан мафҳуми «институти шарикии иҷгимоӣ» бо батартибдарорӣ, шаклгирӣ ва бақолабдарории муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ҷомеа сахт вобаста мебошад. Дар ҳама марҳилаҳо пайдоиши талаботи муайяни ҷамъиятӣ ва шароит барои қонеъ гардонидани онҳо омили асосии ниҳодикунонӣ мебошад. Институти шарикии иҷгимоӣ дар асоси муносибатҳои иҷтимоӣ, муносибати байниҳамдигариии шахсони алоҳида ва гуруҳҳои иҷтимоӣ сурат мегирад. Таърихи ташаккулёбии институти шарикии иҷтимоиро дар рушди ғояҳои шарикии иҷтимоӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Таҳқиқи институти шарикии иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими илми ҳуқуқ, хусусан илми ҳуқуқи меҳнат ба шумор рафта, олимони зиёде атрофи он назарияҳои гуногуни илмии хешро изҳор медоранд [2 - М].

2. Муҳимияти шарикии иҷтимоӣ дар замони муосир дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун унсури калидӣ дар амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии давлатӣ накши муассир ва муайянро ба зимма дорад. Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми ҳуқуқӣ ва иҷтимоие, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро инъикос менамояд, ба пешгирӣ, пешгӯӣ ва ҳалли ихтилофҳо ва низоъҳо дар доираи гуногунтарафаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, хусусан дар соҳаи меҳнат ва низоми ҳимояи иҷтимоӣ равона карда шудааст. Дар сурати пайдо шудани ихтилофу низоъ, механизми шарикии иҷтимоӣ имкон медиҳад то ризояти тарафҳои мухолиф бидуни рӯроварӣ ва ҳусни тафоҳум ба даст ояд. Хусусиятҳои сохтори шарикии иҷтимоӣ ошкор карда шуд, ки он маҷмуи мақомот ва ташкилотҳоро дар бар гирифта, аз ҳисоби намояндагони кормандон, корфармоён ва давлат барои танзими муносибатҳои асосан иҷтимоӣ-меҳнатӣ ташаккул ёфта истодааст. Бо назардошти ин пешниҳод мегардад, ки ба КМ ҶТ моддаи 300 (1) дар мавзуи “Тарафҳои шарикии

иҷтимоӣ” илова карда шавад [3,8-М].

3. Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки механизми бавуҷудоӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ тавассути муносибатҳои шартномавию коллектӣ дар ҳар як давлат дорои чунин хусусият мебошад: якум, дастаҷамъии меҳнаткашон-кормандон баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои худ дар якҷоягӣ, мустаҳкамии тартиботи ҳуқуқӣ ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ; дуюм, эътироф намудани аксарияти корфармоён оид ба зарурати дар як шакли муайян даровардани ҳуқуқи муайяни меҳнаткашон дар устувории муносибатҳои меҳнатӣ ва таъмини амнияту бехатарӣ дар раванди истеҳсолот; сеюм, манфиати давлат дар муносибатҳои соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ [7-М].

4. Мутобиқи муқаррароти қисми 2-и моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, сиёсати пешгирифтаи он ба фароҳам овардани шароит барои ҳаёти арзандаи инсон, фароҳам овардани инкишофи озодонаи инсон ва рушди инсон равона карда шудааст [12-М]. Ин маънои онро дорад, ки аз як тараф, давлат вазифадор аст, ки ба инсон имкониятҳои ташаккули шахсияти худ, гирифтани маълумот ва касбомӯзӣ, ёфтани ҷои кор ва таъмин намудани зиндагии худ ва оилаашро фароҳам оварад. Аз тарафи дигар, дар ҳолатҳои ба амал омадани мушкилот ё ҳолатҳои фавқулодда, давлат вазифадор аст, ки ҳимояи иҷтимоии шахсро таъмин намуда, воситаҳои заруриро барои ҳаётгузаронии муносиб пешниҳод кунад. Дар давоми 31 соли амалкунӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои мукаммал қабулшуда дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои рушди шарикии иҷтимоӣ нақши калидӣ дошта, сохтори муносибатҳои нави шарикии иҷтимоиро дар ҷомеа ба роҳ мондаанд [9-М].

5. Таҳлили меъёрҳои КМ ҶТ нишон дод, ки таърифи истилоҳи “шарикии иҷтимоӣ”, ки дар банди шастуҳаштуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ дода шудааст, мазмуни ҳуқуқии ин падидаро пурра ва мукаммал ифода намекунад. Бинобар ин, мафҳуми зерини “шарикии ифтимоӣ” таҳия карда

шуд, ки ба назари мо метавонад дар таҳқиқотҳои илмии ин самт ва амалияи қонунгузорӣ истифода шавад: "Шарикии иҷтимоӣ - низоми муносибатҳои байни кормандон (намояндагони кормандон), корфармоён (намояндагони корфармоён), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад, ки ба таъмини ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон ва корфармоён оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевоситаи ба онҳо алоқаманд, дар асоси қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда равона гардидааст" [4-М].

6. Муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи локалӣ шаклҳои гуногуни фаъолиятро фаро мегиранд, ки аз ҷумла ба: гузаронидани музокироти коллективӣ ва бастани шартномаҳои коллективӣ бо ҳамзамон назорат аз болои иҷрои онҳо; иштироки фаъолонаи кормандон дар идоракунии истеҳсолот; муайян ва беҳтар намудани шароити меҳнат; омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси касбии кормандон дар доираи ташкилотҳо; инчунин назорати риоя ва татбиқи қонунгузории меҳнат ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат иртибот мегиранд. Чунин муносибатҳо ба гурӯҳи муносибатҳои самаранок ва мустақиман вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ мансуб буда, нақши асосӣ дар танзими равандҳои меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокдорони онҳо доранд [5 -М].

7. Таҳқиқот муайян намуд, ки номгуи принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ, ки дар моддаи 298 КМ ҶТ муайян шудааст, пурра ва мукамал нест. Ба андешаи мо, ба қатори ин принсипҳо бояд ҳамчунин "принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ" ва "принсипи мусоидати давлат ба таҳким ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар асосҳои демократӣ" илова карда шавад [1-М].

8. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки такмили минбаъдаи механизми шарикии иҷтимоӣ зарур аст. Ба назари мо, ин раванд бояд ба тавсеа ва таҳкими институти шарикии иҷтимоӣ равона гардад, бо эътибори махсус ба мустаҳкам

намудани мақоми ҳуқуқии намояндагони кормандон ва корфармоён дар сатҳҳои гуногуни шарикии иҷтимоӣ, ҳамзамон бо риояи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи меҳнат, таҳкими нуфузи иттифоқҳои касаба дар ташкилотҳо бахусус дар ташкилотҳои бахши хусусӣ, корхонаҳои хурду миёна, баланд бардоштани мақоми ҳуқуқӣ ва нақши иштироки намояндагони корфармоён дар муколамаи иҷтимоӣ равона карда шавад. Бинобар сабаби такмилталаб будани танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, бахусус номукаммалии дастгоҳи мафҳумии он, то охир коркард нашудани механизмҳои ҳуқуқии равандҳои шарикии иҷтимоӣ ҳануз ҳам дар мамлакат муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ниҳоят суст инкишоф ёфта истодаанд. Принсипҳои он амалӣ намегарданд, механизмҳои шарикӣ – комиссияҳои сетарафа, дутарафа, мақомоти арбитражӣ, мақомоти созишу оштикунонӣ ва ё ризоиятӣ самараи дилхоҳ надоранд, дурнамои самтҳои рушди онҳо муайян нестанд ва заминаҳои муносиби ҳуқуқӣ таҳия нашудаанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур бо назардошти самтҳо ва равишҳои рушди муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ  зарурати таҳия ва қабули Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат асоснок карда мешавад [1-М].

9. Санадҳои корфармо дар низоми муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун санадҳои локалӣ ва муассир баррасӣ мешаванд, ки аз ҷониби корфармо мустақиман ё дар ҳамоҳангӣ ва мувофиқа бо мақомоти ваколатдори намояндагии кормандони ташкилот қабул гардида, амали онҳо маҳдуд ба ҳудуди ташкилот мебошад. Нақши чунин санадҳо дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ хеле муҳим мебошад. Аввалан, санадҳои корфармо муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии эътибори баландтарро дар доираи ташкилот татбиқ мекунанд ва амалӣ менамоянд. Дуввум, дар баробари татбиқи нишондодҳои санадҳои ҳуқуқии эътибори баланд, санадҳои меъёрии корфармо вазифаи тафсил ва мушаххасгардонии муқаррароти қонунгузориро бо назардошти шароитҳои хоси ташкилот иҷро менамоянд. Сеюм, онҳо метавонанд норасоии

ҳуқуқиро пурра намуда, дар ҳолатҳое, ки санадҳои дахлдори мақомоти давлатӣ вуҷуд надоранд, вазифаи танзими аввалияи ҳуқуқиро ба зимма гиранд. Чорум, санадҳои корфармо имконият доранд, ки кафолатҳои иловагии иҷтимоӣ ва меҳнатиро барои кормандони ташкилот муайян ва таъмин кунанд, ки ин ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳли заҳмат мусоидат менамояд. Бо ҳамин, санадҳои корфармо ҳам ҳамчун воситаи татбиқи қонунгузории меҳнат ва ҳам ҳамчун механизми васеъ намудани кафолатҳои иҷтимоӣ ва самаранокии идоракунии ташкилот хизмат мекунанд [6 -М].

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» дар маҷмуъ барои фаъолияти ин иттиҳодияҳо замина гузоштааст, принсипҳои умумии ин самтро муқаррар намудааст, аммо механизмҳои самаранокро барои таъмини намояндагии воқеии ин иттиҳодияҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ эҷод намекунад. Ин омил ба тавлиди шумораи зиёди иттиҳодияҳои корфармоёни иқтидорашон паст имкон додааст, ки дар амалия чунин иттиҳодияҳо метавонанд дар шарикии иҷтимоӣ ҷониби корфармоёни як соҳаи калонро намояндагӣ намоянд. Чунин иттиҳодияҳо дар асл масъулияти ҷониби корфармоёнро тибқи созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ иҷро карда наметавонанд. Ба назари мо зарур аст, ки барои интихоби намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ дар сатҳои соҳавӣ ва минтақавӣ аз меъёрҳои «иттиҳодияи намояндаи аксарият» кор гирифта шавад. Чунин меъёри миқдорӣ ва сифатии намояндагӣ бояд бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён” муқаррар карда шавад. Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шарикии иҷтимоӣ низ зарурати ворид намудани чунин меъёрҳо ногузир аст. Шумораи умумии кормандони ташкилотҳои аъзои иттиҳодия, фарогирии минтақаҳо, соҳаҳои фаъолият, таҷрибаи иштирок дар музокиротҳо ба сифати меъёрҳои интихоби иттиҳодияҳо ҳамчун намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ ба инобат гирифта шаванд. Ин имкон медиҳад, ки доираи муайяни ташкилотҳое, ки

ҳаққи интихобии овоздиҳӣ ва имзои созишномаҳоро дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ доранд, муайян карда шавад.

Дар баробари ин, муҳим аст то мақоми институти “созишномаҳои сеҷонибаи шарикии иҷтимоӣ” баланд бардошта шуда, меъёру шартҳои дар онҳо муқарраркарда набояд бо санадҳои сатҳи поёнии шарикии иҷтимоӣ: созишномаҳои дуҷониба ва шартномаҳои коллективӣ истисно шаванд. Чунин талабот ва оқибати риоя накардани онро бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муқаррар намуд. Ин метавонад ба санадҳои шарикии иҷтимоӣ ва аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии он мақоми воқеӣ бахшад ва масъулияти иштироки иттиҳодияҳои корфармоёнро дар музокиротҳо баланд бардорад [11] .

11. Табдили рақамии иқтисоди ҷаҳонӣ муҳити муносибатҳои меҳнатиро ба таври куллӣ тағйир дода, шаклҳои нави ташкили меҳнат ва шуғлро ба вуҷуд оварда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба занҷираҳои глобалии арзиш саъй дорад, низ таҳти таъсири ин раванд қарор мегирад. Рақамикунонӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва чандирии меҳнат имконият фароҳам меорад, вале ҳамзамон хавфҳои ҷиддии иҷтимоӣ-меҳнатиро ба миён меорад, аз ҷумла: аз доираи танзими ҳуқуқи берун мондани меҳнат, коҳишёбии сатҳи таъмини кафолатҳои меҳнатӣ ва номуайянии ҳудуди вақти корӣ ва истироҳат. Аллакай аввалин чолишҳо аз истифодаи барномаҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ба назар мерасанд. Дар чунин шароит низоми анъанавии шарикии иҷтимоӣ, ки бар модели сеҷонибаи ҳамкории давлат, иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба асос ёфтааст, бо зарурати мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав рӯ ба рӯ мегардад. Бинобар ин, таҷдиди назар намудани вазифаҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва мутобиқсозии фаъолиятҳои онҳо ба талаботи нав ногузир аст.

Рақамисозӣ моҳият ва рисолати шарикии иҷтимоиро аз байн намебарад, балки онро дигаргун мекунад. Ба даст овардани муваффақиятҳо аз ин гузариш

ва мутобиқшавӣ ба ин раванд аз қобилияти субъектҳои шарикии иҷтимоӣ барои гузаштан аз моделҳои анъанавӣ ва якҷоя ташаккул додани "шартномаи иҷтимоии рақамӣ"-и нав вобаста хоҳад буд. Танҳо тавассути муколамаи фаъол ва самараноки шарикони иҷтимоӣ метавон кафолат дод, ки пешрафти технологӣ ба таъсиси ҷойҳои кории муносиб ва суботи иҷтимоӣ дар асри рақамӣ мусоидат мекунад. Дар ин росто, ба роҳ мондани таҳқиқоти илмӣ барои омӯхтани усулу воситаҳои мушаххаси танзимкунанда барои иқтисоди платформавӣ муҳим буда, дар заминаи хулоса ва пешниҳодҳои асосноки илмӣ таҳия намудани созишномаҳо ва шартномаҳои соҳавии рақамии озмоишӣ дар бахшҳое, ки бештар ба рақамикунонӣ осебпазиранд, ногузир аст.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дефинитсияи “шартномаи коллективии электронӣ” пешниҳод карда мешавад, ки ба назари мо он барои истифода дар таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, муҳокима ва баррасии он дар муколамаҳои шарикии иҷтимоӣ, инчунин истифодаи он ҳамчун заминаи консептуалии дастгоҳи мафҳумии қонунгузорӣ муҳим аст: “Шартномаи коллективии электронӣ - шакли электронии шартномаи коллективӣ мебошад, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва дар асоси қонунгузории меҳнат байни корфармо ва намояндагони кормандон баста шуда, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла шароити меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии тарафҳоро танзим менамояд” [10 -М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар асоси муқарраpоти илмии аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур ҳосилшуда, барои такмили қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои зерин таҳия гардиданд:

Ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зайл ворид карда шаванд:

1.Банди шастуҳаштуми қисми 1 моддаи 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад: “Шарикии иҷтимоӣ - низоми муносибатҳои байни кормандон (намояндагони кормандон), корфармоён (намояндагони корфармоён), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад, ки ба таъмини ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон ва корфармоён оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевоситаи ба онҳо алоқаманд, дар асоси қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷуҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, равона карда шудааст;”.

-ба моддаи 1 сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: “Шӯрои коллективи меҳнатӣ - яке аз мақоми ихтиёрии намояндагии кормандони ташкилот буда, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон ташкил карда мешавад;”.

- ба моддаи 298 (Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ) сархатҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

“- таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ;”

“ - мусоидати давлат дар мустаҳкам намудан ва инкишоф додани шарикии иҷтимоӣ дар асоси демократӣ”.

